UNESCO

Ташкилоти СММ
оид ба масоили маориф,
илм ва фарҳанг



# РӮЗНОМАНИГОРӢ, ~~‘АХБОРИ ҚАЛБАКӢ’~~ ВА ИТТИЛООТИ БАРДУРӮҒ

Дастур доир ба тарбияи касбии хабарнигорон

Силсилаи ЮНЕСКО дар умури таҳсили рӯзноманигорӣ

Соли 2020 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид доир ба масоили маориф, илм ва фарҳанг, дар майдони Фонтенуа 7, 75352 Порис 07 SP, Фаронса нашр шудааст.

© UNESCO 2020
ISBN: 978-9230-000998

Нашри мазкур дар дастрасии озод ба василаи иҷозатномаи Attribution-ShareAlike 3.0 IGO (CC-BY- SA 3.0 IGO) (http://creative commons.org/licenses/by-sa/3.0/igo/) мавҷуд аст. Бо истифодабарии нашрияи мазкур, корбарон ба шартҳои истифодабарии бойгонии дастрасиаш озоди ЮНЕСКО (www.unesco.org/open-access/terms-use-ccbysa-en) розигӣ медиҳанд.

Унвони аслии китоб: *Journalism, "Fake news" & Disinformation: Handbook for Journalism Education and Training.* Бори аввал нашр шуд дар соли 2018 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид доир ба масоили маориф, илм ва фарҳанг, дар майдони Фонтенуа 7, 75352 Порис 07 SP, Фаронса нашр шудааст.

Истифодабарии ном ва пешниҳоди маводҳои ин нашрия ягон нуқтаи назари ЮНЕСКО-ро оид ба вазъи ҳуқуқии ягон кишвар, қаламрав, шаҳру ноҳия ё мақомоти идоракунии марбутаи онҳо, инчунин хатҳои ҷудокунӣ ё сарҳад ифода намекунанд.

Фикру ақидаҳои дар нашрия изҳоршуда мавқеи муаллифонро ифода намуда, бо мавқеи ЮНЕСКО ҳатман мувофиқ нестанд ва ба зиммаи Созмон ягон гуна масъулиятро вогузор наменамояд.

**Муҳаррирон:** Черилин Иретон ва Ҷули Посетти

**Ҳаммуаллифон:** Ҷули Посетти, Черилин Иретон, Клэр Уордл, Хоссейн Дерахшан, Элис Мэтьюс, Магда Абу-Фадил, Том Тревиннард, Фергус Белл, Алексиос Мантсарлис

**Тадқиқоти иловагӣ:** Том Ло
**Ороиши графикӣ:** Ҷ-би Клинтон
**Ороиши вароқи титулӣ:** Ҷ-би Клинтон
**Расмҳо:** ЮНЕСКО, First Draft and Poynter
**Ҳуруфчинӣ:** ЮНЕСКО
**Табъу нашр:** ЮНЕСКО

Аз си ширкати Lingvosolutions тарума шудааст, соли 2019

**Макони нашр:** Тоҷикистон

Черилин Иретон ва
Ҷули Посетти

# Рӯзноманигорӣ, ‘ахбори қалбакӣ’ ва маълумоти ғалат

**Дастур доир ба тарбияи касбии хабарнигорон**

# МУНДАРИҶА

Сарсухан: Гай Бергер 6

**Муқаддима:** *Черилин Иретон ва Ҷули Посетти* **12**

**Истифодабарии дастури мазкур ҳамчун нақшаи дарсии намунавӣ:**
*Ҷули Посетти* **24**

**МОДУЛИ 1: Ҳақиқат, эътимод ва рӯзноманигорӣ: чаро ин муҳим аст** **30**
*Черилин Иретон*
Баёни мухтасар 31
Тавсифи умумӣ 33
Мақсадҳои модул 39
Натиҷаҳои омӯзиш 39
Сохти модул 39
Вазифаи пешниҳодшуда 40
Адабиёт 41

**МОДУЛИ 2: Мушоҳида дар бораи «бесарусомонии иттилоотӣ»: андозаҳои иттилооти бардурӯғ, ахбори қалбакӣ ва нокифоя** **42**
*Клэр Уордл ва Ҳусейн Дерахшан*
Баёни мухтасар 43
Тавсифи умумӣ 43
Мақсадҳои модул 50
Натиҷаҳои омӯзиш 51
Формати модул 51
Вазифаи пешниҳодшуда 53
Маводҳо 53
Адабиёт 54

**МОДУЛИ 3: Таҳвили индустрияи ахборот: технологияҳои рақамӣ, барномаҳои иҷтимоӣ ва паҳнгардонии иттилооти бардурӯғ ва қалбакӣ** **55**
*Ҷули Посетти*
Тавсифи умумӣ 58
Мақсадҳои модул 67
Натоиҷи таҳсил 67
Формати модул 68
Вазифаи пешниҳодшуда 69
Адабиёт 70

## МОДУЛИ 4: Мубориза бо иттилооти бардурӯғ ва ғалат тавассути ВАО ва саводнокии иттилоотӣ 72

*Магда Абу-Фадил*

Баёни мухтасар 73 73
Маълумоти умумӣ 74 74
Мақсадҳои модул 78 78
Натиҷаҳои омӯзиш 78 78
Формати модул 79 79
Вазифаи пешниҳодшуда 82 82
Маводҳо 82 82
Адабиёт 82 82

## МОДУЛИ 5: Санҷиши далелҳо 84

*АлексиосМансарлис*

Баёни мухтасар 85
Тавсифи умумӣ 85
Мақсадҳои модул 92
Натоиҷи омӯзиш 93
Андозаи модул 93
Вазифаи пешниҳодшуда 97
Адабиёт 98

## МОДУЛИ 6: Санҷиш дар шабакаҳои иҷтимоӣ: баҳодиҳии сарчашмаҳо ва мундариҷаи визуалӣ 101

*Том Тревиннард ва Фергус Белл*

Баёни мухтасар 102
Мақсадҳои модул 108
Натоиҷи омӯзиш 108
Формати модул 109
Вазифаи пешниҳодшуда 110
Маводҳо 110
Адабиёт 111

## МОДУЛИ 7: Мубориза бо сӯйистифода дар Интернет: вақте ки онҳо ба рӯзноманигорон ва манбаъҳои онҳо равона мешаванд 115

*Ҷули Посетти*

Баёни мухтасар 116
Тавсифи умумӣ 117
Мақсадҳои модул 123
Натоиҷи омӯзиш 124
Андозаи модул 124
Вазифаи пешниҳодшуда 126
Адабиёт 126

Ҳаммуаллифон 128
Аксбардорон 128

# САРСУХАН

ЮНЕСКО баҳри таҳкими таълими журналистӣ кор мебарад ва нашрияи мазкур пешниҳоди навтарин бо сарчашмаҳои пешрафтаи донишандӯзӣ ба шумор меравад.

Нашрия як қисми Ташаббуси глобалии мукаммалсозии маърифати журналистӣ дар мавзӯи Барномаи Байналмиллалии рушди алоқа (ББРА)-и ЮНЕСКО мебошад. Ташаббус ба омӯзиш, амалия ва таҳқиқи журналистӣ аз нуқтаи назари глобалӣ, аз ҷумла мубодилаи таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ равона шудааст.

Мутаносибан ин дастур ҳамчун нақшаи намунавии таълимии умумиҷаҳонии назаррас мебошад, ки барои қабул ва татбиқ намудан кушода буда, ба мушкилии пайдоиши мушкилии глобалии иттилооти ғалат, алалхусус дар журналистика вокуниш менамояд.

Дар дастур фарзияи он, ки истилоҳи “ахбори қалбакӣ” дорои маънои соддаву возеҳ ё маънои умумии фаҳмидашаванда дорад, истисно мешавад[1]. Ин вобаста ба он аст, ки истилоҳи “ахбор” иттилооти боэътимод ба манфиати ҷомеа маънӣ дорад ва иттилооте, ки ба ин стандартҳо ҷавобгӯ нест, сазовори чунин номгузорӣ кардан буда наметавонад. Ҳамин тариқ, ба ин маъно “хабарҳои қалбакӣ” – ин оксиморонест, ки эътимоднокии хабарро зери шубҳа мегузорад, ки он воқеан ба ҳадди эътимоднокӣ ва манфиатҳои ҷамъият рост меояд, яъне хабари воқеӣ аст.

Бо мақсади беҳтар дарк кардани ҳолатҳои дастакории зархариди (манипулирования) забон ва конвенсияҳои услуби ахбор, ин нашрия тақаллуби иттилоотро ба сабабҳои пайдоиши онҳо, алалхусус категорияи маълумоти бардурӯғ ва шаклҳои гуногуни иттилооти ғалат, аз ҷумла қолабҳои фароғатӣ ба монанди мемҳои визуалӣ, баррасӣ менамояд.

Дар ин нашрия, иттилооти ғалат одатан ба кӯшишҳои барқасдона (аксар вақт бодиққат таҳияшуда) алоқаманд карда мешавад, ки одамонро ба ҳолати иштибоҳ меоранд ё бо роҳи пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ба онҳо дастакорӣ (манипулирование) менамоянд. Аксар вақт, ин бо стратегияҳои параллелӣ ва тагхаттии дастгирии иттилоотӣ ва маҷмӯи тактикаҳои дигар, ба мисоли, воридшавии ғайриқонунӣ ба ҳаёт ё обрӯрезонии одамон мебошад. Маълумоти бардурӯғ ба таври умум иттилооти гумроҳкунандаеро мемонад, ки бидуни қасос ё қасдан сохта ё паҳн карда шудаанд. Ҳарду намуди иттилоот барои ҷомеа мушкилот доранд, аммо маълумоти бардурӯғ махсусан хатарнок аст, зеро он ҳамеша таҳия шуда, бо захираҳо ва бо технологияи автоматӣ дастгирӣ карда мешавад.

Паҳнкунандагони иттилооти қалбакӣ дар осебпазирӣ ё потенсиали ғаразноки гирандагон, бо умеди ба ҷониби худ майл кардан, ҳамчун тақвиятдиҳанда ва афзорбуда бозӣ мекунанд. Дар натиҷа, онҳо кӯшиш мекунанд моро ба роҳнамоёни паёмҳои худ гардонанд, бо истифода аз тамоюли мо барои мубодилаи иттилоот бо сабабҳои гуногун истифода кунанд. Хатари махсус дар он аст, ки "ахбори қалбакӣ" дар ин маъно озод аст ва ин маънои онро дорад, ки одамоне, ки қобилияти пардохти матбуоти босифатро надоранд ва ё дастрасӣ ба хадамоти мустақили ахбори оммавӣ надоранд, ба иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодуруст (таъсирпазиранд) гирифторанд.

Паҳн кардани иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодуруст ба таври васеъ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмнависони фаврӣ ба роҳ монда шудааст, ки масъалаи миқёси танзим ва худтанзимкунии ширкатҳоро пешниҳод мекунад. Дар муқоиса бо

---

1 See Tandoc E; Wei Lim, Z and Ling, R. (2018). “Defining ‘Fake News’: A typology of scholarly definitions” in *Digital Journalism* (Taylor and Francis) Volume 6, 2018 - Issue 2: ‘Trust, Credibility, Fake News’.

таҳиякунандагони мундариҷа, ҳамчун платформаи мобайнии табиӣ баромад карда, ин ширкатҳо айни замон танҳо танзими соддакардашуда доранд (ба истисноии ҳуқуқи муаллиф). Бо назардошти фишори афзоянда ба онҳо ва инчунин хавфҳо ба озодии сухан аз танзими аз ҳад зиёд, дар доираи худтанзимкунӣ қадамҳои тасодуфӣ афзоиш меёбанд.[2] Соли 2018, Гузоришгари махсуси СММ оид ба ақида ва озодии баён дар маърӯзаи ҳарсолаи худ диққати асосиро ба масъалае ҷалб намуд, ки дар он аз ширкати интернетӣ талаб карда мешавад, ки аз худтанзимкунӣ дар васоити ахбор бо риояи стандартҳои СММ дар бораи ҳуқуқи интиқол, ҷустуҷӯ ва гирифтани иттилоот мувофиқати хубтарро биомӯзанд[3]. Дар ин муҳити зудинкишофёбандаи чорабиниҳое, ки аз ҷониби давлатҳо ва ширкатҳо гузаронида мешаванд, нақши хеле муҳим ба рӯзноманигорон ва расонаҳои хабарӣ, яъне онҳое, ки ин интишорро мегиранд, гузошта мешавад.

## *Фарқиятҳо*

Иттилои бардурӯғ ва маълумоти ғалат аз журналистика (сифатан) фарқ мекунад, ки ба меъёрҳо ва ахлоқи касбӣ мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, онҳо инчунин аз журналистикаи заиф фарқ мекунанд, ки ба имкониятҳои худ мувофиқат намекунад. Журналистикаи мушкилсоз, масалан, дар худ хатогиҳои доимӣ (ва ислоҳношуда)-ро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи таҳқиқи нокофӣ ё санҷиши бедиққатона гузаронидашуда ба миён меоянд. Ба он эҷод кардани сенсатсия бо муболиғаи барои таъсиррасонӣ ва интихоби хеле ғаразноки далелҳо аз ҳисоби объективӣ тааллуқ дорад.

Аммо ин идеали журналистика нест, ки ҳама гуна далелҳо ва нуқтаи назарҳоро бо рӯзноманигории субстандартӣ ва бо идеология нақшунигор кардашуда болотар меистад. Баръакс, ин ҳатто маънии онро дорад, ки ҳама намуди рӯзноманигорӣ изҳороти далелҳоро дар бар мегиранд ва мушкилот бо рӯзноманигории субстандартӣ – ин мавҷудияти далелҳо не, балки сатҳи пасти касбӣ аст. Аз ин рӯ, рӯзноманигории заиф ҳанӯз аз иттилооти бардурӯғ ё маълумоти ғалат фарқ мекунад.

Бо вуҷуди ин, журналистикаи бесифат баъзан имкон медиҳад, ки иттилооти бардурӯғ ё маълумоти ғалат пайдо шавад ё онҳо ба системаи хабарҳои воқеӣ ворид шаванд. Аммо сабабҳо ва роҳҳои бартарафсозии рӯзноманигории заиф аз ҳолатҳои хабарҳои ғалат ва иттилооти бардурӯғ фарқ мекунанд. Дар айни замон, возеҳ аст, ки рӯзноманигории қавии ахлоқӣ ҳамчун алтернатива ва зиддизаҳролудшавӣ (антидот) бар зидди ифлосшавии муҳити иттилоотӣ ва омили вазнинкунандаи паҳнкунии ахбори дилгиркунанда ба маънои васеъ зарур аст.

Имрӯз рӯзноманигорон на танҳо аз ҷараёни рушдкунандаи иттилооти нодуруст ва маълумоти бардурӯғ мушоҳида менамоянд. Онҳо худ низ дар ин роҳрав мавқеъ гирифтаанд.[4] Ин чунин маъно дорад, ки:

---

2 Manjoo, F. (2018). What Stays on Facebook and What Goes? The Social Network Cannot Answer. *New York Times*, 19 July, 2018. https://www.nytimes.com/2018/07/19/technology/facebook-misinformation.html [accessed on 20/07/2018]; https://www.rt.com/usa/432604-youtube-invests-reputable-news/ [accessed on 15/07/2018]; https://youtube.googleblog.com/ [accessed on 15/07/2018]; https://sputniknews.com/asia/201807111066253096-whatsapp-seeks-help-fake-news/ [accessed on 15/07/2018].

3 Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression. UN Human Rights Council 6 April 2018. A/HRC/38/35. https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/G18/096/72/PDF/G1809672.pdf?OpenElement [accessed on 20/07/2018].

4 Despite the threat, according to one study the newsrooms in one country lacked systems, budget and trained personnel dedicated to combating disinformation. See: Penplusbytes. 2018. *Media Perspectives on Fake News in Ghana*. http://penplusbytes.org/publications/4535/ [accessed 12/06/2018].

ɒ Рӯзноманигорӣ ба хавфи бо какофония ғарқ шудан дучор мешавад;

ɒ Рӯзноманигорон хатари ба дастакорӣ гирифтор шуданро аз ҷониби субъектҳое, ки аз доираи ахлоқи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебароянд, ва кӯшиши маҷбур кардан ё ба таври ришва додан рӯзноманигоронро барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ кӯшиш доранд[5].

ɒ Рӯзноманигороне, ки ҳамчун мухотибон баромад мекунанд, ва ба хотири ҳақиқат, аз ҷумла ҳақиқати талх кор мекунанд, метавонанд худ объекти дурӯғ, масхара ва тӯҳмат шаванд, ки худашон ва нашрияҳои онҳоро таҳдид ва тӯҳмат мекунанд, хусусан дар ҳоле ки корҳояшон барои ошкор кардани онҳое, ки маълумоти бардурӯғро таҳия ё интиқол медиҳанд, таҳдид менамояд[6].

Илова бар ин, рӯзноманигорон бояд эътироф кунанд, ки дар ҳоле ки майдони асосии маълумоти нодуруст ин ВАО-и иҷтимоӣ ҳастанд, бозингарони пурқувват аз «хабарҳои бардурӯғ» истифода мебаранд, то ин ки расонаҳои воқеиро пахш намоянд. Қонунҳои нав ва қатъӣ оҷонсиҳои хабариро муттаҳам месозанд, гӯё онҳо муаллиф буданд ва ё онҳоро бо муқаррароти васеи нав муттаҳид мекунанд, ки фаъолияти ҳамаи платформаҳои иттилоотиро бидуни истисно маҳдуд мекунанд. Ин муқаррарот ҳамчунин аксар вақт ба принсипҳои байналмиллалӣ мувофиқат намекунанд, ки маҳдудияти баён, бояд бешак зарур, мутаносиб ва барои мақсадҳои қонунӣ мувофиқ бошанд. Амали онҳо, ҳатто агар на ҳама вақт нияти онҳо бошад, ин аз он иборат аст, ки ВАО-и воқеиро бо «вазорати ҳақиқат» пайваст кунанд ва ҳуқуқи пинҳон кардани маълумотро танҳо бо сабабҳои сиёсӣ дошта бошанд.

Дар шароити иттилооти бардурӯғи муосир ва маълумоти ғалат, хавфи баландтарин ин танзими беасоси журналистика нест, балки он аст, ки ҷомеа ба тамоми маводи иттилоотӣ, аз ҷумла журналистика эътимодашро аз даст медиҳад. Дар ин ҳолат, одамон, эҳтимолан, маводи иттилоотиро барои эътимоднокӣ қабул мекунанд, новобаста аз он, ки он аз ҷониби шабакаҳои иҷтимоии онҳо тасдиқ карда мешавад ва ба дили онҳо рост меояд, аммо ӯҳдадориҳоро дар сари худ ба назар намегирад. Мо аллакай таъсири манфии онро ба эътиқодоти ҷамъиятӣ нисбати саломатӣ, илм, фаҳмиши байнифарҳангӣ ва вазъи дониши ҳақиқӣ дида метавонем.

Ин таъсирот ба ҷомеа махсусан ба интихобот ва худи ғояи демократия ҳамчун ҳуқуқӣ инсонӣ дахл дорад. Иттилооти ғалат махсусан дар рафти овоздиҳӣ ба чӣ нигаронида шудааст, на ҳатман барои он ки ҷомеаро боварӣ бахшидан ба воқеият доштани маводи иттилоотӣ, балки барои таъсиррасонӣ барои муайянкунии рӯзномаи рӯз (он чизеро ки мардум муҳим мешуморад) ва ҷараёни иттилотиро ифлос кунад, то омилҳои оқилона дар интихоби овозҳои мардум коҳиш диҳад.[7] Мисли ин, масоили муҳоҷират, тағйирёбии иқлим ва дигарҳо метавонанд зери фишори сахти номуайянӣ дар натиҷаи таъсири иттилооти бардурӯғ ва ғалат монанд.

Ин хатарҳо сабабгори мубориза бо пайдоиши "хабарҳои қалбакӣ" мебошанд, ки вазифаи ҷудонопазири рӯзноманигорӣ ва маърифати рӯзноманигорӣ мебошад. Дар баробари ин, таҳдидҳо инчунин имконият медиҳанд, ки аҳамияти васоити ахбори оммаро фаъолона нишон диҳанд. Онҳо шонс медиҳанд, ки дар хусусияти

5 Butler, P. 2018. *How journalists can avoid being manipulated by trolls seeking to spread disinformation*. http://ijnet.org/en/blog/how-journalists-can-avoid-being-manipulated-trolls-seeking-spread-disinformation. See also Module Three of this handbook.

6 See Module Seven

7 Lipson, D (2018) *Indonesia's 'buzzers' paid to spread propaganda as political elite wage war ahead of election*, ABC News: http://mobile.abc.net.au/news/2018-08-13/indonesian-buzzers-paid-to-spread-propaganda-ahead-of-election/9928870?pfmredir=sm [accessed 17/8/18].

фарқкунандаи худро дар таҷрибаи касбӣ барои пешниҳоди маълумоти боэътимод ва шарҳҳои огоҳона ба манфиати ҷамъиятӣ таъкид кунанд[8].

## *Журналистика бояд чӣ кор кунад*

Дар ин замина, замоне фаро расидааст, ки васоити ахбори омма бештар ба стандартҳои касбӣ ва ахлоқи касбӣ ҳамроҳ шавад, аз интишори маълумоти тасдиқнашуда худдорӣ намуда, аз нашри иттилооте, ки танҳо манфиати як гурӯҳи алоҳидаи ҷомеаро ифода намуда, ба манфиати ҷомеа нестанд, канорагирӣ кунад.

Бинобар ин, нашрияи мазкур ҳамчун ёдраси саривақтӣ хизмат мекунад, ки ҳама васоити ахбори омма ва рӯзноманигорон, сарфи назар аз майлҳои сиёсии худ, бояд аз паҳншавии тасодуфӣ ва беасоси маълумоти бардурӯғ ва иттилооти ғалат худдорӣ намоянд. Имрӯз, дар бисёре аз расонаҳои хабарӣ, нест кардани муқарраротбa шарти гузаронидани тафтишоти дохилии иттилоот, то андозае ба он оварда расонид, ки айни ҳол ҳамчун "қудрати панҷум"-и блоггерҳо ва дигар фаъолони беруна қабул карда шудааст, ки ба хатогиҳои журналистон ишора мекунад, гарчанде онҳо аллакай паҳн шудаанд.

Ин падидаи ғайричашмдошт метавонад аз ҷониби васоити ахбори омма ҳамчун тақвияти манфиати ҷомеа ба иттилооти мӯътамад дастгирӣ карда шавад. Рӯзноманигорон бояд кори гурӯҳҳои аудити мустақилро ба доираи васеи шунавандагон расонанд. Аммо онҳо бояд донанд, ки агар иштирокчиёни беруна дар як оҷонсии иттилоотӣ номуваффақии системаро нишон диҳанд, ин ҳадди ақкал бренди муассисаро ҳамчун манбаи касбии хабарҳо зери шубҳа мегузорад. ВАО бояд эҳтиёт шаванд, ки тағиротҳои берунӣ пас аз интишорот равандҳои дохилии назорати сифатро иваз намекунанд. Пеш аз ҳама, журналистон бояд бештар кор кунанд ва вазифаашонро дуруст иҷро кунанд ё дар акси ҳол ҷомеаро аз имконияти дастрасӣ ба расонаҳои хабарии боэътимод маҳрум кунанд.

Дар натиҷа, бозии тасҳеҳкунандаи мақомоти назоратии беруна бозие нест, ки дар он журналистика ғолиб мебарояд. Журналистон наметавонанд ба ин созмонҳое, ки маълумотро тафтиш мекунанд, барои анҷом додани кори рӯзноманигорӣ аз паи тафтиши даъвои шубҳаноки аз сарчашмаҳо гирифташуда (новобаста аз он, ки ин даъвоҳо дар васоити ахбори омма пешкаш карда шудаанд ё не, ё сарфи назар аз рӯзноманигорӣ мустақиман дар ВАО-и иҷтимоӣ пайдо шудаанд ё не) имкон диҳанд. Қобилияти таҷрибаомӯзони навигариҳо бояд аз услуби "ӯ гуфт, ки гуфт" берун рафта, эътимоднокии даъвоҳо омӯхта шаванд ва мукаммал гардонида шаванд.

Рӯзноманигорӣ инчунин бояд пешакӣ ҳолатҳо ва шаклҳои нави маълумоти нодурустро ошкор ва ифшо кунад. Ин вазифа бахусус барои васоити ахбори омма муҳим аст ва алтернатива барои равишҳои танзими «ахбори қалбакӣ» мебошад. Мисли вокуниши фаврӣ ба саволи муҳим ва ҳассос, ин стратегияҳои марбут ба муҳити иттилоотиро ба монанди ВАО ва саводнокии иттилоотӣ мукаммал ва мустаҳкам менамояд, ки ба шунавандагон фарқияти навигарӣ, маълумоти бардурӯғ ва иттилооти бардурӯғро фароҳам меорад. Иттилоот дар бораи ин як паёми гарм аст ва инъикоси қавии он хидмати журналистикаро барои ҷомеа тақвият мебахшад.

Аз ин рӯ, ин дастур даъват ба амал аст. Он инчунин журналистонро ба муколамаи иҷтимоӣ даъват мекунад, то одамон дар ҳақиқат ростқавлиро интихоб кунанд ва

8 See also: Nordic Council of Ministers. 2018. *Fighting Fakes - the Nordic Way*. Copenhagen: Nordic Council of Ministers. http://www.nordicom.gu.se/en/latest/news/fighting-fakes-nordic-way [accessed 12/06/2018].

чаро бархе аз онҳо иттилооти тасдиқнашударо паҳн мекунанд. Дар мавриди расонаҳои хабарӣ барои мактабҳои журналистика ва донишҷӯёни он дар якҷоягӣ бо мураббиён ва донишҷӯёни онҳо, ин имкони асосӣ барои таваҷҷӯҳи шаҳрвандӣ дар шунавандагон аст. Масалан, ҷалб кардани доираи васеъи мардум зарур аст, агар ВАО бояд дар бораи маълумоти бардурӯғи махфӣ, ки дар паёмҳои иҷтимоӣ ё почтаи электронӣ паҳн карда мешавад, фош ва хабар диҳад.

## *Нақшҳои ЮНЕСКО*

Ин манбаи нав аз ҷониби Барномаи байналмилалии рушди алоқа (ББРА) аз ҷониби ЮНЕСКО муносибати беназир ва ҳамаҷониба ба динамикаи мухталифи инфрасохтор дар баробари ба даст овардани малакаҳои амалӣ, ки дониш ва малакаҳои нишон додашударо мукаммал менамояд фароҳам меоварад[9]. Дар санади ЮНЕСКО сухан дар бораи ҳавасмандгардонии рӯзноманигорон ба кори оптималӣ ва худтанзимкунӣ ҳамчун алтернатива нисбати хавфҳои дахолати давлат барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар соҳаи озодии баён гуфта мешавад.

Нашрия пас аз ду кори пешинаи ЮНЕСКО, "Омӯзиши журналистика барои рушди устувор: Барномаҳои таълимии нав"[10] (с.2015) ва "Нақшаҳои намунавии таълимӣ оид ба таҳсилоти рӯзноманигорӣ: Маҷмӯи барномаҳои нав" (с. 2013) нашр хоҳад шуд. Ин нашрияҳо, дар навбати худ, натиҷаи кори пурсамари ЮНЕСКО мебошанд
“Барномаи таълимии намунавии таҳсилоти рӯзноманигорӣ”[11], ки соли 2007 бо нӯҳ забон нашр шудааст.

Дигар нашрияҳои арзишашон бардавом, ки ба нашрияҳои ЮНЕСКО оид ба таълим ва таҳсилоти рӯзноманигорӣ вобастаанд:

Курси намунавии бехатарии журналистӣ (2017)[12]

ɒ Терроризм ва ВАО: дастур барои журналистон (2017)[13]

ɒ Тағйирёбии иқлим дар Африқо: дастур барои журналистон (2013)[14]

ɒ Маҷаллаи ҷаҳонии таҳқиқоти журналистӣ (2012)[15]

ɒ Таҳқиқоти таърихӣ: Роҳнамо барои журналистони таҳқиқотчӣ (2009)[16]

ɒ Гузориши ҳассос ба низоъ: вазъияти кунунӣ; курс барои журналистон ва омӯзгорони журналистика (2009)[17]

---

9 The 61st meeting of the IPDC Bureau in 2017 decided to support the Global Initiative for Excellence in Journalism Education by making a special allocation to develop new syllabi on new key topics for journalism. Progress was reported to the 62nd meeting of the IPDC Bureau in 2018, which then allocated an additional amount to support this curriculum.

10 http://www.unesco.org /new/en/communication-and-information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ teaching-journalism-for-sustainable-development/ [accessed 12/06/2018].

11 http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ model-curricula-for-journalism-education/ [accessed 12/06/2018].

12 https://en.unesco.org/news/unesco-releases-model-course-safety-journalists [accessed 12/06/2018].

13 https://en.unesco.org/news/terrorism-and-media-handbook-journalists [accessed 12/06/2018].

14 http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ climate-change-in-africa-a-guidebook-for-journalists/ [accessed on 12/06/2018].

15 http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ the-global-investigative-journalism-casebook/ [accessed 12/06/2018].

16 http://unesdoc.unesco.org/images/0019/001930/193078e.pdf [accessed 12/06/2018].

17 http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ conflict-sensitive-reporting-state-of-the-art-a-course-for-journalists-and-journalism-educators/ [accessed on 12/06/2018].

Ҳар яке аз ин нашрияҳо дар даҳҳо кишвари ҷаҳон арзишманданд, ки дар онҳо муаллимон ва мураббиёни рӯзноманигорӣ, инчунин донишҷӯён ва рӯзноманигорони корӣ таҷрибаҳои худро такмил доданд. Дар баъзе ҷойҳо онҳо чандирӣ нишон доданд ва ба ҳама барномаҳои бисёрсола якҷоя бо донишҳои нав ва илҳом мутобиқ шуданд; дар ҷойҳои дигар, кор то ворид кардани унсурҳои захираҳои ЮНЕСКО ба курсҳои мавҷуда рафт. Гумон кардан мумкин аст, ки сифат ва пайдарҳамии ин нашрияи нав ба хонандагон манфиати зиёд меорад.

Азбаски ЮНЕСКО созмони байнидавлатӣ мебошад, вай дар геополитика радди иттилоот иштирок намекунад. Тавре ки маълум аст, барои маълумоти нодуруст даъвоҳо ва изҳороти мухталиф мавҷуданд. Ин донишҳо бояд дар бораи хондани ин матн иттилоъ диҳанд ва инчунин хонандагонро илҳом бахшад, ки дар ҷамъоварии далелҳои минбаъда дар ҳама гуна ҳолатҳо кӯмак кунанд.

Ҳамзамон, аз канорагирии нисбӣ, дар саҳифаҳои роҳнамо салоҳиятҳои зерин ба таври возеҳ сабт карда шудаанд, зеро онҳо асосҳои бешак барои арзёбӣ ва амал мебошанд:

1. Донистани он, ки ахбороти ашхоси шаффоф интишор ва санҷида шуда, барои демократия, рушд, илм, тандурустӣ ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ муҳиманд,
2. Эътироф кардани он, ки маълумоти нодуруст ҷолиб нест ва мубориза бар зидди он барои расонаҳои хабарӣ қатъист,
3. Хоҳиши такмили маҳорати касбии рӯзноманигорӣ, агар хоси рӯзноманигории фарогир ва дақиқ бошад, ҳамчун алтернативаи боэътимоди маводи иттилоотии қалбакӣ бояд рақобат кунад.

Дигар салоҳиятҳои пуриқтидор ва муҳим дар ин нашрия, ки ба рӯзноманигорон ва оҷонсиҳои хабарӣ алоқаманданд, инҳоянд:

1. Дониш ва малакаҳое, ки системаҳои таҳририяи навигариро фароҳам меоранд, мониторинг, таҳқиқ ва гузоришдиҳии маълумоти бардурӯғро,

2. Донистани арзиши шарикӣ байни оҷонсиҳои иттилоотӣ, мактабҳои журналистика, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ташкилотҳое, ки дурустии маълумотро тасдиқ мекунанд, ҷомеаҳо, ширкатҳои интернетӣ ва мақомоти танзимкунанда дар мубориза бо ифлосшавии иттилоот,

3. Маълумот дар бораи зарурати ҷалб кардани ҷомеа, аҳамияти қадрдонӣ ва ҳимояи журналистика аз монеа бо роҳи зиёдшавии маълумоти нодуруст ё таъсири киберҷинояткорон, ки маъракаҳои иттилоотии бардурӯғро зидди журналистонро пеш мебаранд.

Ҳамин тавр, ин нашрия бояд ба ҷомеаҳо дар бораи миқёси вокунишҳои ҷамъиятӣ ба масъалаҳои маълумоти ғалат, аз ҷумла аксуламал аз давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳомиёни ҳуқуқи инсон, ширкатҳои интернетӣ ва тарафдорони ВАО ва саводнокии иттилоотӣ кӯмак кунад. Аз ҷумла, вай таъкид мекунад, ки худи рӯзноманигорон ва нафароне, ки онҳоро таълим медиҳанд, чӣ кор карда метавонанд.

Мо умедворем, ки ин дастур метавонад ба тақвияти саҳми муҳим дар журналистика барои ҷомеа ва инчунин нияти ҳадафҳои рушди устувор дар таъмини дастрасии ҷамъиятӣ ба иттилоот ва озодиҳои асосӣ мусоидат кунад. ЮНЕСКО ба муҳаррирон ва ҳаммуаллифон барои ба ҳаёт даровардани ин китоб сипосгузор аст. Аз ин рӯ, он ба шумо - хонанда пешниҳод карда мешавад ва мо фикру мулоҳизаҳои шуморо бо майли том қабул хоҳем кард.

# Муқаддима

**Гай Бергер**

*Директори Озодии баён ва рушди ВАО,*
*Котиби IPDC ЮНЕСКО*

Шерилин Аретон ва Ҷули Посетти[1]

Ҳамчун як барномаи таълимии намунавӣ, дастури мазкур ба омӯзгорон ва тренерони журналистика дар якҷоягӣ бо донишҷӯёни факултаи рӯзноманигорӣ заминаву дарсҳоеро фароҳам меорад, ки ба онҳо дар ҳалли масъалаҳои марбут ба "хабарҳои қалбакӣ" кӯмак мекунад. Мо инчунин умедворем, ки ин дастур барои журналистони амалӣ муфид хоҳад буд.

Дастури мазкур дар худ саҳми устодони маъруфи байналмилалии журналистика, муҳаққиқон ва мутафаккиронро дар такмили рӯзноманигорӣ ва амалияи ҳалли мушкилоти марбут ба иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодурустро ҷамъ меоварад. Машғулиятҳо матнӣ, назариявӣ ва дар ҳолати санҷиши онлайнӣ амалӣ мегарданд. Дар якҷоягӣ ҳамчун курс ва ё дар алоҳидагӣ истифода бурда шуда, онҳо метавонанд ба навсозии модулҳои мавҷудаи омӯзиш ё эҷод кардани пешниҳодҳои нав кӯмак кунанд. Мулоҳизаи "*Чӣ гуна ин дастурро ҳамчун намунаи нақшаи таълимӣ истифода бурдан мумкин аст*" пас аз сарсухан пешниҳод карда шудааст.

Оид ба истифодаи истилоҳи "ахбори қалбакӣ" дар сарлавҳа ва дар машғулиятҳо баҳсҳо гузаронида шудаанд. Алҳол "ахбори қалбакӣ" маънии нисбатан бештаре дорад, назар ба нишони (ёрлиқ) иттилооти бардурӯғ ва гумроҳкунанда, ки пинҳонкорона ҳамчун ахбор паҳн карда мешавад. «Ахбори қалбакӣ» ба истилоҳи эҳсосотӣ ва ба таври васеъ истифодашаванда гаштааст, ки барои таҳқир ва бадном кардани рӯзноманигорӣ истифода бурда мешавад. Дар робита бар ин, истилоҳҳои “маълумоти бардурӯғ”, “иттилооти ғалат” ва “бесарусомонии иттилоотӣ”, ки аз ҷониби Уордл ва Дерахшон[2] пешниҳод карда шудаанд, беҳтаранд, аммо тавсия дода намешаванд.[3,4]

### *Эъломияи муштарак дар бораи озодии баён, "Ахбори қалбакӣ", иттилооти бардурӯғ ва таблиғот*

Дастури мазкур дар заминаи нигаронии афзояндаи байналмилалӣ доир ба “ҷанги иттилооти бардурӯғ”, ки дар он журналистика ва журналистон ҳадафи асосӣ мебошанд, таҳия шудааст. Аввали соли 2017, вақте ЮНЕСКО ин лоиҳаро оғоз кард, як Изҳороти вижаи аз ҷониби Гузоришгари махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба озодии баён ва изҳорот, Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО, Гузоришгари махсуси Созмони мамолики Амрико дар бораи озодии баён ва Гузоришгари махсуси Комиссияи Африқо оид ба ҳуқуқи инсон дар масъалаҳои озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот иброз карда шуд. Эъломия аз паҳн шудани иттилооти ғалат, таблиғот ва ҳамлаҳо ба васоити ахбори омма ҳамчун “ахбори бардурӯғ” изҳори нигаронӣ кард. Маърӯзачиён ва намояндагон махсусан ба таъсиррасонӣ ба журналистон ва журналистикаро эътироф карданд:

---

1 Alice Matthews of ABC Australia and Tom Law of the Ethical Journalism Network contributed research, ideas and resources which are reflected in this introduction.

2 Module Two

3 The argument against using the term ‘fake news’ has been made by many writers and journalists themselves, including Basson, A. (2016) *If it’s fake, it’s not news.* https://www.news24.com/Columnists/AdriaanBasson/lets-stop-talking-about-fake-news-20170706 [accessed 12/06/2018].

4 Wardle, C et al. (2018). “Information Disorder: the essential glossary”. Shorenstein Center, Harvard University. Available at: https://firstdraftnews.org /wp-content/uploads/2018/07/infoDisorder_glossary.pdf?x25702 [accessed 21/07/2018].

*"(Мо) аз он, ки мақомоти давлатӣ васоити ахбори оммаро тӯҳмат ва таҳдид мекунанд, аз ҷумла изҳор мекунанд, ки ВАО "оппозитсия" ё "мунофиқ" мебошанд ва ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсии пинҳонӣ доранд, ки хатари таҳдидҳоро афзун мекунанд ва зӯроварӣ нисбати журналистон эътимоди ҷомеаро ба журналистика ҳамчун як посбони ҷамъиятӣ халалдор мекунад ва метавонад ҷомеаро гумроҳ карда, дар байни хатоҳои иттилооти нодуруст ва маҳсулоти расонаҳои дорои далелҳои мустақил санҷидашаванда халал расонад».[5]*

**_Иттилооти бардурӯғ – аз замонҳои қадим вуҷуд дорад ва бо технологияҳои муосир обутоб дода шудааст._**

Сафарбаркунӣ ва коркарди иттилоот хусусияти таърихиест, ки хеле пеш аз рӯзноманигории муосир стандартҳоро муқаррар карда буд, ки навигариро ҳамчун жанр дар асоси қоидаҳои мушаххаси дахлнопазирӣ муайян мекарданд. Сабти ибтидоӣ ба Руми қадим рост меояд[6], вақте ки Энтони Клеопатра ва душмани сиёсии ӯ Октавиан алайҳи ӯ як маъракаи тӯҳматиро бо "шиори кӯтоҳе дар тангаҳо бо сабки твитҳои кӯҳна навишта шудааст"[7] ташкил кард. Аввалин шуда гунаҳкор Императори Рум гашт, ва ахбори қалбакӣ ба Октавиан имкон дод, ки системаи ҷумҳуриявиро якбора ва то абад тақсим кунад».[8]

Асри 21 бошад, истифодаи иттилоотро ҳамчун силоҳи андозааш беназир дидааст. Технологияҳои нави пуриқтидор коркард ва сохтакории маводи иттилоотиро осон гардонида, шабакаҳои иҷтимоӣ, маводи таблиғотӣ ва иттилоотие, ки аз ҷониби давлатҳо, сиёсатмадорони аздаҳанмондаи радикалӣ ва ташкилотҳои беинсофи тиҷоратӣ паҳн карда мешаванд, ба таври назаррас афзоиш медиҳанд, зеро онҳо аз ҷониби ҷомеаи интиқодӣ истифода мешаванд. Платформаҳо заминаи мусоид барои таблиғи компютерӣ[9], "троллинг"[10] ва пайдоиши "артиши тролл ҳо"[11], "клонҳо"[12] ва киберҷинояткороне, ки ҳамчун корбарони қонунӣ баромад мекунанд[13] гаштааст. Ғайр аз он, дар атрофи интихобот "фабрикаҳои троллҳо"-и тамаъкор пайдо мешаванд[14].

Гарчанде замона ва технологияҳо фарқ мекунанд, таърих метавонад ба мо оид ба сабабҳо ва оқибатҳои падидаи имрузаи «бесарусомонии иттилоотӣ», ки дар дастури мазкур муҳокима шудааст, тасаввуроте диҳад. Барои таъмин кардани гузориши муфассал доир ба ин бӯҳрон, рӯзноманигорон, омӯзгорон ва тренерони рӯзноманигорӣ (дар якҷоягӣ бо донишҷӯён) омӯхтани иттилооти бардурӯғ, таблиғот, тӯҳмат ва ҳаҷвро ҳамчун хусусиятҳои таърихии экологияи алоқа тавсия медиҳанд[15].

5 UN/OSCE/OAS/ACHPR (2017). Joint Declaration on Freedom of Expression and "Fake News", Disinformation, Propaganda: https://www.osce.org/fom/302796?download=true [accessed 29/03/2017]. See also: Kaye, D (2017) Statement to the UN General Assembly on October 24th, 2017: https://www.ohchr.org/en/NewsEvents/Pages/DisplayNews.aspx?NewsID=22300&LangID=E [accessed: 20/8/18].

6 See a timeline plotting selected manifestations of 'information disorder' - from Cleopatra's era to the present - in a guide published by the International Center for Journalists (ICFJ) Posetti, J & Matthews, A (2018): https://www.icfj.org/news/short-guide-history-fake-news-and-disinformation-new-icfj-learning-module [accessed 23/07/2018].

7 Kaminska, I. (2017). *A lesson in fake news from the info-wars of ancient Rome*. Financial Times. https://www.ft.com/content/aaf2bb08-dca2-11e6-86ac-f253db7791c6 [accessed 28/03/2018].

8 ibid

9 See: Oxford Internet Institute's Computational Propaganda Project: http://comprop.oii.ox.ac.uk/ [accessed 20/07/2018].

10 See Module Seven of this handbook for case studies demonstrating these threats

11 Rappler.com (2018) Fake News in the Philippines: Dissecting the Propaganda Machine https://www.rappler.com/newsbreak/rich-media/199895-fake-news-documentary-philippines-propaganda-machine [accessed 20/07/2018].

12 Gent, E. (2017). Sock puppet accounts unmasked by the way they write and post. https://www.newscientist.com/article/2127107-sock-puppet-accounts-unmasked-by-the-way-they-write-and-post/ [accessed 19/07/2018].

13 Le Roux, J. (2017). Hidden hand drives social media smears. https://mg.co.za/article/2017-01-27-00-hidden-hand-drives-social-media-smears [accessed 19/07/2018].

14 Silverman, C et al (2018) *American Conservatives Played a Role in the Macedonian Fake News Boom of 2016* Buzzfeed https://www.buzzfeednews.com/article/craigsilverman/american-conservatives-fake-news-macedonia-paris-wade-libert [accessed 20/07/2018].

15 Posetti, J and Matthews, A (2018) A short guide to the history of 'fake news': A learning module for journalists and journalism educators ICFJ https://www.icfj.org /news/short-guide-history-fake-news-and-disinformation-new-icfj-learning-module [accessed 23/07/2018].

Бинобар ин, инкишоф намудани стратегияҳои журналистӣ барои мубориза бо иттилооти бардурӯғ зарур аст, бо донистани он, ки коркарди иттилоот беш аз ҳазорсолаҳо ба шумор дорад ва рушди касби рӯзноманигорӣ бошад, нисбатан ба наздикӣ ба миён омадааст[16]. Бо мурури рушди рӯзноманигорӣ, ки дар ҷомеаи муосир нақши меъёрӣ мебозад, расонаҳои хабарӣ бахусус мустақилона аз ҷаҳони тақаллубӣ ва ҳамлаи пинҳонӣ, ки аз ҷониби рӯзноманигорӣ ҳифз карда мешавад, кор карда тавонистанд, ки ба стандартҳои касбии гузоришдиҳии ҳақиқат ва методологияҳои санҷиши воқеияти иттилоот ва ахлоқи манфиатҳои ҷамъиятӣ ниёз дорад. Худи рӯзноманигорӣ аз бисёр марҳилаҳо ва давраҳои ҷудо шудан аз омма гузаштааст. Имрӯз, бо вуҷуди рӯзноманигории мухталиф, ҳанӯз ҳам имкон дорад, ки дар хабарҳои воқеӣ, чун аъзои як оилаи амалияи фарққунандаи муошироти ахлоқӣ, ки онҳо низ аз манфиатҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ мустақил нестанд, иттилооти гуногун таъсис дода шавад. Аммо пеш аз таҳияи ин меъёрҳо якчанд қоидаҳо оид ба дахлнопазирии иттилооте, ки дар омма паҳн карда шудааст, вуҷуд доштанд.

Паҳншавии дастгоҳи чопии Гутенберг, дар миёнаи асри 15, барои пайдоиши рӯзноманигории касбӣ ногузир буд, аммо технология инчунин боиси афзоиши таблиғ ва тӯҳмат гашт, ки баъзан воситаҳои ахбори оммаро ба гунаҳкорӣ мекашид[17]. Пахшкунӣ тавассути радио имкониятҳои таблиғот, тӯҳмат ва ахбори сохтаро ба сатҳи нав бардошт, аз ҷумла намоиши радиои машҳури "Ҷанги ҷаҳонӣ", ки соли 1938 муаррифӣ шуда, дорои овозаи бад шуда буд[18]. Афзоиш ёфтани пахши радиои байналмилалӣ инчунин аксар вақт василаи иттилоотро таҷассум мекард миқёси параметрҳои хабарҳои касбӣ ва мустақил, сарфи назар аз он, ки ҳикояҳои сохта ва тақаллуби бевосита асосан дар маводҳои навозандагони мухталиф бештар истисноанд.

Ҳамчунин мо метавонем аз таърихи тӯлонии одамоне, ки ба шӯхиҳои фулузи апрел, ки аз ҷумла ба як рӯзноманигори тасодуфӣ шомиланд, чизе биомӯзем[19]. Ҳатто имрӯзҳо чунин мешавад, ки ҳаҷвия (сатира) дар ахбор, ки нақши муҳимро дар баҳодиҳии рӯзноманигорӣ[20] мебозад, аз ҷониби корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ нодуруст фаҳмида мешавад, дар ҳоле, ки онҳо худ ин иттилоотро ҳамчун хабарҳои тоза паҳн мегардонанд.[21] [22] Дар баъзе ҳолатҳо зуҳуроти таърихиро инъикос мегардонад, дар ҳар сатҳ тахминан сомонаҳои ҳаҷвӣ вуҷуд доранд, ки ҷузъи шабакаи васеъ буда, барои гирифтани даромад аз рекламаи интернетӣ тавассути корбарони нисбатан зудбоваре, ки рекламаро пахш (клик) намуда, мубодила (репост) менамоянд. Ин натанҳо ба

---

16 See Module Three of this handbook

17 See for example, what is said to the first-large scale news hoax – '*The Great Moon Hoax*' of 1835. Detailed here: Thornton, B. (2000). *The Moon Hoax: Debates About Ethics in 1835 New York Newspapers*, Journal of Mass Media Ethics 15(2), pp. 89-100. http://www.tandfonline.com/doi/abs/10.1207/S15327728JMME1502_3 [accessed 28/03/2018].

18 Schwartz, A.B. (2015). *The Infamous "War of The Worlds" Radio Broadcast Was a Magnificent Fluke*, The Smithsonian. http://www.smithsonianmag.com/history/infamous-war-worlds-radio-broadcast-was-magnificent-fluke-180955180/#h2FAexeJmuCHJfSt.99 [accessed 28/03/2018].

19 Laskowski, A. (2009). *How a BU Prof April-Fooled the Country: When the joke was on the Associated Press*, BU Today. https://www.bu.edu/today/2009/how-a-bu-prof-april-fooled-the-country/ [accessed 01/04/2018].

20 Baym, G (2006) *The Daily Show: Discursive Integration and the Reinvention of Political Journalism* in Political Communication Taylor and Francis Volume 22, 2005 - Issue 3 pp 259-276 https://www.tandfonline.com/doi/abs/10.1080/10584600591006492 [accessed 20/07/2018].

21 Woolf, N. (2016) *As fake news takes over Facebook feeds, many are taking satire as fact*, The Guardian. https://www.theguardian.com/media/2016/nov/17/facebook-fake-news-satire [accessed 01/04/2018].

22 Abad-Santos, A. (2012). *The Onion Convinces Actual Chinese Communists that Kim Jong-Un is Actually the Sexiest Man Alive*, The Atlantic. https://www.theatlantic.com/entertainment/archive/2012/11/onion-convinces-actual-chinese-communists-kim-jong-un-actually-sexiest-man-alive/321126/ [accessed 28/03/2018].

маводи ғайриқонунии иттилоотӣ, балки ба эътимодияти навигариҳо низ таъсир мерасонад[23], ки беш аз пеш далели он аст, ки чаро рӯзноманигорон бояд кӯшишҳои қатъӣ, пеш аз ҳама дурустии паёмҳои худро таъмин намоянд. Ҳамчунин ин як далели қавӣ барои ҷомеаҳо аст, то ин ки шунавандагонро бо салоҳияти ВАО ва саводнокии иттилоотӣ[24] муҷаҳҳаз гардонанд, то ин ки одамон дорои баҳогузории дақиқ ва танқидии жанрҳои инкишофёфта ва конвенсияҳоро дар васоити ахбори омма, реклама, фароғат ва шабакаҳои иҷтимоӣ дошта бошанд.

Таърих ҳамчунин моро таълим медиҳад, ки нерӯи аз тарафи дигари маълумоти бардурӯғ истода, на ҳамеша боэътимод гардонидани рӯзноманигорон ва табақаҳои васеи ҷомеаро оиди дурустии талаботи дурӯғин на беш аз зери шубҳа гузоштани мақоми маълумотҳои воқеӣ, ки аз ҷониби коргардонони касбии ахбор таҳия карда мешаванд, тахмин менамояд. Ин нофаҳмоӣ маънои онро дорад, ки аксари шунавандагони навигариҳо торафт бештар оид ба ҳуқуқҳои худ барои интихоб ё эҷоди далелҳои худ, баъзан бо кӯмаки сиёсатмадороне, ки худро аз танқиди одилона дифоъ кардан мехоҳанд, талаб мекунанд.

Ба соли 2018, ба афзоиши босуръати воситаҳои пуриқтидори сохтафзорҳои нав менигарем. Ин воситаҳо якҷоя бо табиати шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои паёмнависӣ, ки стандартҳои маҳдуди назорати сифатро барои муайян кардани он, ки ахбор чист, доро ҳастанд, барои ба назар расонидани хабарҳои қалбакӣ ва бардурӯғро ҳамчун воқеӣ осон мегардонанд.

Вақтҳои охир эҷод кардани аудио ва видео чунин имконпазир шудааст, ки онҳо аз ҳудуди таҳрири ахбори воқеӣ баромада, нишон медиҳанд, ки шахси аниқ дар ҷое чӣ гуфтааст ё чӣ коре кардааст, ва ин иттилоотро дар шакли иттилооти аслӣ интишор намуда[25], видеои машҳурро ба шабакаҳои иҷтимоӣ ирсол намоянд.

Имрӯзҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ аз бисёр намудҳои маводи иттилоотӣ сар карда то шахсияти сиёсӣ ғизо мегиранд. Мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки мустақиман ё ғайримустақим аз ҷониби давлатҳо ва/ё ширкатҳои ҷамъиятӣ дар мувофиқа бо субъектҳои сиёсӣ ё тиҷоратӣ эҷод шудаанд. Дар натиҷа, блогнависони бешумор, шахсони таъсирбахши Инстаграм ва ситораҳои YouTube маҳсулоти таблиғотӣ ва сиёсатмадоронро бидуни ифшои даромадҳои худ аз ин кор, таблиғ менамоянд. Пардохтҳои пинҳонӣ инчунин ба тафсиргарон (аксар вақт бо номҳои сохта), ки кӯшиш мекунанд форумҳои онлайнро тасдиқ, таҳқир ё тарсонданӣ шаванд, анҷом дода мешаванд. Дар маркази ин ҳолат, журналистика заминаи худро гум мекунад ва ба субъекти на танҳо танқиди оқилона, балки ҳамлаи воқеӣ мубаддал мегардад.

---

23 See Module Three of this handbook for an expansion on this theme

24 See Module Four

25 Solon, O (2017) *The future of fake news: Don't believe everything you see, hear or read* in The Guardian: https://www.theguardian.com/ technology/2017/jul/26/fake-news-obama-video-trump-face2face-doctored-content [accessed 20/07/2018].

Ҳоло хатар аз рушди мусобиқаи аслиҳавии иттилоотии бардурӯғи миллӣ ва байналмилалӣ ба миён омадааст, ки тавассути созмонҳои иттилоотии ғаразнок ва шабакаҳои васоити ахбори иҷтимоӣ паҳн карда шуда, муҳити иттилоотиро барои ҳама тарафҳо чунон ифлос мекунанд, ки худи ташаббускорон метавонанд мавриди таъқиб қарор гиранд.[26] Агар маъракаҳои иттилоотӣ ошкор карда шаванд, оқибат ба онҳое, ки дар он иштирок доранд, зарари назаррас расонида мешавад - ҳам барои созмонҳои татбиқкунанда ва ҳам барои фармоишгарони сиёсии онҳо (ба ҳолатҳои охирин бо Bell-Pottinger[27] [28] [29] [30] ва Cambridge Analytica[31] [32] нигаред).

Оқибати ҳама ин аст, ки маълумоти ғалат дар фазои рақамӣ дар заминаи радикализатсия, хатари аз нақши журналистика бартарӣ ёфтанро дорад. Гузашта аз ин, журналистикае, ки аз бо маълумоти боэътимод асос ёфта, ба манфиати ҷамъият паҳн карда мешавад ва дастовардҳои охирини таърихиро муаррифӣ мекунад, ки ҳеҷ гуна кафолат надорад, метавонад худ беобрӯ шавад, агар чораҳои эҳтиётӣ андешида нашаванд, то ба фиреб (манипулируемой) кашида нашавад. Вақте журналистика ба як воситае барои иттилооти бардурӯғ мубаддал мегардад, ин дар оянда эътимоди мардумро коҳиш медиҳад ва андешаи беэътиноиро тақвият медиҳад, ки байни як нашрияҳои мухталиф дар журналистика аз як тараф ва нашрияҳои иттилооти ғалат фарқияте дигар вуҷуд надорад. Бинобар ин, ҳикояи марбут ба баҳси истифодаи маводи иттилоотӣ пандомӯз аст. Арзёбии баланди рушди ҳамаҷонибаи бесарусомонии иттилоотии асри 21 бояд боиси дарки амиқи сабабҳо ва оқибатҳои таҳдиди глобалии бесобиқаи ҷаҳонӣ, аз зулми рӯзноманигорон аз ҷониби "артиши троллҳо" -и давлатӣ иҷозат дода шуда, сар карда, то идоракунии интихобот, зараррасонӣ ба саломатии мардум ва эътироф накардани хавфҳои тағирёбии иқлим анҷом меёбад.

### ***Дастури зерин бояд барои муқовимат кардан бар зидди бӯҳрони иттилооти ғалат кӯмак кунад***

Ҳамчун нақшаи таълимӣ, дастури мазкур ба ду қисмати ҷудогона тақсим карда мешавад: се модули аввал мушкилотро таҳия ва мисолҳоро тавсиф мекунанд; чаҳор модули дигар ба вокунишҳо ба "бесарусомонии иттилоотӣ" ва оқибатҳои он тамаркуз мекунанд.

---

26 Winseck, D (2008). Information Operations 'Blowback': Communication, Propaganda and Surveillance in the Global War on Terrorism. *International Communication Gazette* 70 (6), 419-441

27 The African Network of Centers for Investigative Journalism, (2017).*The Guptas, Bell Pottinger and the fake news propaganda machine*, TimeLive. https://www.timeslive.co.za/news/south-africa/2017-09-04-the-guptas-bell-pottinger-and-the-fake-news-propaganda-machine/ [accessed 29/03/2018].

28 Cameron, J. (2017) *Dummy's guide: Bell Pottinger – Gupta London agency, creator of WMC*, BizNews https://www.biznews.com/global-citizen/2017/08/07/dummys-guide-bell-pottinger-gupta-wmc [accessed 29/03/2018] and Segal, D. (2018) *How Bell Pottinger, P.R. Firm for Despots and Rogues, Met Its End in South Africa*. New York Times, 4 Feb 2018. https://www.nytimes.com/2018/02/04/business/bell-pottinger-guptas-zuma-south-africa.html [accessed 29/03/2018].

29 Haffajee, F. (2017). *Ferial Haffajee: The Gupta fake news factory and me*. HuffPost South Africa. [online] Available at: https://www.huffingtonpost.co.za/2017/06/05/ferial-haffajee-the-gupta-fake-news-factory-and-me_a_22126282/ [accessed 06/04/2018].

30 See Module Seven

31 Lee, G. (2018). Q&A on *Cambridge Analytica: The allegations so far, explained*, FactCheck, Channel 4 News. https://www.channel4.com/news/factcheck/cambridge-analytica-the-allegations-so-far [accessed 29/03/2018].

32 Cassidy, J. (2018). *Cambridge Analytica Whistleblower claims that cheating swung the Brexit vote*, The New Yorker. https://www.newyorker.com/news/our-columnists/a-cambridge-analytica-whistleblower-claims-that-cheating-swung-the-brexit-vote [accessed 29/03/18].

Модули аввал «*Чаро ин муҳим аст: ҳақиқат, эътимод ва рӯзноманигорӣ*»[33] андешаҳоро дар бораи маънои васеъ ва оқибатҳои маълумоти нодуруст ва бардурӯғ илҳом мебахшад ва чӣ гуна ин намудҳои иттилоот бӯҳрони эътимод ба рӯзноманигорӣ мебошад.

Модули дуввум, "*Мулоҳизаҳо доир ба бесарусомонии иттилоотӣ": Шаклҳои иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодуруст*"[34], мушкилотро ошкор мекунад ва барои фаҳмидани андозаи мушкилот замина фароҳам меорад.

Дар асри 21, дар бисёр қисматҳои ҷаҳон, эътимоди ночиз ба ВАО пеш аз замони ворид шудан ба платформаҳои васоити ахбори иҷтимоӣ ба арсаи нав, ки ҷойҳо ва воситаҳои табодули иттилоотро фароҳам оварданд, поён афтодааст.[35] Сабабҳо гуногун ва мураккаб мебошанд. Ҷаҳони онлайни шабонарӯзӣ бо дархости беохир ба пахши навигариҳо дар замоне, ки ихтисор шудани нашрияҳои ахборотӣ рӯзноманигориро дигаргун кардааст, дар модули саввум *"Тағйир додани соҳаи ахбор: технологияҳои рақамӣ, платформаҳои иҷтимоӣ ва паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва нодуруст*» оварда шудааст."[36] Ҳоло худи он миқёс, иқдом ва маҷмӯи хабарҳои бардурӯғ, ки мустақим дар интернет паҳн мешавад, ки барои рӯзноманигорӣ бӯҳрони нав эҷод кард, ки барои хабарнигорон, ВАО ва ҷомеа оқибатҳое дорад.[37]

Ҳамин тариқ, онҳое, ки журналистикаро тарғиб мекунанд, аз ҷумла омӯзгорон, рӯзноманигорони амалкунанда ва сиёсатгузорони ВАО, бояд чӣ гуна муносибат кунанд? "*Мубориза бо иттилооти бардурӯғ тавассути ВАО ва саводнокии иттилоотӣ"*[38] - мавзӯи модули чорум мебошад.

Ва ниҳоят, санҷише, ки журналистикаи касбиро аз боқимонда ҷудо мекунад[39], мавзӯи асосии модули панҷум, "*Санҷиш: тафтиши далелҳо 101*"[40]; модули шашум, "*Санҷиш дар шабакаҳои иҷтимоӣ: баҳодиҳии манбаъҳо ва мундариҷаи визуалӣ*"[41] хеле муфид буда, мушкилиҳои санҷиш ва журналистикаро дар асоси далелҳои аз ҷониби технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳодшуда баррасӣ мекунанд.

Дар ҷараёни имкон додан ба ҳама ҳамчун як қисми ҷараёни навигарӣ будан, шабакаи иҷтимоӣ боиси аз даст додани сензураҳои мутамарказ гардид.[42] Журналистика оқибатҳои инро эҳсос мекунад, аммо чун ҳама гуна тақсимоти технологӣ, барои арзёбӣ, чен кардан ва таҳияи ҷавобҳо вақт лозим аст. Пеш аз пайдоиши таҳқиқот ва таҷрибаҳои беҳтарини воқеӣ, бешубҳа як давраи муайяне лозим аст, ки фурсати аз даст додашуда, бартараф карда шавад.

33 See Module One

34 See Module Two

35 Edelman. (2017). *2017 Edelman Trust Barometer - Global Results. Available at* https://www.edelman.com/global-results/ [accessed 03/04/2018].

36 See Module Three

37 Viner, K. (2017). *A mission for journalism in a time of crisis. [online] The Guardian. Available at* https://www.theguardian.com/news/2017/nov/16/a-mission-for-journalism-in-a-time-of-crisis [accessed 03/04/2018].

38 See Module Four

39 Kovach, B. & Rosenstiel, T. (2014). The elements of journalism: What newspeople should know and the public should expect. New York: Crown Publishers.

40 See Module Five

41 See Module Six

42 Colón, A. (2017). *You are the new gatekeeper of the news. [online] The Conversation. Available at* https://theconversation.com/you-are-the-new-gatekeeper-of-the-news-71862 [accessed 03/04/2018].

Иттилооти ғалат – дар асл як масъалаи ҷаҳоние аст, ки аз доираи сиёсат барои ҳама ҷабҳаҳои иттилоот, аз ҷумла тағирёбии иқлим, фароғат ва ғайра берун меояд. Бо вуҷуди ин, то ба имрӯз, аксари таҳқиқоти бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшуда, аксуламалҳои нахустин ва маблағгузориҳои саривақтии таҳқиқот ва воситаҳо аз Иёлоти Муттаҳида бармеомаданд, ки дар он бузургтарин корхонаҳои ҷаҳонии маҳсулоти нармафзорӣ ҷой дошта, муттаҳамсозиҳои президенти ИМА Доналд Трамп нисбати он, ки расонаҳои хабарӣ ва рӯзноманигорон ҳамчун ҷонибдорони "ахбори қалбакӣ» айбдор карда мешаванд, ба амалкунӣ ва маблағгузорӣ водор карда шуданд.

Манзараи ҷаҳонӣ рӯз ба рӯз рушд мекунад, алалхусус бо аксуламалҳои давлатҳои алоҳида, ки аксари онҳо танзим ва қонунгузориро дар ҳалли мушкилот баррасӣ мекунанд. Ширкатҳои бузургтарини саноати нармафзорӣ низ кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд, то иттилооти ғалат ва бардурӯғро берун аз платформа эҷод кунанд.

Ҳангоми таҳияи ин нашрия, Комиссияи Аврупо маърӯзаеро[43] дар асоси тафтишот[44] оид ба нигарониҳо дар бораи зарари иттиллоти ғалат ва маълумоти бардурӯғ барои тамоми ҷомеа омода кардааст.[45] Сиёсатмадорон ва ташкилотҳои ҷамъиятии сиёсӣ дар кишварҳои алоҳида аз Австралия то Филиппин, Канада, Фаронса, Британияи Кабир, Бразилия, Ҳиндустон ва Индонезия дар бораи он, ки аз ҷониби худ чӣ кор карда метавонанд, андеша меронданд.[46] Нахустин шуда Олмон қонуни навро оид ба тозакунии фаъоли платформаҳои рақамӣ қабул кард, ки агар онҳо маводи "иттилооти ғайриқонунӣ"-ро, аз ҷумла "ахбори қалбақӣ" ва таблиғи нафратро дар тӯли 24 соати пас аз интишор шудан бартараф накунанд, чора дида мешавад.[47] Парлумони Малайзия низ Қонун оид ба мубориза бар зидди ахбори қалбакиро моҳи апрели соли 2018 қабул кард, вале он моҳи август бекор карда шуд.[48] Рӯйхати тағйирдодашудаи вокунишҳои давлатҳо аз ҷониби Мактаби рӯзноманигории Poynter тартиб дода шудааст.[49]

Озодии баён тарсро дар бораи он, ки қонунгузорӣ ба демократикунонии иттилоот зарар мерасонад ва боварӣ ба он ки технологияҳои нав фаъолтар шуда истодаанд, дастгирӣ мекунад. Баъзе кишварҳо тавонистанд қонунгузориро барои хомӯш кардани ВАО-и интиқодӣ истифода баранд.[50]

Барои аксари рӯзноманигороне, ки ба озодии баён эътимоди қавӣ доранд ва кайҳо боз худро ба қатори ашхоси муҳиме, ки ҷомеаи демократиро дастгирӣ мекунанд[51] нисбат медиҳанд, мубориза алайҳи «бесарусомонии иттилоотӣ» як масъалаи

43 European Commission (2018). Final report of the High-Level Expert Group on Fake News and Online Disinformation. http://ec.europa.eu/ newsroom/dae/document.cfm?doc_id=50271 [accessed 03/04/2018].

44 European Commission (2017). *Next steps against fake news: Commission sets up High-Level Expert Group and launches public consultation. [online] Available at* http://europa.eu/rapid/press-release_IP-17-4481_en.htm [accessed 03/04/2018].

45 Ansip, A. (2017). *Hate speech, populism and fake news on social media – towards an EU response.* Available at https://ec.europa.eu/ commission/commissioners/2014-2019/ansip/announcements/statement-vice-president-ansip-european-parliament-strasbourg-plenary-debate-hate-speech-populism_en [accessed 03/04/2018].

46 Malloy, D. (2017). *How the world's governments are fighting fake news. [online] ozy.com.* Available at http://www.ozy.com/politics-and-power/how-the-worlds-governments-are-fighting-fake-news/80671 [accessed 03/04/2018].

47 Federal Ministry of Justice and Consumer Protection. (2017). *Act to Improve Enforcement of the Law in Social Networks (Network Enforcement Act, netzdg). [online].* Available at: http://www.bmjv.de/DE/Themen/fokusthemen/netzdg/_documents/netzdg_englisch.html [accessed 03/04/2018].

48 Malaysia scraps 'fake news' law used to stifle free speech. *The Guardian.* https://www.theguardian.com/world/2018/aug/17/malaysia-scraps-fake-news-law-used-to-stifle-free-speech [accessed 18/08/2018].

49 Funke, D. (2018). *A guide to anti-misinformation actions around the world* (Poynter). Available at https://www.poynter.org/news/guide-anti-misinformation-actions-around-world [accessed 13/07/2018].

50 Nossel, S. (2017). *FAKING NEWS: Fraudulent News and the Fight for Truth.* [ebook] PEN America Available at https://pen.org/wp-content/ uploads/2017/10/PEN-America_Faking-News-Report_10-17.pdf [accessed 03/04/2018].

51 McNair, B. (2009). Journalism and Democracy. In: K. Wahl-Jorgensen and T. Hanitzsch, ed., *Handbook of Journalism Studies*, 6th ed. [online] New York: Routledge

душвор аст. Ин мубориза ҳамчунин шахсӣ аст: ҳамлаҳои интернетӣ ба рӯзноманигорон, хусусан занон, хеле паҳн шудаанд ва дар бисёр мавридҳо барои пахш кардани журналистика хатари ҷисмонӣ ва равонӣ доранд, тавре ки дар модули ҳафтум «*Мубориза бо сӯйистифода дар Интернет: вақте ки онҳо ба рӯзноманигорон ва сарчашмаҳои онҳо равона шудаанд*».[52]

Иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғ на танҳо ба обрӯ ва амнияти рӯзноманигорон таҳдид мекунад. Онҳо ҳадаф ва самаранокии онҳоро зери шубҳа мегузоранд ва таназзули рӯзноманигориро ба зарари идеологияи шаҳрвандӣ абадан табдил медиҳанд. Такмили меъёрҳо ва аҳамиятнокии иҷтимоӣ ба манфиати тамоми рӯзноманигорони оянда ва умуман ҷомеа мебошад. Дастури мазкур бояд муҳаққиқон, донишҷӯён ва рӯзноманигорони амалиро даъват кунад, ки дар бораи он мулоҳиза ронанд, ки чӣ гуна журналистика метавонад дар заминаи нав ба ҷомеаҳо ва демократияҳои беҳтар хизмат кунад, зеро:

> *«Матбуоти кунунӣ ва демократия танқид, шаффофият ва оқибатҳои хатоҳои рӯзноманигориро пешбинӣ мекунанд. Ҳамчунин онҳо пешбинӣ мекунанд, ки мо дар якҷоягӣ онҳоро аз дурӯғ ва фиреб ҷудо карда метавонем. Дар акси ҳол… иттилооти воқеӣ ҳамчун қалбакӣ тасвир дода шуда, ва (сафсатаи) сохташуда ҳамчун далел пешниҳод карда мешавад. " - Крейг Силверман*[53]

***Мулоҳиза доир ба ахлоқ (этика) ва худтанзимнамоӣ***

Меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва журналистикаи ҳисоботӣ воситаи муҳими муҳофизат бар зидди маълумоти бардурӯғ ва иттилооти ғалат мебошанд. Меъёрҳо ва арзишҳое, ки барои рӯзноманигорон роҳнамоӣ мекунанд, тӯли солҳои зиёд ташаккул ёфта, ба журналистика вазифаи возеҳ ва тактикаи амалро муқаррар кардаанд. Дар навбати худ, онҳо маълумоти боэътимод ва тавзеҳоти огоҳонаро, ки ба манфиати ҷамъият паҳн шудааст, дастгирӣ намуданд. Маҳз ҳамин омилҳо эътимодро ба журналистика мустаҳкам мегардонанд. Ҳамин тариқ, онҳо ба маводи дастури мазкур бофта шудаанд.

Дар ин замина, иқтибос овардан лозим аст, ки чӣ тавр профессор Чарли Бекетт аз Мактаби иқтисодии Лондон арзиши эҳтимолии бӯҳрони "ахбори бардурӯғ" -ро барои журналистика тавсиф кардааст:

> *"... ахбори қалбакӣ беҳтарин чизе аст, ки дар тӯли даҳсолаҳо рух додааст. Онҳо ба журналистикаи босифат имкон медиҳанд, ки арзиши худро дар асоси донишҳои касбӣ, одоби касбӣ, ӯҳдадорӣ ва таҷриба нишон диҳанд. Онҳо ҳамчун як занги ҳушдордиҳанда барои шаффофияти бештар, аҳамиятнокӣ ва ба ҳаёти одамон арзиш илова мекунанд. Онҳо метавонанд як модели нави тиҷоратии тафтиши фактҳо, шикастани стереотипҳо ва умуман созмони умумиро ҳамчун роҳи алтернативаи беҳтарини қаллобӣ эҷод кунанд».*[54]

Дар кӯшиши «ҷустуҷӯкунандагони ҳақиқат» рӯзноманигорон на ҳама вақт «ҳақиқат»-ро кафолат дода метавонанд. Бо вуҷуди ин, хоҳиши ислоҳи фактҳо ва эҷоди маводи иттилоотӣ, ки далелҳои воқеиро инъикос мекунанд, принсипҳои асосии журналистика мебошанд. Аммо журналистикаи ахлоқӣ дар асри рақамӣ ба чӣ монанд аст?

---

52 See Module Seven

53 Silverman, C. (2018). I Helped Popularize The Term “Fake News” And Now I Cringe Every Time I Hear It. BuzzFeed. Available at https://www. buzzfeed.com/craigsilverman/i-helped-popularize-the-term-fake-news-and-now-i-cringe [accessed 03/04/2018].

54 Beckett, C. (2017). ‘Fake news’: *The best thing that’s happened to Journalism at Polis.* http://blogs.lse.ac.uk/polis/2017/03/11/fake-news-the- best-thing-thats-happened-to-journalism/ [accessed 04/03/2018].

Журналистикаи ахлоқӣ, ки амалияи шаффоф ва ҳисоботдиҳиро қадр мекунад, қисми муҳими арсенал дар мубориза барои ҳимояи далелҳо ва ҳақиқат дар даврони "бесарусомониҳои иттилоотӣ" мебошад. Рӯзноманигорон бояд бо овози мустақил сухан гӯянд. Ин маънои онро дорад, ки чӣ расмӣ ва чӣ ғайрирасмӣ ба фоидаи манфиатҳои махсус амал набояд кард. Ҳамчунин ин маънои эътироф ва ба таври оммавӣ эълон кардани чизеро, ки метавонад ихтилофи манфиатҳоро ба манфиати шаффофият эҷод кунад. Тавре ки Эмили Белл, профессори Маркази журналистикаи рақамии Донишгоҳи Колумбия шарҳ дод, арзишҳои асосии журналистикаи касбӣ бо инҳо алоқаманданд:

> *"Таъмини дурустии хабарҳо, масъулият барои нодурустии онҳо, кафолати шаффофияти манбаъҳои ҳодисаҳо ва иттилоот, муқовимат бо давлатҳо, гурӯҳҳои фишор, манфиатҳои тиҷоратӣ, полис, дар сурати тарсонидан, таҳдид кардан ё сензура кардан. Манбаъҳои худро аз ҳабс ва ифшо муҳофизат кардан. Донистани он ки барои қонуншиканӣ кардан, шумо муҳофизати кофии манфиатҳои ҷамъиятӣ доред ва баҳри ҳифзи ҳикоя ва сарчашмаҳои он омода будан ба маҳбас шудан. Донистани он, ки дар кадом сурат интишор додани ягон чиз ғайриахлоқӣ аст. Баробар кардани ҳуқуқҳои одамон ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ бо доштани ҳуқуқи васеи манфиатҳои ҷамъиятӣ».*[55]

Бо вуҷуди сиёсати бетарафона, бӯҳрони «бесарусомонии иттилоотӣ», изҳори нафрат дар Интернет, паҳншавии «маркетинги мундариҷа», реклама, алоқаҳои ғаразнок бо ҷамъият, оҷонсиҳои иттилоотӣ ва рӯзноманигорон бояд ҳамзамон журналистикаи ахлоқиро чун нуктаи марказии модели таҷрибаи устувор ҳатто дар мубориза бо бӯҳронҳои молиявӣ ва бӯҳронҳои эътимод арзёбии баланд диҳанд. Давлатҳои демократӣ инчунин бояд нақши худро дар ҳифзи рӯзноманигорӣ ва сарчашмаҳои худ дар ҳоле, ки асоноккуниҳои манфиатҳои ҷамъиятӣ ба амал медароянд, иҷро кунанд.

Меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқие[56], ки барои ҷамъоварӣ ва тасдиқи иттилоот ба манфиати ҷамъият таҳия шудаанд, ин чизҳоеанд, ки журналистика ва алалхусус гузоришҳои хабариро аз шаклҳои дигари иртибот фарқ мекунанд. Онҳо дар давраи технологияҳои рақамӣ, ки на танҳо демократикунонии коммуникатсия, балки ҷараёни доимии иттилооти ғалат, маълумоти бардурӯғ, сохтакорӣ ва сӯиистифода ҷой доранд, аҳамияти бузург доранд. Дар ин замина, журналистикаи ахлоқӣ ҳамчун таҳкурсӣ барои эҷоди моделҳои журналистика, ки барои ҳақиқат ва масъулият ба манфиати эҷоди муносибатҳои назаррас бо шунавандагон баромад мекунад, боз ҳам муҳимтар аст.

Эътимод ба гузоришдиҳии воқеаҳои дақиқ, зерназорат ва мустақил барои дастрас кардани шунавандагон ва ҷалб кардани мардум хеле муҳим аст, ки дар он ҷо муҳокимаҳо дар асоси далелҳои овардашуда баргузор шуда метавонанд.

55 Bell, E. (2015). *Hugh Cudlipp Lecture* (Full text), The Guardian https://www.theguardian.com/media/2015/jan/28/emily-bells-2015-hugh-cudlipp-lecture-full-text [accessed 01/04/2018].

56 See, for example, the Australian Media, Entertainment and Arts Alliance's 'Journalist Code of Ethics'. Available at: https://www.meaa.org/meaa-media/code-of-ethics/ [accessed: 04/03/2018].

Аудиторияҳои огоҳшуда, ки ба маводи боэътимоди иттилоотӣ таваҷҷӯҳ доранд ва онро мубодила мекунанд, барои паҳн кардани иттилооти ғалат ва бардурӯғ ҳамчун антидотҳои зарурӣ хизмат мекунанд.

Бо мақсади татбиқ ва истифодаи ин арзишҳои асосӣ дар соҳаи ноустувори ВАО, шӯъбаҳои ахборотӣ ва ташкилотҳои расонаӣ меъёрҳо ва қоидаҳои рафторро қабул ва мутобиқ мекунанд ва механизмҳоеро барои ҷомеа месозанд, ки мушовирони матбуот, муҳаррирони хонанда, сиёсатҳои таҳририӣ ва омбудсмени дохилиро ҳамчун хусусиятҳои хоси сохторҳои худтанзимкунии инҳо эътироф мекунанд.

Ин сохторҳо ба ҳамкасбон имкон медиҳанд, ки хатогиҳоро дар заминаи баррасии касбӣ муайян кунанд, онҳо метавонанд ба эътирофи оммавии хатогиҳо мусоидат кунанд ва ислоҳи ин хатогиҳоро талаб кунанд ва дар гузоштани стандартҳои касбӣ нисбати стандартҳои нашр ба манфиати ҷамъиятӣ мусоидат кунанд. Дар ҳоле ки мунаққидон бар манфиати танзими берунаи расонаҳои хабарӣ аксаран онҳоро "палангҳои бедандон" меноманд, ин сохторҳо як ҳадафи муҳимро дар заминаи бӯҳрони инфрасохторӣ иҷро мекунанд: онҳо ба таҳкими масъулияти касбӣ ва шаффофият кӯмак мекунанд ва аз ин рӯ эътимоди мардумро ба журналистика қавӣ гардонанд. Онҳо инчунин ба хусусиятҳои фарқкунандаи журналистика, ки интизоми дақиқро барои ба даст овардани саҳеҳӣ ва эътимоднокӣ, ки онро аз маълумоти ғалат, тарғибот, таблиғот ва муносибатҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунад, кӯмак мекунанд.

### *Аз «рӯзноманигор» то журналистика*

Замоне, ки ахлоқи журналистӣ машғули ихтисос/касб (гарчанде наҳамеша боиззат) банд буд, дар гузашта боқӣ монд. Он аз ҷумла, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба таври васеъ эътироф карда шудааст, маҳз дар гузориши Котиби Генералӣ оид ба бехатарии рӯзноманигорон А/72/290[57] барои соли 2017, ки дар он гуфта мешавад:

> *Истилоҳи "рӯзноманигор" рӯзноманигорон ва дигар кормандони касбии ВАО-ро дар бар мегирад. Дар ҳуҷҷати CCPR/C/GC/34, банди 44 журналистика ҳамчун "мавқеест, ки доираи васеи шахсони алоҳида, аз ҷумла рӯзноманигорон ва таҳлилгарони пуртаҷриба, инчунин блогерҳо ва дигар шахсоне, ки дар шакли худпешбарӣ дар чоп, Интернет ё ҷойҳои дигар иштирок мекунанд, ишғол мекунанд".*[58]

Ба ҳамин монанд, Конфронси генералии ЮНЕСКО ба "рӯзноманигорон, кормандони ВАО ва истеҳсолкунандагони ВАО-и иҷтимоӣ, ки шумораи зиёди нашрияҳоро дар Интернет ва ба таври муқаррарӣ эҷод мекунанд" ишора дорад (Қарори 39, ноябри соли 2017).[59] Нақшаи амали Созмони Милали Муттаҳид оид ба бехатарии рӯзноманигорон ва мушкили беҷазоӣ, ки онро Шӯрои Роҳбарияти Созмони Милал дар соли 2012 тасдиқ кардааст, мегӯяд: "ҳимояи рӯзноманигорон набояд бо рӯзноманигорони расман эътирофшуда маҳдуд шавад, балки бояд ба дигарон, аз

57 Available at https://digitallibrary.un.org/record/1304392?ln=en [accessed on 16/06/2018].

58 See also UN documents A/HRC/20/17, paras. 3-5, A/HRC/20/22 and Corr.1, para. 26, A/HRC/24/23, para. 9, A/HRC/27/35, para. 9, A/69/268, para. 4, and A/HRC/16/44 and Corr.1, para. 47.

59 Records of the General Conference. 39th session. Paris, 30 October – 14 November 2017. http://unesdoc.unesco.org/images/0026/002608/260889e.pdf [accessed 02/07/2018].

ҷумла ВАО-и ҷамъиятӣ ва рӯзноманигорони шаҳрвандӣ паҳн карда шавад, ва дигар ашхосе, ки метавонанд васоити ахбори навро ҳамчун воситаи дастрасӣ ба шунавандагони худ истифода баранд".[60]

Аз ин ҷиҳат, журналистика метавонад ҳамчун фаъолияте, ки тибқи меъёрҳои ахлоқии иттилооти боэътимод, ки ба манфиати давлат паҳн мешавад, ба назар гирифта мешавад. Дар муқоиса бо рӯзноманигорони касбӣ довталабон ба журналистика метавонанд бештар бошанд, дар баробари ин, шахсоне, ки худ кор мекунанд ё худро рӯзноманигор меҳисобанд, метавонанд тасодуфан ё ҳатто ба таври мунтазам барои эҷоди маводи иттилоотии дуруст, одилона, касбӣ ва мустақил ба манфиати ҷамъият сазовор набошанд . Дар ин сурат мақоми расмӣ ё эълоншуда не, балки табиати иттилооти эҷодшаванда муҳим аст.

Ва гарчанде журналистика ба зуҳури озодии баён асос ёфтааст, ки ба он ҳар кас ҳуқуқ дорад, ин зуҳуроти махсус ҳамчун риояи меъёрҳои мушаххас, ки онро аз шаклҳои дигари баён фарқ мекунад (масалан, шеър, муносибатҳои ҷамъиятӣ, реклама, иттилооти ғалат ва ғайра). Ин стандартҳо бо этикаи амалияи касбии журналистика зич алоқаманданд.

### *Оё шаффофият воқеияти нав мебошад?*

Воқеъият метавонад бисёр маъниҳо дошта бошад. Дар робита ба дараҷаи дур будан аз ғаразнокӣ (субъективность), беғаразӣ (объективность) дар журналистикаи касбӣ мавзӯи баҳсталаб аст. Шумо метавонед ба ин саъй кунед, вале дар баъзе ҳолатҳо он имконпазир аст ва на ҳамеша новобаста аз дағалӣ ё ғайриинсонӣ матлуб бошад (масалан, инъикоси одилона ва мустақилонаи рӯйдодҳо барои боварӣ ба иддаои шахсони ҷиноятҳои ҳарбӣ маҳкум шуда наметавонад, мисли он нафароне, ки инро аз сар гузаронидаанд, сарфи назар аз он, ки он набояд аз тафтишот нисбати эътимоднокии онҳо баландтар бошад). **Аммо адолат, мустақилият, дақиқӣ, контекстуалнокӣ, шаффофият, ҳифзи манбаъҳои махфӣ ва чуқурфикрӣ**[61] дар гузоришҳои рӯйдодҳо эътимод, саҳеҳӣ ва дилпуриро ба вуҷуд меоранд.

Дар соли 2009 доктор Девид Вайнберг, тахқиқотчӣ аз Донишгоҳи Гарвард, изҳор намуд, ки «Шаффофият – ин воқеияти (беғаразии) нав аст».[62] Худи ҳамон сол собиқ роҳбари шӯъбаи ахбороти ҷаҳонӣ BBC Ричард Самбрук шарҳ дод, ки маҳз шаффофият на воқеият, эътимодро ба асри нави иттилоотӣ таъмин намуд»:

> *"... ахборот имрӯз бояд дақиқ ва воқеъбинона бошад, аммо барои хонандагон, шунавандагон ва шореҳон муҳим аст, ки навигариҳо чӣ гуна сохта мешаванд, аз куҷо маълумот гирифта мешавад ва чӣ гуна кор мекунад. Пайдоиши ахбор мисли интиқоли худи ахбор муҳим аст".*[63]

60 UN Plan of Action on the Safety of Journalists and the Issue of Impunity. 1CI-12/CONF.202/6 https://en.unesco.org/sites/default/files/un-plan-on-safety-journalists_en.pdf [accessed 03/11/2017].

61 See 'core principles' in the next chapter

62 Weinberger, D. (2009). *Transparency is the new objectivity.* http://www.hyperorg.com/blogger/2009/07/19/transparency-is-the-new-objectivity/ [accessed 28/03/2018].

63 Bunz, M. (2009). *How Social Networking is Changing Journalism.* https://www.theguardian.com/media/pda/2009/sep/18/oxford-social-media-convention-2009-journalism-blogs [accessed 28/03/2018].

### *Нуқтаҳои ихтилоф*

Ҷузъҳои асосии таҷрибаи касбии журналистика маънои мавҷудияти танҳо як шакли журналистикаро надоранд. Ин вазифаҳоро метавон дар як қатор услубҳо ва ҳикояҳои журналистӣ иҷро кард, ки ҳар яки онҳо паёмҳои гуногуни иттилоотиро дар бар мегиранд, ки дар навбати худ ба арзишҳои гуногун ва дурнамои тағирёбандаи адолат, контекстуализм, далелҳои дахлдор ва ғайра асос ёфтаанд. Масалан, агентиҳои иттилоотӣ метавонанд нуқтаи назари мухталифро оид ба гузориши навигариҳо дошта бошанд (баъзеҳо ҳатто инро ба инобат намегиранд) бидуни тарк кардани «маълумоти тиҷорӣ» дар фазои ғалат ва маълумоти бардурӯғ (ба боби оянда «*Истифодаи ин феҳрист ҳамчун барномаи таълимӣ*» ва Модулҳои 1, 2 ва 3-ро нигаред). Аммо, вақте ки маводи иттилоотӣ аслан аз принсипҳои журналистӣ дур мешавад ва хусусан вақте ки он ҳамчун ахбор амал мекунад, мо онро бо рӯзноманигорӣ не, балки як шакли мушаххаси иттилооти ғалат вобастагӣ мекунем.

Дар ин боби муқаддимавӣ як қатор масъалаҳои марбут ба муҳокимаи «ахбори қалбакӣ» шарҳ дода шуда, заминаи шарҳу эзоҳи модулҳои омӯзишӣ ба таври зерин таъмин карда шуд.

## ИСТИФОДАИ ИН ДАСТУР ҲАМЧУН НАҚШАИ ТАЪЛИМИИ НАМУНАВӢ

*Ҷули Посетти*

Ин курс модели педагогии эвристикиро қабул мекунад,[1] ки маънои онро дорад, ки корбарон ҳавасманд карда мешаванд, то донишҳои худро ба ин раванд интиқол диҳанд. Дарсҳо ҳамчун тавсиядиҳӣ ҳисоб карда намешаванд; баръакс, онҳо метавонанд ва бояд қабул карда шаванд, то ба шароити мушаххаси миллӣ, фарҳангӣ, институтсионалӣ ва соҳавии матнии омӯзишӣ ва таълимӣ қонеъ кунанд. Гарчанде ки барои таъмин намудани шӯҳрати ҷаҳонӣ кӯшишҳо ба харҷ дода шудаанд, аммо ҳамеша маҳдудиятҳо мавҷуданд. Муаллифон ба таври қатъӣ тавсия медиҳанд, ки омӯзгорон, тренерҳо ва иштирокчиён омӯзиши ҳолатҳои мушаххас, мисолҳо ва манбаъҳоеро пешниҳод кунанд, ки донишҳои минтақаҳоро бо забони худ инъикос мекунанд.

Бо назардошти ин, роҳҳои зерини истифодаи феҳрист инҳоянд:

- Ҳамчун курси мукаммал/як фанни татбиқшудаи маълумоти олии мавҷуда/ихтисоси журналистика, коммуникатсия, ВАО-и рақамӣ ё назарияи иртиботи омма. Он инчунин метавонад ҳамчун курси ихтиёрӣ доир ба сиёсат ва ҷомеашиносӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои ВАО ва иртибот вокуниш нишон медиҳад, пешниҳод карда шавад.
- Ҳамчун манбае, ки курс/мавзӯи мавҷударо мукаммал мекунад (масалан, таърихи ВАО; ахлоқ дар таърихи ВАО; ҷалби манбаъҳо ва санҷиши ахбор; танқид дар ВАО; таҷрибаи ВАО-и рақамӣ; журналистикаи ҷамъиятӣ). Аксари тадқиқотҳои мавзӯӣ, маводҳои лексияҳо ва адабиёти тавсияшуда метавонад ба курсҳои / фанҳои мавҷуда ҳамчун воситаи навсозии маводи иттилоотӣ дар мубориза бо бӯҳрони босуръати рушдкунанда ворид карда шаванд.
- Ҳамчун фанҳои мустақил ё курси мукаммал ба рӯзноманигорон, ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва дигар коршиносони журналистика аз ҷониби ташкилотҳои иттилоотӣ, ташкилотҳои саноатӣ ё оҷонсиҳои рушди ВАО пешниҳод мешавад.
- Ҳамчун як воситаи таълим: Тренерони журналистика метавонанд ин модулҳоро барои мақсадҳои худ қабул кунанд, бо такя ба рӯйхати адабиёти тавсияшуда ва мисолҳои омӯзишӣ, ки ба як қатор захираҳои махсуси гуруҳи рӯзноманигорон шомил карда шаванд.
- Ҳамчун манбаи илҳом барои як қатор блогҳо, ки аз ҷониби ташкилотҳои саноатӣ, агентиҳои иттилоотӣ ё агентиҳои рушди ВАО тавассути мубодилаи донишҳо ҷой дода шудаанд.

1 Banda, F (Ed) 2015 Teaching Journalism for Sustainable Development: New Syllabi (UNESCO, Paris http://unesdoc.unesco.org/ images/0023/002338/233878e.pdf) [accessed: 28/03/2018].

- Ҳамчун манбаи адабӣ барои рӯзноманигорон бо мақсади ғанисозии зеҳнӣ ва рушди касбии онҳо. Масалан, бисёре аз усулҳои омӯхташударо метавон дар супоришҳо барои пӯшонидани рӯйдодҳо тавассути кори мустақил истифода бурд. Баъзе таҳқиқоти сотсиологӣ инчунин метавонанд ҳамчун як илҳоми мураккабтари гузоришҳо дар бораи ҳодисаҳо, ки дар онҳо андешаҳои ҳикояи маҳаллӣ бо таҳкурсии мураккабтар матраҳ карда шаванд (масалан, ҳикоя дар бораи афсонае, ки рӯзноманигорони маҳаллиро фиреб додаанд, дар заминаи таърихи афсонаи байналмиллалӣ фаро гирифта шаванд) бо таваҷҷӯҳ ба рӯйдодҳои ахир дар паҳнкунии густурдаи маълумоти нодуруст ва бардурӯғ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ).
- ҳамчун асоси маҷмӯаи адабиёт, манбаъҳо ва воситаҳое, ки барои рушди таҳқиқоти илмӣ ва амалияи ин соҳаи рушдёбанда пешбинӣ шудаанд.

## *Принсипҳои асосӣ*

Бо шаффофияти раванд ва татбиқи якдилонаи меъёрҳои ахлоқӣ, нақши фарққунандаи журналистика имрӯз қобилияти пешниҳод кардани возеҳият ва эътимод ба маводи иттилоотии исботшударо дорад. Ҳафт принсипи зерин, ки дараҷаҳои гуногун ба стандартҳои ахлоқӣ марбутанд, бояд дар бораи рафти ин курс хабар диҳанд ва дар машқҳо, мубоҳисаҳо ва арзёбӣ ҳамчун роҳнамо хизмат кунанд:[2]

- **Дақиқӣ**: Журналистон ҳамеша наметавонанд ҳақиқатро кафолат диҳанд, аммо дақиқ ва дуруст арзёбӣ кардани фактҳо принсипи асосии журналистика боқӣ мемонад.
- **Истиқлолият**: Журналистон бояд бо овози мустақил сухан гӯянд. Ин маънои онро дорад, ки ба таври расмӣ ё ғайрирасмӣ ба фоидаи манфиатҳои махсус амал накардан ва изҳороте гузоранд, ки ихтилофи манфиатҳоро ба манфиати шаффофият эҷод кунад.
- **Адолат**: Фарогирии одилонаи иттилоот, ҳодисаҳо, сарчашмаҳо ва ҳикояҳои онҳо мураттаб, объективӣ ва баҳогузории иттилоотро дар бар мегирад. Таъмини матн ва як қатор дурнамоҳои рақобатпазир ба эътимоди гузоришҳо мусоидат мекунад.
- **Махфият**: Яке аз сутунҳои таҳқиқоти журналистӣ ҳифзи манбаъҳои махфӣ мебошад (ба истисноп ҳолатҳои хеле кам). Ин барои нигоҳ доштани эътимод ба манбаъҳои иттилоот ва дар баъзе ҳолатҳо, амнияти ин манбаъҳо зарур аст.[3]

---

2 Note: Five of these seven principles draw on the Ethical Journalism Network's 'Five Core Principles of Journalism' http://ethicaljournalismnetwork.org/who-we-are/5-principles-of-journalism [accessed 22/4/2018]. However, 'fairness' is favoured over 'impartiality' here, as impartiality is frequently conflated with objectivity, and it is often misunderstood as requiring all sources and facts to be weighed equally. This is a problematic concept for the same reasons that 'objectivity' is now a contested idea in journalism.

3 Posetti, J. (2017). *Protecting Journalism Sources in the Digital Age* (UNESCO) http://unesdoc.unesco.org/images/0024/002480/248054E.pdf [accessed 28/03/2018].

- **Инсондӯстӣ**: Он чизе ки журналистон интишор медиҳанд ё пахш мекунанд, метавонад таҳқиромез бошад (масалан, таҳқире, ки сиёсатмадори фасодзада рӯзе аз сар гузаронидааст, ки ба журналистикаи хуби тафтишотӣ дучор шуда, ошкор гаштааст), ба ҳар ҳол таъсири журналистика ба ҳаёти дигарон бояд ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат, манфиати ҷомеа як принсипи роҳнамо мебошад.[4] Инсоният инчунин маънои ҳаллу фасли мушкилоти гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро, ҳатто агар лозим набошад, масалан, барои қабули услуби журналистика, ки ба адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст, дар назар дорад.

- **Ҳисоботдиҳӣ** – як аломати ҳассоси касбият ва журналистикаи ахлоқӣ[5] мебошад; ислоҳи хатогиҳои саривақтӣ, намоён ва ошкоро; гӯш кардан ва посух додан ба нигарониҳои тамошобинон.[6] Чунин таҷрибаҳоро дар дастурҳои ташкилотҳои иттилоотӣ ва мақомоти худтанзимкунӣ, ки журналистика дар асоси меъёрҳои ихтиёрии касбӣ ва қоидаҳои рафтор ҳисоботдиҳанда мебошанд, истифода бурдан мумкин аст.

- **Шаффофият** дар асл масъулиятро дастгирӣ мекунад ва ба рушду нигоҳ доштани эътимоднокӣ дар журналистика мусоидат мекунад.[7]

Дар ин замина (матн) ва дар баробари мустақилияти рӯзноманигорӣ, масъалаҳои озодии сухан ва гуногунандешӣ дар ВАО низ назаррасанд. Гуногунандешии муассисаҳо, инчунин гуногунрангии кадрҳо, сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқотӣ заруранд, агар журналистика дар маҷмӯъ ба демократия ва устувории ҷомеаҳои кушода мусоидат кунад. Васоити ахбори оммавӣ, аз қабили радиои ҷамъиятӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ инчунин муҳиманд, ки садоҳои ақаллиятҳо ё гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир дар эҷоди хабарҳо канор набошанд. Плюрализм инчунин маънои эътирофи дурустии як қатор паёмҳои иттилоотиро дар чаҳорчӯбаи амалияи этикии журналистӣ дар ҷараёни ташаккули дезинформация, тарғиб ва дигар намудҳои маводи иттилоотӣ, ки ба стандартҳои касбӣ мутобиқ нестанд, дар назар дорад. (Ба Модулҳои 1, 2 ва 3 нигаред).

## Саволҳо барои баррасӣ

---

Ҳама гуна муҳокима дар мавзӯи амалияи ахлоқи журналистӣ дар ҷаҳоне, ки иттилооти ғалат, паҳн намудани маълумоти бардурӯғ ва таблиғот зиёд шудааст, барои баррасии масъалаҳои зерин хеле муфид хоҳад буд:

- Журналистика дар асри рақамӣ чист? (Саволе, ки сӯҳбатро аз “Журналист кист?” барои фаҳмиши пурраи журналистикаи муосир табдил медиҳад).

---

4 For a new ethical model applying empathy in the Digital Era see: Shelton, A. G., Pearson, M. & Sugath, S. (2017) *Mindful Journalism and News Ethics in the Digital Era: A Buddhist Approach.* Routledge, London. https://www.crcpress.com/Mindful-Journalism-and-News-Ethics-in- the-Digital-Era-A-Buddhist-Approach/Gunaratne-Pearson-Senarath/p/book/9781138306066 [accessed 01/04/2018].

5 Нигаред: http://ethicaljournalismnetwork.org/what-we-do/accountable-journalism [accessed 22/4/2018].

6 Locker, K. & Kang, A. (2018). *Focused listening can help address journalism's trust problem*, at American Press Institute. https://www.americanpressinstitute.org/publications/focused-listening-trust/ [accessed 28/03/2018].

7 Aronson-Rath, R. (2017). *Transparency is the antidote to fake news* on NiemanLab, December 2017 http://www.niemanlab.org/2017/12/transparency-is-the-antidote-to-fake-news/ [accessed 15/06/2018].

þ Журналистикаро аз эҷод ва нашри васеи маводи иттилоотӣ (азҷумла реклама, маркетинг, муносибатҳои ҷамъиятӣ, иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғ) дар Интернет ва ба таври муқаррарӣ чӣ ҷудо мекунад?

þ Журналисти амалкунанда ба манфиатҳои кӣ бояд хизмат кунад?

þ Оё журналистоне, ки таҷрибаомӯзанд, барои маводи иттилоотии таҳияшуда/нашркардаашон ҷавобгаранд? Агар ҳа, пас чаро ва ба кӣ? Агар не, чаро?

þ Вазифаҳои ахлоқии журналистон дар назди манбаъҳо, субъектҳо ва шунавандагони онҳо кадомҳоянд?

þ Журналистон акнун кадом мушкилоти дилгармии ахлоқиро бояд дар заминаи "бесарусомонии иттилоотӣ" баррасӣ кунанд?

**Меъёрҳои баҳодиҳӣ**

---

Ҳадафи умдаи ин нашрия ин таҳкими қобилияти тафаккури интиқодӣ ва тақвияти ҳимоя дар байни донишҷӯёни рӯзноманигор, рӯзноманигорони касбӣ ва дигароне, ки "фаъолияти журналистӣ"-ро иҷро мекунанд. Меъёрҳои калидии арзёбӣ стандартҳои саҳеҳӣ ва санҷиш дар баробари риояи арзишҳои асосии маънавӣ, амиқии таҳқиқот ва таҳлили интиқодӣ бояд бошанд.

*Меъёрҳои тавсияшавандаи баҳогузории вазифаҳои назариявӣ:*

þ Дақиқӣ ва тафтиш (масалан, оё манбаъҳо дақиқ пешниҳод шудаанд?; оё усулҳои дахлдори тафтиш истифода шудаанд?)

þ Шиддатнокии таҳқиқот (масалан, иштирокчӣ то чӣ андоза кӯшиш кард, ки маълумотҳои/манбаҳои эътимодбахш ва актуалиро барои дастгирии далелҳо/натиҷаҳои худ пайдо кунад?).

þ Сифати далелҳо ва таҳлил (далелҳо ва таҳлили гузаронидашуда то чӣ андоза олӣ ва мураккабанд?)

þ Ифодаи хаттӣ (имло, грамматика, пунктуатсия, сохтор).

þ Эссе/маърӯза натиҷаҳои омӯзиши модулро то чӣ андоза самаранок нишон медиҳад?

*Меъёрҳои тавсияшаванда барои арзёбии супоришҳои амалӣ/журналистӣ:*

þ саҳеҳӣ ва тафтиш (масалан, оё манбаъҳои изҳоршуда ба таври дақиқ пешниҳод шудаанд ва дуруст муайян карда шудаанд?; оё усулҳои дахлдори тафтиш истифода шудаанд?).

þ Шиддатнокии таҳқиқот (масалан, иштирокчӣ то чӣ андоза кӯшиш кард, ки маълумотҳои/манбаҳои эътимодбахш ва манфиро барои дастгирии далелҳо/натиҷаҳои худ пайдо кунад?).

ϸ Таҳлили интиқодӣ (масалан, иштирокчӣ то чӣ андоза оқилона саволҳои асосии шунавандагонро мепурсад?).

ϸ Бесобиқагӣ.

ϸ Устувории паём (масалан, таъсири ҳикоя/релиз ба хонандагон/баррасикунандагон/шунавандагон чӣ гуна аст?).

ϸ Арзиши нашр (масалан, аудио/видео ва мултимедияҳо).

ϸ Ифодаи хаттӣ (имло, грамматика, пунктуатсия, сохтор).

ϸ Риояи арзишҳои ахлоқии дар меъёрҳо ва қоидаҳои касбӣ ифодаёфта.

## Шакли омӯзиш

Ин модулҳо барои омӯзиш ҳам дар тамос бо муаллим ва ҳам тавассути Интернет мутобиқ карда шудаанд. Дар давоми дарсҳои зиёде, иштирокчиён аз муҳити муштараки омӯзишӣ ҳам тавассути Интернет (тавассути платформаи омӯзишӣ ба монанди Moodle ё масалан, истифодаи гурӯҳҳои Facebook) ва дар алоҳидагӣ баҳра хоҳанд бурд.

Бисёре аз дарсҳо ба модел дар ду қисм - таълими назариявӣ пайравӣ мекунанд (масалан, истифодаи семинарҳо, лексияҳо ё тақдимҳои лексияҳо), ки бо машқҳои амалӣ илова карда шудаанд (масалан, дар гурӯҳ кор кардан барои машқҳои санҷишӣ). Одатан, дарс як қисми назариявии 60-90-дақиқагӣ ва семинар ё тренинги 90-дақиқаро дар бар мегирад. Ин синфҳо вобаста ба заминаи таълимӣ/омӯзишии муассисаи муқарраршуда дар рӯзҳои гуногун тавсеа, кам ё тақсим ва/ё ҷойгир карда мешаванд. Барои ҳар як модул вазифа пешниҳод карда мешавад.

То ҳадди имкон, лекторҳо ва тренерон даъват карда мешаванд, ки таҷрибаомӯзон ва коршиносонро ба лексияҳои интерактивӣ ва форумҳо даъват кунанд ва кафолат медиҳанд, ки омӯзиши ҷорӣ, саволҳо ва мубоҳисаҳо ба барномаи таълимӣ дохил карда шаванд.

Илова бар ин, таҳиягарони курс тавсия медиҳанд, ки омӯзгорон/устодон дар дарсҳо маводҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ, забоншиносӣ ва фарҳангиро дохил кунанд.

## Маводҳо ва захираҳо

Тренерҳо ва ширкаткунандагон ба пайвасти Интернет ниёз доранд ва онҳо инчунин ба пойгоҳи додаҳои омӯзишӣ ва/ё системаи ҷустуҷӯии Google Scholar дастрасӣ пайдо мекунанд.

Сайти асосӣ барои захираҳои иловагии таълимӣ, ки ба истифодаи амалии натиҷаҳои умумии таълимӣ марбутанд, First Draft News[8] мебошад.

*Лутфан таваҷҷӯҳ намоед:* мундариҷа ва манбаъҳои дар ин дастур пешниҳодшуда бояд ба муҳаррирон ва ҳаммуаллифони нақшаи таълимӣ мувофиқ бошанд.

8 https://firstdraftnews.com/ [accessed 28/03/2018].

**Усули педагогӣ**

Ин курси махсуси моделиро як қатор барномаҳои таълимии намунавии омӯзиши журналистика[9] роҳбарӣ мекунад, ки аз ҷониби ЮНЕСКО дар соли 2007 нашр шудааст. Муносибати педагогӣ инчунин ба нашрияҳои ЮНЕСКО «*Барномаи таълимӣ оид ба ВАО ва саводнокии иттилоотӣ барои муаллимон»*[10] ва «*Курси намунавӣ оид ба бехатарии журналистон»*[11] асос ёфтааст, ки тавассути онҳо омӯзгорон тавсияҳои зеринро иҷро мекунанд:

- Усули тадқиқоти мушкилот
- Омӯзиши мушкилот (ОКТ)
- Тадқиқоти илмӣ
- Омӯзиши мавзӯӣ
- Таълими коллективӣ
- Таҳлили матн
- Таҳлили контекстуалӣ
- Тарҷумаҳо
- Моделсозӣ
- Нашр

Илова бар ин, барои омӯзгорони ин барномаи таълимӣ омӯхтани мафҳуми журналистикаи "тренинги лоиҳавӣ"[12], тавсия дода мешавад, ки натиҷаи омӯзишро тавассути истифода ва санҷиши малакаҳо дар истеҳсоли маводи иттилоотии журналистӣ таъмин мекунад. Хонандагон инчунин бояд аз имкон додани иқдомоти фаврӣ, зуд ва маъмул алайҳи иттилооти нодуруст огоҳ бошанд ва ба онҳо фазо дода шавад, то ин методро дар амал татбиқ кунанд[13].

9 UNESCO's Model Curricula for Journalism Education (2007). http://unesdoc.unesco.org/images/0015/001512/151209E.pdf [accessed 28/03/2018]. See also UNESCO's Model Curricula For Journalism Education: a compendium of new syllabi (2013). [accessed 28/03/2018: http://unesdoc.unesco.org/images/0022/002211/221199E.pdf; and Teaching Journalism for Sustainable Development: new syllabi (2015). http://unesdoc.unesco.org/images/0023/002338/233878e.pdf [accessed 28/03/2018].

10 Wilson, C., Grizzle, A., Tuazon, R., Akyempong, K. and Cheung, C. (2011). Media and Information Literacy Curriculum for Teachers. [ebook] Paris: UNESCO. http://unesdoc.unesco.org/images/0019/001929/192971e.pdf [accessed 28/03/2018].

11 UNESCO (2017) Model Course on Safety of Journalists: A guide for journalism teachers in the Arab States.: http://unesdoc.unesco.org/images/0024/002482/248297e.pdf [accessed 28/03/2018].

12 Posetti, J & McHugh, S (2017) *Transforming legacy print journalism into a successful podcast format: An ethnographic study of The Age's Phoebe's Fall.* Peer reviewed conference paper presented at the International Association of Media and Communications Researchers conference in Cartagena, Colombia 18/07/2017

13 An interesting example is this clip from hashtag our stories: https://www.facebook.com/hashtagoursa/videos/679504652440492/ [accessed 15/06/2018].

# ҲАҚИҚАТ, ЭЪТИМОД ВА ЖУРНАЛИСТИКА: ЧАРО ИН МУҲИМ АСТ

*Черилин Иретон*



# МОДУЛИ 1

## Баёни мухтасар

Дар бисёр қисматҳои ҷаҳон эътимод ба васоити ахбори омма ва журналистика хеле пеш аз пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ ноустувор ва заиф буд.[1] Ин тамоюлро аз коҳиши эътимод ба муассисаҳо, ки дар бисёр ҷомеаҳо хос аст, ҷудо кардан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, дараҷаи дуршавӣ ва миқёси иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғ, ки навигарӣ буда, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда шудааст, таъсири зарароваре расонидааст, ки минбаъд эътибори журналистикаро таҳдид мекунад. Ин ба рӯзноманигорӣ, васоити ахбори омма, шаҳрвандон ва ҷомеаи кушода оқибат дорад.[2]

Дар маълумоти баландсуръат барои ҳама, ки дар платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва Интернет дастрасанд, ҳар кас метавонад ношир бошад. Дар натиҷа, шаҳрвандон тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳанд, то ҳақиқатро аз дурӯғ дур кунанд. Беномусӣ (цинизм) ва қоидаи шубҳа. Ақидаҳои шадид, назарияҳои тавтиъа ва афзоиши популизм ва ҳақиқат ва ниҳодҳои қаблан қабулшуда шубҳа доранд. Дар ин ҷаҳон, маҷаллаҳои ахборотӣ барои нақши таърихии худ ҳамчун ҳомиён[3] мубориза мебаранд ва иҷро мекунанд, ки фаъолияти онҳо метавонад ҳақиқатро барқарор кунад. Ҳамзамон, рушди муносибатҳои бозаргонӣ барои "иртиботи стратегӣ" ва "амалиётҳои иттилоотӣ", аз ҷумла иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғ омили асосӣ дар экосистемаи иттилоотӣ гардид.[4]

> *Гарчанде миқёс ва оқибатҳои "бесарусомониҳои иттилоотӣ" барои ҷомеа ба материзатсия шурӯъ карданд, ҳатто таҳиягарони меъмории шабакаҳои иҷтимоӣ ҳушдор дода шуданд. Самидх Чакрабарти, Менеҷери Маҳсулоти Фаъолияти шаҳрвандӣ дар Фейсбук пешниҳод кард: "Агар дар бораи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба демократия як ҳақиқати ягона вуҷуд дошта бошад, он ниятҳои инсониятро ҳам хуб ва ҳам бадро тақвият медиҳад. Дар беҳтарин ҳолат, ин ба мо имкони хештангароӣ ва амал карданро медиҳад. Дар бадтарин ҳолат бошад, ин ба одамон имконият медиҳад, ки маълумоти бардурӯғро паҳн кунанд ва демократияро нобуд созанд».[5]*

Маълум шуд, ки барои ҳалли мушкилот мудохилаи чӣ майда ва чӣ калон зарур аст. Як талош – барои кӯшиши ҳалли мушкилот тавассути танзим аст ва бисёр кишварҳо ин роҳро[6] интихоб мекунанд, вале озодии баён ҷонибдори он аст, ки ин метавонад ба кушодагӣ ва иштироке, ки технологияҳои нав барояшон шароитро фароҳам овардаанд, зарар расонад.[7]

---

1 Edelman. (2017). Edelman Trust Barometer - Global Results. [online]. Available at: https://www.edelman.com/global-results/ [accessed 03/04/2018].

2 Viner, K. (2017). *A mission for journalism in a time of crisis.* [online] the Guardian. Available at: https://www.theguardian.com/news/2017/nov/16/a-mission-for-journalism-in-a-time-of-crisis [accessed 03/04/2018].

3 Singer, J. (2013). User-generated visibility: Secondary gatekeeping in a shared media space. *New Media & Society*, [online] 16(1), pp.55-73. Available at: https://pdfs.semanticscholar.org/0d59/6a002c26a74cd45e15fbc20e64173cf2f912.pdf [accessed 0/3/04/2018].

4 See for example the cases described in Gu, L; Kropotov, V and Yarochkin, F. (nd). *The Fake News Machine How Propagandists Abuse the Internet and Manipulate the Public*. https://documents.trendmicro.com/assets/white_papers/wp-fake-news-machine-how-propagandists-abuse-the-internet.pdf [accessed 16/06/2018]. Another study is published by the Data & Society Research Institute, New York (2017) Media Manipulation and Disinformation Online, https://datasociety.net/output/media-manipulation-and-disinfo-online/ [accessed 15/06/2018].

5 Chakrabarti, S. (2018). *Hard Questions: What Effect Does Social Media Have on Democracy?* Facebook Newsroom. [online] Newsroom. fb.com. Available at: https://newsroom.fb.com/news/2018/01/effect-social-media-democracy/ [accessed 03/04/2018].

6 Funke, D. (2018) *A guide to anti-misinformation actions around the world* Poynter https://www.poynter.org/news/guide-anti-misinformation-actions-around-world [accessed 22/05/2018].

7 Nossel, S. (2017). *Faking News: Fraudulent News and the Fight for Truth.* [ebook] PEN America. Available at: https://pen.org/wp-content/uploads/2017/10/PEN-America_Faking-News-Report_10-17.pdf [accessed 03/04/2018].

Хусусан, агар пешвоёни авторитарӣ ба хидмат оянд, онҳо чораҳои пурқувват ва омодаи мухолифатро барои муайян кардани «қалбакӣ» ва он чизе, ки ба доираи муҳими фаъолияташон дахл надорад, пайдо мекунанд.

Варианти дигар аз ҷониби ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ширкатҳо пешниҳод карда шуд, ки ҳадафи онҳо саводнок кардани шунавандагон ва ба онҳо васила фароҳам овардани тафсир ва арзёбии маълумоти бадастомада мебошад. Теъдоди зиёди намунаҳо аз Африқои Ҷанубӣ[8] то Мексика мавҷуданд.[9] Ташкилотҳои тафтиши далелҳо ривоҷ меёбанд (тавре ки дар ин дастур шарҳ дода шудааст).

Дар ин вазъ, рӯзноманигорон ва донишҷӯёни журналистика бояд дар бораи ин ташаббусҳо ва нақшҳои иловагӣ, ки метавонанд иҷро кунанд, донанд. Дар ин замина, ин дастур мебошад.
Барои рӯзноманигорон, ки худро қисмати ҷудонашавандаи дастгирии ҷомеаи демократӣ ва кушода эълон кардаанд, иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғ нисбат ба эътибори онҳо мушкилтар аст. "Бесарусомонии иттилоотӣ" мақсад ва самаранокии онҳоро зери шубҳа мегузорад. Вай зарурати муҳими мустақилияти журналистика ва стандартҳои баланди касбиро таъкид мекунад. Ин маънои онро надорад, ки журналистика аз идеологияи бартаридошта ё гендер, этникӣ, забон, табъизи синфӣ ё пайдоиши иҷтимоии онҳое, ки ба журналистика ҷалб шудаанд, озод нест. Инчунин вай мушкилоти системаҳои таъсири контексти соҳибмулкии институтсионалӣ, моделҳои тиҷоратӣ, манфиатҳои шунавандагон, шабакаи «ахбор» -и манбаъҳои пешгӯишаванда, бюрократӣ ва ҷамъиятиро ва ғайра ба инобат намегирад. Бо вуҷуди ин, вай одоби муҳаррирро ҳамчун чароғ барои гузориш додани ҳодисаҳо ва худтанқидкунӣ аз ҷониби рӯзноманигорон аз ҷаҳонбинӣ ва заминаи онҳо дифоъ мекунад. Ин нишонаи он аст, ки журналистика – ин «нигоҳе аз ҳеҷ куҷо» нест, балки амалияест, ки ба шаффофият ниёз дорад, агар ҷомеа боварӣ дошта бошад, ки он ба стандартҳои васеи шаффофият ва манфиатҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз шумораи мавзӯҳо ва дурнамои пешбинишуда, ҷавобгӯст.[10]

Дар ин дарс, омӯзгорон бояд иштироккунандагонро даъват кунанд, ки дар бораи он, ки журналистика ба ҷомеа ва демократия чӣ гуна хидмат карда метавонад, танқидона фикр кунанд; чӣ гуна "бесарусомонии иттилоотӣ" таъсир мерасонад ва дар оянда хавфҳо ба демократия ва ҷомеаи кушода таъсир мерасонанд; чӣ гуна журналистика метавонад ба дастовардҳои бештар ноил гардад ва дар айни замон, эътимоди онро барқарор мекунад, ки усулҳо ва стандартҳои он воқеан ҳамчун фарқияти фароҳам овардани иттилооти тасдиқшаванда ба манфиати ҷамъият фарқ мекунанд. Ин на дар бораи боварии нобино ба паҳнкунандагони нашрияҳо, балки дар бораи эътирофи хусусият, фарқияти онҳо ва хоҳиши риояи равандҳо ва стандартҳои иттилооте, ки ба манфиати ҷамъият тасдиқ карда мешаванд ва, мутобиқан, арзёбии онҳо. Ин маънои эътироф кардани арзиши нобовариро нисбат ба беҷуръатӣ ва қобилияти дахлдори аъзои ҷамъият фарқ кардани худро ҳамчун журналистони амалия ва дар ҳақиқат кӯшиши ба журналистика ҷалб кардан (ва нишон додани шаффофияти зарурӣ, масъулияти худтанзимкунӣ ва эътибори боэътимоди сифат) дорад. Барои рӯзноманигорон ва донишҷӯёни журналист, ин маънои фаҳмидани муҳити тағйирёбандаи иттилоот ва тарзи вокуниш ба мушкилотро дорад.

---

8 #KnowNews is a web browser extension developed by South Africa's Media Monitoring Africa NGO, which seeks to help audiences identify if the site they are browsing contains credible news: https://chrome.google.com/webstore/search/KnowNews [accessed 15/06/2018].

9 See the website https://verificado.mx/ representing a coalition of 60 media, civil society and university institutions focusing on verification of contested content during the 2018 Mexican election. [accessed 15/06/2018]; https://knightcenter.utexas.edu/blog/00-19906-media-collaboration-and-citizen-input-fueled-verificado-2018-fact-checking-mexican-ele [accessed 04/07.2018].

10 See Rosen, J. (2010). The View from Nowhere: Questions and Answers. *PressThink.* http://pressthink.org/2010/11/the-view-from-nowhere-questions-and-answers/ [accessed 15/06/2018].

## Тавсифи умумӣ

Барои фаҳмидани оқибатҳои "бесарусомониҳои иттилоотӣ" барои рӯзноманигорон ва ҷомеае, ки ба он хидмат мекунад, муҳим аст, ки иштирокчиён тағироти куллии журналистика ва васоити ахбори оммаҳои анъанавиро дар сатҳи сохторӣ, фарҳангӣ ва танзимӣ, ки пас аз рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва дастгоҳҳои инфиродӣ бо дастрасӣ ба Интернет ба миён омад, баррасӣ кунанд. Аз ҳама муҳим ин робитаи байни масъалаҳои тезутундшудаи эътимод ба журналистика ва ҷалбшавӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.[11]

Тамоми мушкилиҳои журналистикаро, ки ба шабакаҳои иҷтимоӣ марбутанд, маҳкум кардан нодуруст мебуд. Эътимод мустақиман бо потенсиали журналистӣ вобастагӣ дорад ва робита бо суст шудани эътимод ба давлатҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо дар бисёр қисматҳои ҷаҳон вуҷуд дорад.[12]

Дигаргуниҳои сохторӣ дар роҳи ҷамъоварӣ ва паҳнкунии ахбор ва пошхӯрии модели асосии тиҷоратии ташкилотҳои анъанавии иттилоотӣ индустрияи хабари нерӯи журналистиро дар утоқҳои ахбор фош карданд, ки ба амиқӣ, фарогирӣ ва сифати пахши ахбор таъсир мерасонанд.[13] Ихтисори маблағгузорӣ барои таҳририяи ВАО-и ҷамъиятӣ ва назорати пайвастаи давлатӣ дар ин бахш боиси инчунин заифшавии хабарнигорӣ гаштааст.

Гарчанде гузариш ба технологияҳои рақамӣ ба роҳҳои нави мусоиди гузоришдиҳӣ ва ҷалби бештари шунавандагон дар раванди эҷоди навигариҳо оварда расонид, он инчунин барои муҳаррирони аллакай заифшудаи хабарҳои анъанавӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овард. Ва танҳо ташкилотҳои иттилоотии рақамӣ дар маҷмӯъ оммаи журналистиро барои боздоштани таназзули рӯзноманигорӣ ҳоло инкишоф надодаанд.[14]

Дар экосистемаи демократиконидашуда ва гуногунрангтари иттилоотӣ, пешгирии оқибатҳои зараровари иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғ, мушкилотро на танҳо барои онҳое, ки ба журналистика сармоягузорӣ кардаанд, балки барои тамоми ҷомеа тасдиқ мекунад.[15]

Таҷрибаи рӯзноманигорӣ қабл аз гузариш ба технологияҳои рақамӣ ва метод стандартҳои касбӣ, сатҳҳои назорат ва назорати мутамарказро барои назорати дурустӣ, сифат ва хабарҳои одилонаро дар бар мегирифт.

11 See Module Three

12 Edelman. (2017) op cit

13 See Module Three

14 Greenspon, E. (2017). *The Shattered Mirror: News, Democracy and Trust in the Digital Age*. [ebook] Ottowa: Public Policy Forum, Canada. Available at: https://shatteredmirror.ca/download-report/ [accessed 03/04/2018].

15 Ansip, A. (2017). *Hate speech, populism and fake news on social media – towards an EU response*. https://ec.europa.eu/commission/commissioners/2014-2019/ansip/announcements/statement-vice-president-ansip-european-parliament-strasbourg-plenary-debate-hate-speech-populism [accessed 03/04/2018].

Гузоришгарони саҳроиро як гурӯҳи муҳаррирони нав иваз карданд, ки маводҳои иттилоотро то ба нашр баромадан тафтиш мекарданд. Ин модели "сензура" ҳисси касбияти журналистонро ташвиқ кард.[16]

Тавассути хабарнигории корҳо ва маъалаҳои ҷамъиятӣ, таҳқиқот, тафсир ва таҳлил рӯзноманигорон воситаҳои муассири ба ҷавобгарӣ кашидани сиёсатмадорон ва шахсони мансабдорро доштанд. Онҳо ба шаҳрвандон дар ҳалли масоили роҳбарикунӣ ва идоракунии онҳо кӯмак карданд. Маълум, ки баъзе ташкилотҳои иттилоотӣ ба идеалҳо ва стандартҳои журналистика ҷавобгӯ набуданд. Аммо дар маҷмӯъ, кори онҳо ба хабарҳои воқеӣ, ки дар як паёми иттилоотӣ дилгармӣ интихоб ва пешниҳод карда мешавад, равона шудааст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ далелҳои ихтироъшуда бо ҳадафҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ ё фароғатӣ эҷод карда намешавад.

Дар сатҳи фарҳангӣ, васеъ кардани имконоти субъектҳо барои шаҳодат додан, сабт кардан, шарҳ додан ва нашр кардани навигариҳо дар шабакаҳои ВАО-и иҷтимоӣ боиси тағиротро на танҳо дар модели мутамарказ, балки дар мубоҳисаи ба ҳама дастрас тезонидааст.[17] Платформаҳои ВАО-и иҷтимоӣ ҳоло инфрасохтори асосии мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ мебошанд. Баъзеҳо шубҳа доранд, ки ин кишварҳои демократӣ ва ҷомеаҳои кушодаро ба "касри демократӣ" оварда расонид.[18]

Бо исрор аз он, ки онҳо ноширони иттилоот нестанд, ширкатҳои технологӣ ва платформаҳои иҷтимоӣ аз ӯҳдадориҳои танзимкунанда, ки масъулияти онҳо бар дӯши журналистон ва ноширон вогузор шудааст, канораҷӯӣ карданд.[19] Ва гарчанде ки ин созмонҳо журналистонро барои эҷоди хабарҳо киро намекунанд, аҳамияти нозирӣ ва таҳрири онҳо торафт бештар ва бештар аз нақши "барандагони ягона" ё миёнаравони оддӣ дур мешаванд.

Аксари иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодуруст ё тавре, ки онро Институти Ҳисоббарории Илми Оксфорд "спам" меномад, аз ҷониби платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва алгоритмҳои системаҳои ҷустуҷӯӣ идора карда мешавад. Бо роҳи ба даст овардани шабакаҳои оила ва дӯстони корбар, онҳо сохтор ва қонунияти иттилооти бардурӯғ ва маълумоти ғалатро таъмин мекунанд.[20]

Ҳамин тариқ, маводи бардурӯғи иттилоотие, ки қасдан дар ин платформаҳо паҳн карда мешаванд, ба фаҳмиши воқеияти шаҳрвандон таъсир мерасонад[21] ва эътимод, муколамаи огоҳона, ҳисси умумии воқеият, ризоияти тарафайн ва иштироки онҳоро аз байн мебарад.[22] Роҳҳои дигари он, ки шабакаҳои иҷтимоиро дар вайрон кардани демократия айбдор мекунанд, инҳоанд:

---

16 Kovach, B. and Rosenstiel, T. (2010). *Blur: How To Know What's True In The Age of Information Overload*. 1st ed. New York: Bloomsbury, pp.171-184.

17 Nossel, S. (2017). *Faking News: Fraudulent News and the Fight for Truth.* [ebook] PEN America. Available at: https://pen.org/wp-content/uploads/2017/10/PEN-America_Faking-News-Report_10-17.pdf [accessed 03/04/2018].

18 Howard, P. (2017) Ibid

19 Howard, P. (2017) Ibid. See also Module Three

20 Pariser, E. (2011). The filter bubble: what the Internet is hiding from you. London, Viking/Penguin Press.

21 European Commission (2017). Next steps against fake news: Commission sets up High-Level Expert Group and launches public consultation. [online] Available at: http://europa.eu/rapid/press-release_IP-17-4481_en.htm [accessed 13/06/2018].

22 Deb, A., Donohue, S. & Glaisyer, T. (2017). *Is Social Media A Threat To Democracy?* [ebook] Omidyar Group. Available at: https://www.omidyargroup.com/wp-content/uploads/2017/10/Social-Media-and-Democracy-October-5-2017.pdf [accessed on 03/04/2018].

þ Эҷоди камераҳои садо, радикализатсия ва пайравии барзиёд;

þ Табдилёбии маъруфият ба қонуният;

þ Иҷозат барои сӯистифода кардан бо пешвоёни популист, давлатҳо ва таҷрибакунандагон;

þ Мусоидат барои ҷамъоварии махфии маълумоти шахсӣ ва микрохабарҳои мақсаднок/реклама;[23]

þ Вайрон кардани дастрасии умумӣ.[24]

Ин тавр набояд бошад. Шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад платформаи асосии ҷалби ҷомеа ба журналистика ва мусоидат ба мубоҳисаҳо, арзишҳои шаҳрвандӣ ва иштироки демократӣ дар муҳите, ки ҳуқуқи инсон, гуногунрангии фарҳангӣ, илм, дониш ва қабули оқилонаи қарорҳоро тақвият медиҳад. Бинобар ин, журналистика дар ҳама гуна платформаҳо, масалан, бояд масъалаҳои мураккабро барои оммаи васеъ фаро гирад, бе аз даст додани дақиқӣ ва бе содда кардани матн, ки метавонад ҷомеаро гумроҳ созад. Хусусан дар соҳаи пешрафтаи тиббӣ (масалан, клонизатсия) ва дастовардҳои нав дар илм (масалан, зеҳни сунъӣ), мушкилот барои рӯзноманигорон ин санҷидани дақиқӣ, дурӣ ҷустан аз сенсатсия, эҳтиёткорӣ дар фарогирии таъсироти оянда ва қобилияти дарк кардан ва санҷидани нуқтаҳои назари гуногун ё натиҷаҳое, ки эътимоди мутахассисон арзанда мебошанд.

Илова бар ин, усулҳои зиёде мавҷуданд, ки журналистика метавонад ба иттилооти ғалат ва бардурӯғ посух диҳад. Ба ин манипулятсияҳо то тафтишот ва рӯирост фош кардани маъракаҳои ғалатӣ дохил мешаванд. Аммо ин усулҳо бояд бо кӯшишҳои зиёд барои беҳтар сохтани журналистика дар маҷмӯъ ҳамроҳӣ карда шаванд (ба зер нигаред).

Муносибатҳои оммавӣ ба “бетартибиҳои иттилоотӣ” ва мушкилоте, ки платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ интиқол медиҳанд, дар якчанд сатҳҳо пайдо мешаванд ва фарқ мекунанд. Қарорҳо ҳамеша такмил меёбанд, баъзеҳо ба зудӣ. Аксарияти онҳо аз Иёлоти Муттаҳида сарчашма мегиранд, ки дар он ҷо операторони шабакаҳои иҷтимоӣ ва Google ҷойгиранд. Баъзе ташаббусҳои таҳаввулкунандаи технология, ки бо иттилооти бардурӯғ сарукор доранд, инҳоянд:

þ Кӯшиши хориҷ кардани натиҷаҳои ҷустуҷӯ ва лентаи хабарҳо, ки оператор онҳоро (бешубаҳа) ҳамчун ахбори қалбакӣ арзёбӣ менамояд.[25] [26] [27]

---

23 Cadwalladr, C. and Graham-Harrison, E. (2018). How Cambridge Analytica turned Facebook ‘likes’ into a lucrative political tool. The Guardian. [online] Available at: https://www.theguardian.com/technology/2018/mar/2017/facebook-cambridge-analytica-kogan-data-algorithm [accessed 03/04/2018].

24 Deb, A., Donohue, S. & Glaisyer, T. (2017) Ibid

25 Ling, J. (2017). *Eric Schmidt Says Google News Will ‘Engineer’ Russian Propaganda Out of the Feed.* Motherboard Vice.com. [online] Available at: https://motherboard.vice.com/en_us/article/pa39vv/eric-schmidt-says-google-news-will-delist-rt-sputnik-russia-fake-news?utm_campaign=buffer&utm_content=buffer41cba&utm_medium=social&utm_source=facebook.com+Motherboard [accessed on 03/04/2018]; https://www.rt.com/news/411081-google-russia-answer-rt/

26 Mosseri, A. (2018). *Helping ensure news on Facebook is from trusted sources*. Facebook. https://newsroom.fb.com/news/2018/01/trusted-sources/ [accessed on 03/04/2018].

27 Stamos, A. (2018) *Authenticity matters: Why IRA has no place on Facebook.* Facebook. https://newsroom.fb.com/news/2018/04/authenticity-matters/ [accessed on 03/04/2018].

а Маҳрум кардани провайдерони иттилооти қалбакӣ, аз гирифтани фоидаи аз рекламаи пас аз пахш кардани он пайдо мешуда;

а Пешкаши қарорҳои технологӣ барои санҷиши маводи рақамии иттиллоотӣ ва тасвирҳо;[29]

а Маблағгузории ташаббусҳои дастгирикунандаи журналистӣ, ки дар ҷои васлшавии журналистика, технологияҳои таҳқиқотҳои илмӣ меистанд;[30]

а Рушд ва истифодабарии стандартҳои техникӣ ё ишоратҳои эътимоднокӣ, ки ба корбарон (ва алгоритмҳо) муайян кардани хабарҳоро аз пахшкунандагони боваринокро кӯмак мекунанд.[31]

Дар замони навиштан, оғози соли 2018, яке аз ташаббусҳои назаррас дар соҳаи стандартҳои техникӣ барои созмонҳои иттилоотӣ лоиҳаи The Trust Project, консорсиуме буд, ки якҷоя бо системаҳои ҷустуҷӯии калон, платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва зиёда аз 70 ширкати расонаӣ дар саросари ҷаҳон кор мекунад. Вазифаи он - осон кардани эҷоди ахбори дақиқ ва назоратшаванда дар асоси стандартҳои ахлоқӣ тавассути эътирофи бренди эътимод ба аҳолӣ аст. Консорсиум ҳашт стандартҳои ибтидоии техникиро[32] эҷод кардааст, ки агентиҳои иттилоотӣ дар фазои рушди онлайни худ бояд ба он мувофиқат кунанд ва ба осонӣ шинохта шаванд, то онро ҳамчун як агенти боэътимод эътироф намоянд. Нишондиҳандаҳои[33] The Trust Project:

- **Усулҳои пешрафта**:
  - › Стандартҳои шумо чӣ гунаанд?
  - › Агентиҳои хабариро кӣ маблағгузорӣ мекунад?
  - › Вазифаи агентии иттилоотӣ чист?
  - › Ҷидду ҷаҳд ба одоб, андешаҳои гуногун, саҳеҳӣ, тасҳеҳот ва стандартҳои дигар.
- **Маълумоти касбии муаллиф/гузоришдиҳанда**: Кӣ онро офаридааст? Маълумот дар бораи рӯзноманигор, аз ҷумла маълумоти касбии ӯ ва мақолаҳои дигаре, ки аз рӯи онҳо кор кардааст.
- **Намуди кор**: Ин чист? Нишондоди фарқияти ақида, таҳлил ва маводи иттилоотии таблиғкунанда (сарпарастӣ/маҳаллӣ) аз гузоришҳои ахборотӣ.
- **Иқтибосҳо ва истинодҳо**: Барои мақолаҳои иттилоотии тафтишотӣ, дастрасӣ ба манбаҳо ҳамчун иддаои воқеӣ.
- **Усулҳо**: Инчунин барои мақолаҳои пурмазмун иттилоот дар бораи он ки чаро рӯзноманигорон барои гирифтани маводи иттилоотӣ мусобиқа мекунанд ва чӣ гуна онҳо кор карданд (ин ба шаффофият мусоидат мекунад).

---

28 Love, J. & Cooke, C. (2017). *Google, Facebook move to restrict ads on fake news sites*. Reuters. [online] Available at: https://www.reuters.com/article/us-alphabet-advertising/google-facebook-move-to-restrict-ads-on-fake-news-sites-idUSKBN1392MM [accessed 15/06/2018].

29 See Module Six. An example is http://www.truly.media/ [accessed 15/06/2018].

30 See Module Five

31 The Trust Project (2017). *The Trust Project – News with Integrity*. [online] Available at: https://thetrustproject.org/?nr=0 [accessed on 03/04/2018].

32 The Trust Project (2017). Ibid

33 The Trust Project (2017). Ibid

- **Аз манбаъҳои маҳаллӣ?** Ба шумо донистан имкон медиҳад, кадом вақт мақолаи таҳҷоӣ аст ё маълумоти махсус дорад. Оё гузориш дар ҷояш бо донишҳои амиқи вазъияти маҳаллӣ ё ҷамоат буд?
- **Ақидаҳои гуногун:** Кӯшишҳои шӯъбаи ахбор ва хоҳиши ба вуҷуд овардани гуногунии нуқтаи назар ба ҷаҳон. (Хонандагон/таҳлилгарон/шунавандагон ҳангоми набудани андешаҳо, миллатҳо ё эътиқоди сиёсиро қайд мекунанд)
- **Фикру мулоҳизаҳои конструктивӣ**: Кӯшишҳои шӯъбаи ахбор дар истифодаи кӯмаки ҷамъиятӣ барои муқаррар кардани афзалияти инъикоси рӯйдодҳо, мусоидат дар раванди гузоришдиҳӣ, кафолат додани дақиқӣ ва дигар соҳаҳо. Хонандагон/таҳлилгарон/шунавандагон мехоҳанд, ки иштирок кунанд ва фикру мулоҳизаҳои худро дар бораи он, ки чӣ метавонад мақоларо иваз ё васеъ кунад, гузоранд.

Боварӣ ба кори рӯзноманигорӣ инчунин ба зиёд шудани миқдор, гуногунӣ ва сифати манбаъҳои рӯзноманигорон мусоидат мекунад ва оқибат ба шунавандагонро таъмин мекунад.

Вокунишҳои давлатҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва омӯзгорон диққати бештарро ба васоити ахбори омма ва саводнокии иттилоотӣ дар бар мегиранд, ки дар дарси навбатӣ муфассалтар баррасӣ мешаванд.[34]

Ин масъалаҳо дар соли 2017 низ аз ҷониби Форуми умумиҷаҳонии муҳаррирон бардошта шуд, ки президенти он Марсело Рек пешниҳод кардааст, ки муҳаррирон дар саросари ҷаҳон панҷ принсипҳои зеринро дастгирӣ кунанд:[35]

- Дар ҷаҳони иттилооташ барзиёд, *эътимоднокӣ, мустақилият, дақиқӣ, ахлоқи касбӣ, шаффофият ва гуногунандешӣ* **арзишҳое** мебошанд, ки **муносибатҳои бовариро** бо омма тасдиқ мекунанд.
- Журналистикаи сатҳи оянда аз дигар маводи иттилоотӣ дар пурсиш ва бодиққат **пурсуҷӯ ва санҷиши** маводи дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳншуда **фарқ** мекунад. Вай шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун манбаи иттилоот барои тафтиши минбаъдаи далелҳо ва ҳамчун майдони истифодаи самараноки маводи иттилоотии касбӣ эътироф мекунад.
- **Вазифаи** рӯзноманигорӣ дар ин зинаи навбатӣ аз он иборат аст, ки тавассути пешниҳоди иттилооти босифат ва таъсиси бренди навигарӣ ҳамчун сертификати боэътимоди пайдоиши маводи иттилоотӣ ба **ҷомеа хидмат** расонад.
- **Талаби** рӯзноманигории сатҳи оянда аз он иборат аст, ки он аз **доираи фактҳои асосӣ берун баромада**, таҳлил, гузориши матнӣ ва гузоришдиҳии таҳқиқотӣ ва изҳори огоҳиро аз пешниҳоди хабарҳо то донише, ки имкониятҳоро афзун мекунад, фароҳам меорад.
- **Журналистикаи сатҳи оянда** бояд ба эътимод ва принсипҳои роҳнамои аҳамияти иҷтимоӣ, манфиати қонунӣ ва эътимодбахшӣ асос ёбад.

34 See Module Four

35 Ireton, C. (2016). *World Editors Forum asks editors to embrace 5 principles to build trust* https://blog.wan-ifra.org/2016/06/14/world-editors-forum-asks-editors-to-embrace-5-principles-to-build-trust [accessed 15/06/2018].

Барои рӯзноманигорон ва муҳаррирони ахбор бештар ба пешбурди сифат таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мешавад:

- Амалияи журналистикаи назоратӣ, этикӣ ва гузоришдиҳӣ дар асоси далелҳои тасдиқшуда;[36]
- Тафтиши далелҳо ва масхара кардани иттилооти бардурӯғ ва маълумоти ғалат;[37]
- Тафтиши маълумот, манбаъҳо, тасвирҳои рақамӣ;[38]
- Иштирок дар ҷомеаҳое, ки рӯзноманигорон ҷалб мекунанд ва таъмини он ки мавзӯъҳои асосии хабарҳо ба ниёзҳои ҷомеа мувофиқ бошанд.[39]

Дар ниҳоят, далели ихтилофи байни расонаҳои пешбар ва аудиторияи онҳо ҳангоми овоздиҳӣ дар Британиёи Кабир барои баромадан аз Иттиҳоди Аврупо, Брексит ва дар интихоботи соли 2016 дар ИМА таъкид карда шуд. Муошират қавӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ - ин ӯҳдадории мустақим аст. Дастурдиҳандагон бояд тавзеҳ диҳанд, ки чӣ гуна васоити ахбори омма метавонанд ба аудиторияи худ беҳтар хидмат кунанд ва ба ин васила эътимодеро эҷод кунанд, ки муносибатҳои онҳо ва умумро тақвият диҳанд.

Нашри Шадсон, «Шаш ё Ҳафт коре, ки ахбор барои демократия иҷро карда метавонад»[40] барои муҳокима заминаҳои хуб фароҳам меорад:

- Иттилоот: Маълумоти одилона ва мукаммал пешниҳод кунед, ки шаҳрвандон интихоби дурусти сиёсиро пешкаш кунанд;
- Таҳқиқот: таҳқиқи сарчашмаҳои муттамарказии нерӯи хос дар қудрати давлатӣ;
- Таҳлил: Чаҳорчӯбаи ба ҳам алоқамандро шарҳ диҳед, ки ба шаҳрвандон дар фаҳмидани ҷаҳони мураккаб кӯмак мекунад;
- Ҳисси ҳамдардии ҷамъиятӣ: ба одамон дар бораи одамони дигари ҷомеа ва дунёи худ нақл кардан, то онҳо тавонанд фаҳмиши нуқтаи назар ва ҳаёти одамони дигар, бахусус онҳоеро, ки камбизоат ҳастанд, оғоз кунанд;
- Форуми кушод: фароҳам овардани форум барои муколамаи байни шаҳрвандон бо истифода аз бархӯрдҳои гуногунандешӣ ва маҷмӯӣ ба мушкилот ва ҳамчун хатбари дурнамои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа баромад кардан;
- Сафарбаркунӣ: ҳамчун ҷонибдори барномаҳои сиёсӣ ва дурнамои сиёсӣ амал кардан (аз рӯи ихтиёр), омода кардани одамон барои дастгирии ин барномаҳо, вале бе вайрон кардани стандартҳои тасдиқ ва манфиати ҷамъиятӣ.

---

36 Wales, J. (2017). *What do we mean by evidence-based journalism?* Wikitribune. https://medium.com/wikitribune/what-do-we-mean-by-evidence-based-journalism-3fd7113102d3 [accessed on 03/04/2018].

37 See Module Five

38 Bell, F. (2018). In an age of data-journalism, verification is all the more complex. For instance, in cases of massive data troves it is likely that not just inaccurate information exists, but also that it is entirely possible that deliberately planned disinformation may be included within the records. See also Module Six of this course

39 Batsell, J. (2015). Engaged journalism: connecting with digitally empowered news audiences. New York. Columbia University Press.

40 Schudson, M. (2008). *Why Democracies Need an Unlovable Press*. Polity. Chapter Two: Six or Seven Things News Can Do For Democracy. Available at: https://books.google.co.uk/books?id=hmYGMe9ecKUC&printsec=frontcover&dq=schduson+michael+6+or+seven+ways&hl=en&sa=X&ved=0ahUKEwjuZGI6ozZAhWELsAKHc0vBlUQ6AEIKTAA - v=onepage&q&f=false [accessed on 03/04/2018].

## Мақсадҳои модул

- Иштирокчиёнро водор намояд, ки дар бораи журналистика ва шабакаҳои иҷтимоӣ назари танқидӣ диҳанд
- Иштирокчиёнро ташвиқ кунад, ки мавқеи худро дар экосистемаи "бесарусомони иттилоотӣ" арзёбӣ кунанд
- Ба иштирокчиён дар бораи таъсири "бесарусомонии иттилоотӣ" ба ҷомеа андешаи танқидона кардан, кӯмак расонад.

## Натиҷаҳои омӯзиш

Дар охири ин модул иштирокчиён бояд:

1. Чуқуртар дарк кардани фаҳмиши танқидии он, ки журналистика метавонад ба демократия ва ҷомеаи кушод дар муҳити хеле васеъ паҳншудаи ВАО ва дарки хатарҳои "бесарусомонии иттилоотӣ" барои демократия чӣ гуна хидмат кунад;
2. Фаҳмидани омилҳое, ки эътимодро ба журналистика ҳавасманд мекунанд ва чӣ гуна ин эътимодро барқарор ё нигоҳ доштан мумкин аст.
3. Ба дигарон фаҳмонда тавонистани он ки чаро журналистика муҳим аст.

## Сохти модул

Иттилоот дар тавсифи умумии модули мазкур барои як лексияи 30-дақиқаӣ дар якҷоягӣ бо дарси 30-дақиқаӣ ва ё мизи мудаввар дар мавзӯъҳои "Чаро журналистика муҳим аст?" ва "чӣ гуна он ба мардум хизмат мекунад?" Дарси амалии 90-дақиқаӣ тавассути як гуфтугӯи сохторӣ метавонист бифаҳмад, ки чӣ шӯридагон, ки ба журналистика эътимод надоранд, итминон додан мумкин аст, ки на ҳама иттилоот ба дурӯғ баробар аст; ВАО чӣ кор карда метавонад, то эътимодро дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки тамоми иттилоот якхелаанд, талаб кунад?

## Алоқаи нақша бо натиҷаҳои омӯзиш

### *A. Назария*

| Нақшаи модул | Шумораи соатҳо | Натиҷаҳои омӯзиш |
| --- | --- | --- |
| Лексия ва муколамаи интерактивӣ дар мавзӯи ҳақиқат ва эътимод | 30 дақиқа | 1, 2 |
| Муқокимаи чунин саволҳо дар гирди мизи мудаввар, монанди «чаро журналистика муҳим аст? Ва «чӣ тавр он ба ҷамъият хидмат менамояд?» | 30 дақиқа | 1, 2, 3 |

### *B. Амалия*

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
| --- | --- | --- |
| Супориши амалӣ | 90 дақиқа | 3 |

## *Супориши пешкашмешуда*

— Вазифа аз се элемент иборат аст ва кор дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд пешбинӣ мешавад:

- Аз иштирокчиён (дар гурӯҳҳои хурд ё ҷуфтҳо) хоҳиш намоед, ки бо шунавандагони васоити ахбори омма мусоҳиба кунанд ва манбаъҳои боэътимоди ахбори маҳаллӣ ё миллӣ ва иттилооти шаҳрвандиро муайян кунанд. Модели Шадсонро ҳамчун асос "Шаш ё ҳафт коре, ки ахбор метавонад барои демократия иҷро кунад" истифода баранд, сипас онҳо бояд як чопи ягонаи нашрия ё мақолаи мавзӯъиро дар як воситаи ахбори оммавӣ омӯзанд, то муайян кунанд, ки то чӣ андоза онҳо ба ҷомеа тавассути журналистика хизмат мекунанд. Усулҳои таҳлили иттилоот барои ин равиш ҳамчун методи муфид хидмат хоҳанд кард. Унсури дуввум кадоме аз ҳашт нишондиҳандаи боэътимодиро, агар он вуҷуд дошта бошад ба Trust Project, ки муқаррар кардан мумкин аст. Сеюм, натиҷаҳо метавонанд барои гузориши хабарӣ ё ёддошти таҳририя дар шакли хаттӣ ва ё паёми кӯтоҳи видеоӣ ё аудиоӣ асос ёбанд, ки чаро журналистика муҳим аст.

## *Адабиёт*


Deb, A., Donohue, S. & Glaisyer, T. (2017). *Is Social Media A Threat To Democracy?* [ebook] Omidyar Group. Available at: https://www.omidyargroup.com/wp-content/uploads/2017/10/Social-Media-and-Democracy-October-5-2017.pdf

Edelman. (2017). *2017 Edelman TRUST BAROMETER - Global Results*. [online] Available at: https://www.edelman.com/global-results/

Howard, P. (2017) *Is social media killing democracy?* Oxford. Available at https://www.oii.ox.ac.uk/videos/is-social-media-killing-democracy-computational-propaganda-algorithms-automation-and-public-life/

Nossel, S. (2017). *FAKING NEWS: Fraudulent News and the Fight for Truth*. [ebook] PEN America. Available at: https://pen.org/wp-content/uploads/2017/10/PEN-America_Faking-News-Report_10-17.pdf

Schudson, M. (2008). *Why Democracies Need an Unlovable Press*. Polity. Chapter 5: Six or Seven Things News can do for Democracies, Available at https://books.google.co.uk/books?id=hmYGMe9ecKUC&printsec=frontcover&dq=schduson+michael+6+or+seven+ways&hl=en&sa=X&ved=0ahUKEwju_ZGI6ozZAhWELsAKHc0vBlUQ6AEIKTAA-v=onepage&q&f=false

Viner, K. (2017). *A mission for journalism in a time of crisis*. [online] the Guardian. Available at: https://www.theguardian.com/news/2017/nov/16/a-mission-for-journalism-in-a-time-of-crisis

# МУЛОҲИЗА ДОИР БА “БЕСАРУСОМОНИИ ИТТИЛООТӢ”, ФОРМАТҲОИ ИТТИЛООТИ БАРДУРӮҒ, МАЪЛУМОТИ ҒАЛАТ ВА ИТТИЛООТИ НОКИФОЯ

*Клэр Уордл ва Хоссейн Дерахшан*




# МОДУЛИ 2

## *Баёни мухтасар*

*Истилоҳи «ахбори қалбакӣ» ва ҳатто «расонаҳои қалбакӣ» бисёр истифода мешаванд ва гузоришеро тавсиф мекунанд, ки даъвогар бо он розӣ нест. Харитаи Google Trends Map нишон медиҳад, ки одамон дар нимаи дуюми соли 2016 фаъолона ба ҷустуҷӯи ин истилоҳ шурӯъ кардаанд.*[1] *Дар ин модул иштирокчиён фаҳмида метавонанд, ки чаро ин истилоҳ а) барои тавзеҳ додани дараҷаи ифлосшавии иттилоот мувофиқ нест ва б) чаро ин истилоҳ мушкил шудааст ва мо бояд истифодаи онро бас кунем.*

Мутаассифона, ибора ба сиёсатгузорӣ ба осонӣ дода мешавад ва ба сифати силоҳ алайҳи индустрияи иттилоотӣ, тарзи гузоришшиканӣ истифода бурда мешавад, ки ба шахсони дар сари ҳокимият нишаста, ҳаргиз писанд нест. Ба ҷои ин, истилоҳҳои "иттилооти бардурӯғ" ва "маълумоти нодуруст" тавсия дода мешаванд. Ин модул намудҳои мухталифи мавҷудбударо ва дар куҷо ин намудҳо дар соҳаи «бесарусомонии иттилоотӣ» муаррифӣ мешаванд, баррасӣ менамояд.

Ин истилоҳ ҳаҷв ва пародия, сарлавҳаҳои домҳои рекламавӣ ва сӯйистифодаи навиштаҷот, тасвирҳо ё омор, инчунин маводи воқеии иттилоотиро, ки аз замина паҳн карда мешаванд, маводи ғайриқонунии иттилоотӣ (вақте номи журналист ё логотипи рӯзнома аз ҷониби шахсони ба онҳо алоқаманд набуда, истифода мешавад), маводи иттилооти қалбакӣ ва сохта. Аз ин ҳама, маълум мешавад, ки ин бӯҳрон нисбат ба истилоҳи «хабари қалбакӣ» хеле мураккабтар аст.

Агар мо хоҳем, ки барои ҳалли ин навъҳои иттилооте, ки ҷараёни шабакаҳои иҷтимоиро ифлос мекунад ва воридшавии онҳоро ба маҳсулоти анъанавии ВАО пешгирӣ кунем, ба мо лозим аст, ки дар бораи ин масъала бодиққат бештар фикр кунем. Мо инчунин бояд дар бораи одамоне, ки ин навъи маводи иттилоотиро эҷод мекунанд ва онҳоро чӣ бармеангезад, мулоҳиза кунем. Онҳо кадом маводи иттилоотиро эҷод мекунанд ва ин мавод ба шунавандагон чӣ гуна дастрас мешавад? Ва ҳангоме ки худи ҳамон аудитория тасмим мегирад, ки ин паёмҳоро мубодила кунад, чӣ онҳоро ба ин амал водор месозад? Ҷанбаҳои зиёди ин масъала вуҷуд доранд ва бисёр баҳсҳо ин мушкилро намефаҳманд. Дар охири модули мазкур, донишҷӯён бояд истифодаи истилоҳҳо ва мафҳумҳои барои муҳокимаи масъалаҳои марбут ба «бесарусомонии иттилоотӣ» мувофиқро ёд гиранд.

## *Тавсифи умумӣ*

Дастури мазкур асосан истилоҳҳои “иттилооти бардурӯғ” ва “маълумоти ғалат”-ро истифода мебарад, ки хилофи маълумоти боэътимод ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, яъне маҳз онеро, ки журналистикаи воқеӣ эҷод мекунад. Ин модул ба хусусиятҳои фарқкунандаи маълумоти нодуруст тамаркуз менамояд.

Аксари гуфтугӯҳо дар бораи "хабари қалбакӣ" бо ду мафҳум муштарак мешаванд: иттилооти бардурӯғ ва маълумоти ғалат. Ин метавонад фоидаовар бошад, вале тахмин мекунем, ки маълумоти бардурӯғ – ин маълумоти беэътимод аст ва шахсе, ки онро паҳн

1 Google Trend Map of the term *Fake News* https://trends.google.com/trends/explore?date=today%205-y&q=fake%20news [accessed 06/04/2018].

мекунад, бовар менамояд, ки ин ҳақиқат аст. Ин дурӯғе, ки қасдан ва дидаву дониста ба одамоне равона карда шудааст, ки аз ҷониби вайронкорон фаъолона ғалат иттилоъ дода мешаванд.[2]

Категорияи сеюмро метавон “маълумоти нокифоя” номид - маълумоте, ки ба воқеият асос ёфтааст, вале барои зарар расонидан ба шахс, созмон ё кишвар истифода мешавад. Мисол ин паёмест, ки тамоюли ҷинсии шахсро бе сабабҳои манфиати ҷамъиятӣ ифода мекунад. Фарқияти байни паёмҳои ҳақиқатдоштаро аз паёмҳои бардурӯғ ва инчунин паёмҳои дуруст (ва паёмҳо бо як ҳиссаи ҳақиқат), ки аз ҷониби "агентҳо" таҳия, нашр ё паҳн карда шудаанд, ки на ба манфиати ҷамъият, балки барои зараррасонӣ равона шудаанд. Ин иттилооти нокифоя ҳамчун маълумоти боэътимод, ки ҳаёти шахсии инсонро бидуни шарҳи сабабҳои манфиати ҷамъиятӣ вайрон мекунад, ба стандартҳо ва этикаи журналистика мухолиф аст.

Бо вуҷуди хусусиятҳои фарқкунандаи дар боло зикршуда, оқибатҳои муҳити иттилоотӣ ва ҷомеа метавонанд монанд бошанд (масалан, вайрон кардани тамомияти раванди демократӣ, кам шудани фарогирии ваксина). Илова бар ин, мисолҳои мушаххас метавонанд омезиши ин се намояндагии консептуалиро нишон диҳанд ва далелҳо вуҷуд доранд, ки намунаҳои инфиродии яке аз онҳо аксар вақт бо дигарон (масалан, дар платформаҳои гуногун ё пайдарҳам) ҳамчун як қисми стратегияи васеи иттилоотӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ҳамроҳ мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар хотир доштани хусусиятҳои фарқкунанда муфид аст, зеро сабабҳо, усулҳои техникӣ ва роҳҳои ҳимояи онҳо метавонанд мувофиқан фарқ кунанд.




Расми 1: "Бесарусомонии иттилоотӣ"

Интихоботи президенти Фаронса дар соли 2017 намунаҳоеро нишон дод, ки ҳар се намуди "бесарусомониҳои иттилоотиро" намоиш медиҳанд.

2 Further insight into definitions can be observed in the study by Karlova and Fisher (2012).

### 1. *Намунаҳои маълумоти бардурӯғ:*

Яке аз тақаллубҳои маъракаи интихоботии Фаронса эҷоди нусхаи бардурӯғи рӯзномаи Белгия Le Soir[3] бо як мақолаи тақаллубӣ дар он буд, ки Арабистони Саудӣ номзад ба президентӣ Эммануэл Макронро маблағгузорӣ кардааст. Мисоли дигар паҳн кардани ҳуҷҷатҳо дар Интернет бо додани маълумоти бардурӯғ дар бораи кушодани суратҳисоби оффшорӣ дар Багама[4] ва дар ниҳоят, маълумоти бардурӯғе, ки тавассути «Twitter-рейдҳо» паҳн мешавад, ки дар он шабакаҳои афроди алоҳида дар якҷоягӣ Twitter–ро ҳамла оварданд бо хэштагҳо ва паёмҳои якхела, ки овозаҳо дар бораи ҳаёти шахсии номзад паҳн мекарданд.

### 2. *Намунаҳои маълумоти сохта:*

Ҳамлаи террористӣ ба Майдонҳои Елисей дар Париж 20 апрели соли 2017 миқдори зиёди маълумоти сохтаро[5] тавре ба мисли тақрибан ҳама ҳолатҳо бо хабарҳои фавқулодда ба вуҷуд овард. Одамон дар шабакаҳои иҷтимоӣ беихтиёрона теъдоди зиёди овозаҳо, аз ҷумла хабарҳоеро нашр карданд, ки масалан, як корманди полиси дуюм кушта шудааст. Одамоне, ки ин гуна маводҳои иттилоотиро мубодила мекунанд, ин корро на ҳамеша барои расонидани зарар иҷро мекунанд. Баръакс, онҳо лаҳзаро истифода бурда, кӯшиш доранд муфид бошанд, аммо маълумоти паҳн мекардаашонро ба таври кофӣ тафтиш наменамоянд.

### 3. *Намунаҳои маълумоти нокифоя:*

Як мисоли равшани маълумоти нокифоя вақте рух дод, ки имейли Эммануэл Макрон чанде пеш аз даври дуввуми овоздиҳӣ рӯзи 7 май ифшо шуда буд. Мактубҳои электронӣ аслӣ ҳисобида мешуданд. Аммо, бо интиқоли маълумоти хусусӣ ба мардум якчанд дақиқа пеш аз манъи муқаррарии интихобот дар бораи фарогирии ҳама гуна рӯйдодҳо фавран пеш аз овоздиҳӣ, ихроҷи маълумот маҳз барои зарар расонидан ба маъракаи Макрон андешида шуда буд.

Истилоҳи "ташвиқот" бо маълумоти бардурӯғ алоқаманд нест, ҳарчанд маълумоти нодуруст метавонад ба манфиатҳои таблиғот хидмат кунад. Аммо таблиғот одатан нисбат ба маълумоти ғалат маълумоти васеътарро барои мақсадҳои худ истифода мекунад, зеро он назар ба паёмҳои иттилоотӣ эҳсосоти бештарро мефурӯшад.[6]

Дар ин модул мо ба маълумоти бардурӯғ ва махсусан маълумоти нодуруст тамаркуз намуда, якчанд намунаҳои навъҳои мухталифро мубодила кардем. Категорияҳои маълумоти нодуруст, маълумоти бардурӯғ ва маълумоти нокифояе, ки дар боло тавсиф шудаанд, набояд бо самтҳои гуногун бо хабарҳои ҳақиқӣ якҷоя карда шаванд.

---

3 CrossCheck, 2017. *Was Macron's campaign for French Presidency financed by Saudi Arabia?*: Available at https://crosscheck.firstdraftnews. org/checked-french/macrons-campaign-french-presidency-financed-saudi-arabia/ [accessed 03/04/2018].

4 CrossCheck, 2017. *Did Emmanuel Macron Open an Offshore Account?* CrossCheck, Available at https://crosscheck.firstdraftnews.org/ checked-french/emmanuel-macron-open-offshore-account/ [accessed 03/04/2018].

5 One example was the rumour that Muslims in the UK celebrated the attack. This was debunked by the CrossCheck project: CrossCheck, (April 22, 2017) *Did London Muslims 'celebrate' a terrorist attack on the Champs-Elysees?* CrossCheck, Available at https://crosscheck. firstdraftnews.com/checked-french/london-muslims-celebrate-terrorist-attack-champs-elysees / [accessed 03/04/2018].

6 Neale, S. (1977). Propaganda. *Screen* 18-3, pp 9-40

Масалан, як рӯзноманигор навишта метавонад: "Гарчанде ки дар Лигаи Бернард Мейдофф набошад, қаллобӣ дар ин парвандаи нав ба сармоягузорони хурд зарбаи сахт расонд." Муаллифи дигар тавонистааст инро бо роҳи дигар дуруст қайд кунад: "Қаллобии эҳтимолӣ дар ин парвандаи нав ба сармоягузорони хурд зарба зад, аммо на дар лигаи Бернард Мэйдофф." Маънидоди дуввум аҳамияти муқоисавии парвандаи навро коҳиш медиҳад. Масъалаи диққати гуногун дар ин мисолҳо маънои нигоҳ доштани иттилооти бардурӯғ ё маълумоти нодурустро асрҳои дароз дар маънохои дар поён овардашуда надорад. Ҳамон вазъиятро бо ду роҳи дуруст шарҳ додан мумкин аст.

Сухан дар бораи он аст, ки паём дар хабарҳо, инчунин дар маълумоти бардурӯғ, маълумоти нодуруст ва маълумоти нокифоя мавҷуд аст. Ҳамин тавр, паём ба далелҳо дохил карда мешавад, ки ҳамчун муҳим дар ахборот интихоб шудаанд (ё далелҳо дар робитаи номатлуб таҳия шудаанд ё аз доираи матн гирифта шудаанд). Дар гузориши хабарӣ дар бораи ҷиноят, ки маълумоти нодуруст ё ба он монанд ҷой надорад, тавсия дода мешавад, ки дар бораи нажод ё миллати эҳтимолии ҷинояткор ва ҷабрдида, зикр карда шавад. Ин метавонад далели он бошад, ки дузди гумонбар муҳоҷир аст ва қурбонии ошкоро - сокини маҳаллӣ аст, новобаста аз он ки яке аз онҳо барои мақола аҳамияти бузург дорад ва ҳамзамон вазифаи қудрати тафтишотии рӯзноманигор ва бахусус қисми идеология, нуқтаи назар ва фаҳмиши аҳамият ва робитаи сабабӣ, ки гузоришдиҳанда дониста ё надониста ифшо мекунад. Яке аз сабабҳое, ки чаро тафтиши далелҳо метавонад бо фоида бо "кушодани паём" ҳамроҳӣ кунад, санҷиши сохтори маънӣ мебошад, ки дар он далелҳо ва ғайри далелҳо бо мақсадҳои махсус истифода мешаванд. Паёмҳо дар журналистикаи қонунӣ метавонанд фарқ кунанд ва мавҷудияти онҳо маънои онро надорад, ки журналистика дар муқоиса бо паёмҳои дигар шаклҳои муошират хусусияти фарқкунандаи худро гум мекунад, ки ҳафттои онҳо дар зер оварда шудаанд:

### *1. Ҳаҷвия ва тақлид*

Дохил намудани ҳаҷвия ба типологияи маълумоти нодуруст ва маълумоти бардурӯғ, шояд ҳайратовар аст. Ҳаҷвия ва тақлид мисли як шакли санъат дида мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар ҷаҳоне, ки одамон ба воситаи лентаҳо дар шабакаҳои иҷтимоии худ иттилоотро зиёдтар мегиранд, як новозеҳӣ дида мешавад, вақте ҳаҷвия будани ин сомона нофаҳмо аст. Мисол аз *The Khabaristan Times*, як сутуни ҳаҷвӣ ва сомонае, ки ба сомонаи ахборотии Pakistan Today дохил мешуд, гирифта мешавад.[7] Дар моҳи январи соли 2017 ин сомона дар Покистон баста шуд ва бинобар ин нашрия қатъ шудааст.[8]

---

7 Pakistan Today (2018). *Anthropologists make contact with remote cut-off tribe still thanking Raheel Sharif.* [online] p.Khabaristan Today. Available at: https://www.pakistantoday.com.pk/2017/01/11/anthropologists-make-contact-with-remote-cut-off-tribe-still-thanking-raheel-sharif/ [accessed 06/04/2018].

8 Among the resources for consultation here is one written by co-editor of this book, Julie Posetti, along with Alice Mathews, available at: (TBA)

## 2. Муоширати бардурӯғ

Вақте ки сарлавҳаҳо, тасвирҳо ё навиштаҷот ба маводи иттилоотӣ иртибот надоранд, ин мисоли пайвастагии бардурӯғ аст. Намунаи маъмултарини ин навъи маводи иттилоотӣ сарлавҳаҳои домҳои таблиғотӣ (реклама) мебошанд. Бо афзоиши рақобат барои диққати тамошобинон, муҳаррирон боз ҳам зиёдтар бояд сарлавҳаҳоро барои ҷалби клик нависанд, гарчанде ки одамон мақоларо хонда, дарк мекунанд, ки фирефта шудаанд. Мисоли назарраси мушаххасро дар вебсайти The Foreign Insider[9] пайдо кардан мумкин аст. Ин низ метавонад замоне рух диҳад, ки тасвирҳо ё навиштаҷот махсусан дар сайтҳо, ба монанди Facebook барои эҷод кардани таассуроти муайяне, ки бо матн ҳамроҳ намешавад истифода мешаванд. Аммо вақте ки одамон наворҳоро дар саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бидуни клик кардани мақолаҳо (ки ин зуд-зуд рух медиҳад) мебинанд, тасвирҳо ё навиштаҷоти баръало бардурӯғ метавонанд махсусан назарфиреб бошанд.

## 3. Маводи иттилоотии баръало бардурӯғ

Ин навъи маводи иттилоотӣ истифодаи ғайриқонунии иттилоотро дар назар дорад, ки мушкилиҳо эҷод карда ё мардумро бо роҳҳои муайяни буридани аксҳо ё интихоби чида-чидаи иқтибосҳо ё омор ба таври бардурӯғ айбдор мекунанд. Ин назарияи сохтакорӣ (намоишкорӣ) номида мешавад.[10] Баъзе намунаҳо дар Rappler.com оварда шудаанд.[11] Тасвирҳо хусусан воситаҳои пурқувват барои паҳн кардани иттилооти баръало бардурӯғанд, зеро майнаи мо тасвирҳоро камтар танқид мекунад.[12] Рекламаи “табиӣ” ё муздноке, ки маводҳои редаксиониро тақлид менамояд, ба ин қисмат дохил мешавад, вақте ки он ба андозаи кофӣ ҳамчун маблағгузоршаванда муайян карда намешавад.[13]

## 4. Заминаи бардурӯғ

Яке аз сабабҳои бефоида будани истилоҳи “хабари қалбакӣ” дар он аст, ки маводи воқеии хабарӣ аксар вақт дар алоҳидагӣ аз заминаи аслӣ дубора паҳн карда мешавад. Масалан, як тасвири дар Ветнам соли 2007 гирифта ва ҳафт сол қабл паҳн кардашуда ҳамчун ниқоби як аксе, ки дар Непал дар робита бо заминларза дар соли 2015 гирифта шудааст, чоп гаштааст.[14]

## 5. Маводи иттилоотии ғайриқонунӣ

Мушкилоти воқеӣ бо рӯзноманигорон вуҷуд дорад, ки имзои муаллифии худро дар назди мақолаҳое, ки онҳо нанавиштаанд ё логотипҳои ширкатҳо дар видео ё тасвирҳое, ки онҳо эҷод накардаанд, истифода мебаранд. Масалан, пеш аз интихоботи Кения дар соли 2017, *BBC Africa* ошкор кард, ки касе видеоро бо лого ва шиори BBC, ки тавассути Photoshop коркард шудааст, таҳия намудааст, ва он дар *WhatsApp* паҳн карда шудааст.[15]

---

9 The Political Insider (2015). *First time voter waited 92 years to meet Trump... what happened next is AMAZING!* [online] Available at: https://thepoliticalinsider.com/first-time-voter-waited-92-years-to-meet-trump-what-happened-next-is-amazing/ [accessed 06/04/2018].

10 Entman, R., Matthes, J. and Pellicano, L. (2009). Nature, sources, and effects of news framing. In: K. Wahl-Jorgensen and T. Hanitzsch (Contributor), ed., *Handbook of Journalism studies*. [online] New York: Routledge, pp.196-211. Available at: https://centreforjournalism.co.uk/sites/default/files/richardpendry/Handbook%20of%20Journalism%20Studies.pdf [accessed 03/04/ 2018].

11 Punongbayan, J. (2017). *Has change really come? Misleading graphs and how to spot them*. Rappler.com. [online] Available at: https://www.rappler.com/thought-leaders/20177731-duterte-change-fake-news-graphs-spot [accessed 06/04/2018].

12 See article by Hannah Guy in required reading section of this lesson

13 See Module Three

14 Pham, N. (2018). *Haunting 'Nepal quake victims photo' from Vietnam*. BBC. [online] Available at: http://www.bbc.co.uk/news/world-asia-32579598 https://www.rappler.com/thought-leaders/20177731-duterte-change-fake-news-graphs-spot [accessed 06/04/2018].

15 BBC (2017). *Kenya election: Fake CNN and BBC news reports circulate*. [Online] Available at: http://www.bbc.co.uk/news/world-africa-40762796 [accessed 06/04/2018].

Ҳамин тавр, онҳо маҷбур шуданд, ки видео эҷод кунанд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ мубодила кунанд, то мардумро огоҳ кунанд, ки ба видеоҳои дурӯғин дода нашаванд.

### *6. Маводи иттилооти қалбакӣ*

Маводи иттилоотии қалбакӣ ин маводи воқеиест, ки бо мақсади қаллобӣ сохта шудааст. Мисоле аз Африқои Ҷанубӣ тасвирҳои бардурӯғи муҳаррири рӯзномаи HuffPost, Фериал Хаффаҷиро дар як шахс, ки дар зонуи як бизнесмен Йохан Руперт нишастааст, нишон медиҳад, ки онҳо муносибатҳои шахсӣ доранд.[16]

### *7. Маводи иттилоотии сохташуда*

Ин навъи маводи иттилоотиро дар формати матнӣ пайдо кардан мумкин аст, масалан, сайтҳои хабарии комилан бофташуда ба монанди WTOE5 News, як сайти худэълонкардаи хабарии бадеӣ афсонавӣ (мухоботӣ), ки мақолаеро интишор кардааст, ки дар он ба андешае меорад, ки гӯё Папаи Рум Доналд Трампро ба мақоми президентӣ тасдиқ кардааст. Ё ин метавонад тасвирҳо бошанд, ба мисли графикаи таҳияшуда, ки фикри хатоеро дар бораи он, ки мардум метавонистанд ба Ҳиллари Клинтон тавассути SMS овоз диҳанд, талқин намояд.[17] Ин тасвирҳои графикӣ ба ҷамоаҳои аққалиятҳои хурд дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар арафаи интихоботи президентии ИМА равона карда шуда буданд.

Ҷомеа дар маҷмӯъ ва алалхусус журналистон бояд унсурҳои «бесарусомони иттилоотӣ»-ро ба таври алоҳида баррасӣ кунанд: агентҳо, паёмҳо ва муаббирон. Дар ин матритса саволҳое ҳастанд, ки дар барои ҳар як банд пурсидан лозим аст. Агенте, ки паёми сохта офаридааст, метавонад аз агенте, ки ин паёмро эҷод кардааст, фарқ кунад, ва дар навбати худ инчунин аз агенте, ки ин паёмро паҳн мекунад, фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, бояд ба пуррагӣ бифаҳмем, ки ин агентҳо киҳоанд ва чӣ онҳоро бармеангезад. Шумо инчунин бояд намудҳои гуногуни паёмҳои аз ҷониби агентҳо паҳншударо бифаҳмед, то ки мо баҳодиҳии миқёси ҳар кадоми онҳоро оғоз карда тавонем ва онҳоро дида бароем. (Баҳсҳои имрӯза пурра ба сайтҳои матнии ахборотӣ равона карда шуда, маводи иттилоотии визуалӣ айнан ҳамин тавр васеъ паҳн шудаанд ва муайян ва рад кардани онҳо хеле мушкил аст).

Дар натиҷа, се марҳилаи гуногуни «бесарусомони иттилоотӣ»-ро баррасӣ кардан зарур аст: таҳия, нашр ва паҳн кардан (Расми 2). Марҳилаҳои гуногуни пайдоиши "бесарусомониҳои иттилоотӣ" ва унсурҳои онро ба назар гирифтан муҳим аст, зеро агенте, ки маводи иттилоотиро омода мекунад, аксар вақт аз онҳое, ки ин маводро интишор ва паҳн мекунанд, ҷудо меистад.

---

16 Pakistan Today (2018). *Anthropologists make contact with remote cut-off tribe still thanking Raheel Sharif.* [online] p.Khabaristan Today. Available at: https://www.pakistantoday.com.pk/2017/01/11/anthropologists-make-contact-with-remote-cut-off-tribe-still-thanking-raheel-sharif/ [accessed 06/04/2018].

17 Among the resources for consultation here is one written by co-editor of this book, Julie Posetti, along with Alice Mathews, available at: (TBA)




Расми 2: Се ҷузъи "бесарусомонии иттилоотӣ"

Масалан, ангезаҳои эҷодкоре, ки маъракаи иттилоотии бардурӯғи давлатиро эҷод мекунанд, аз ангезаҳои «троллҳои» каммузд бо мақсади табдил додани мавзӯъҳои маърака ба мақолаҳои мушаххас хеле фарқ мекунанд. Ва пас аз паҳн кардани ин паём, он метавонад бепоён боз аз ҷониби одамони гуногун бо ангезаҳои гуногун паҳн ва паҳн карда шавад. Масалан, як хабарро дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби якчанд ҷамоаҳо паҳн кардан мумкин аст, ки дар натиҷаи он паём аз ҷониби васоити ахбори пешрафта (ки бидуни таҳқиқи кофӣ кор мекунанд) гирифта ва дубора интишор мешавад ва сипас ба гурӯҳҳои дигар фиристода мешавад. Танҳо бо роҳи таҳқиқи танқидии "бесарусомониҳои иттилоотӣ" мо ба фаҳмидани ин борикбинҳо шурӯъ хоҳем кард.[18]

18 Эзоҳ аз муҳаррирон: Тасвири дигари графикӣ, ки метавон баррасӣ кард, дар зер оварда шудааст:

| | Субъектҳо: Давлатҳо, амалиётҳои психологӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, соҳибкорон, пиар-ширкатҳо, ашхоси алоҳида, ВАО | Дастгирии нармафзорҳо |
|---|---|---|
| **Таҳияи маводи иттилоотӣ –** масалан, ҳикояҳо, комментарияҳо, “лайкҳо”, наворҳо, мемҳо | Аксар вақт бо шинохти пинҳон ё дуздидашуда ё бардурӯғ | Интерфейси интерактивӣ |
| **Паҳн кардани маводи иттилоотӣ**, масалан, бо роҳи додани дастрасӣ ва пайвандҳо | Истифодаи ҳамсӯҳбатони виртуалӣ барои кӯмак | Ҳамсӯҳбатони виртуалӣ |
| **Таҳрири маводи иттилоотӣ:** тағйирдиҳӣ/илова кардан, маҳдуд кардан ва ҷудо карда гирифтан. | Дастрасии беиҷозат ва қаллобӣ | Алгоритмҳо |

Ҷадвал: Доираи харобгардонӣ – комилии иттилоот чӣ гуна вайрон сохта мешавад

Source: Berger, G. 2017. https://en.unesco.org/sites/default/files/fake_news_berger.pdf [accessed 22/04/2018].

Мисоли сомонае, ки мақолаи минбаъд ба таври васеъ паҳншударо нашр кардааст ва дар он Папаи Румӣ яке аз номзадҳои маъруф ба президентӣ - Доналд Трампро тасдиқ кардааст.[19] Ин як мисоли муфид барои инъикоси зинаҳои гуногуни "бесарусомониҳои иттилоотӣ" аст (нигаред ба Расми 3).

**Эҷод**

Мақолаи шахси номаълум.

**Нашр**

Мақолае, ки дар сайти WTOE5 интишор шудааст, ки он дорои як шабакае иборат аз 43 сайти ахборотии тақаллубӣ аст ва дар он беш аз 750 мақола нашр шудааст.

**Паҳншавӣ**

Мақолае, ки дар Facebook паҳн шудааст, бо шахсе, ки ба шабакаи сайтҳои тақаллубон кор мекунад

**Зиёдкунӣ**

Мақолае, ки аз ҷониби одамони ба шабакаи сайтҳои тақаллубии иттилоотӣ алоқаманд, барои зиёд кардани таъсири мақола баҳри ба даст овардани фоидаи бештаре фиристода мешавад.

Мақолае, ки дар Фейсбук ҷонибдорони Трамп гузоштаанд.

Мақолае, ки аз ҷониби нерӯҳои ба пирӯзии Трамп ҳавасманд (масалан, маводи иттилоотӣ тавассути фабрикаи троллҳо ё шабакаҳои ҳамсӯҳбатони виртуалӣ тавсеа ёфтааст) ирсол шудааст.

Мақолае, ки тарафдорони Ҳиллари Клинтон ҳамчун далели он, ки чӣ гуна ҷонибдорони Трампро фиреб карда тавонистаанд, фиристода шудааст.

Расми 3: Зинаҳои "бесарусомонии иттилоотӣ"

## Мақсадҳои модул

- Истифодабарандаи бештар табъизомези иттилоот дар Интернет будан ва дар доираи васеи маълумоти ғалат ва бардурӯғ андеша рондан.
- Нисбати ашхосе (аксар вақт беном ё ҷинояткор), ки ин гуна иттилоотро таҳия мекунанд, кадом форматҳоро онҳо қабул мекунанд, чӣ гуна онҳоро тафсир кардан мумкин аст ва чӣ гуна паҳн шудани онҳо бо назари танқид андеша рондан.
- Мушкилиҳои «бесарусомонии иттилоотӣ»-ро фаҳмидан, алахусус фарқияти байни онҳое, ки кӣ ин гуна иттилоот, форматҳоро эҷод мекунанд ва истифода мебаранд, ва роҳҳое, ки шунавандагон онро мубодила мекунанд.
- Тавонистани баррасии душвориҳое, ки дар ҳалли мушкилот дар бораи иттилооти бардурӯғ ва ғалат мо дорем.
- Муайян кардани масъалаи таъсири «бесарусомонии иттилоотӣ» ба демократия ва ҷомеаҳои кушода, ки мавзӯи модули қаблӣ буданд.

19 WTOE 5News (2016). *Pope Francis shocks world, endorses Donald Trump for President, releases statement.* [online] Available at: https://web.archive.org /web/20161115024211/http://wtoe5news.com/us-election/pope-francis-shocks-world-endorses-donald-trump-for-president-releases-statement/ [accessed 06/04/2018].

## Натиҷаҳои омӯзиш

Дар охири ин курс иштирокчиён метавонанд:

1. Арзёбӣ карда тавонистани тарзҳои муҳокима ва баррасии ин мавзӯъ аз ҷониби сиёсатмадорон, расонаҳои хабарӣ ва олимон.
2. Фаҳмидани, он ки то чӣ андоза тарзҳои мушоҳида нисбати «бесарусомонии иттилоотӣ» зараровар ва ва носаҳеҳ ҳастанд.
3. Намудҳои маълумоти бардурӯғ ва ғалатро дарк кардан ва кор бурдани онҳо дар мисолҳои гуногун.
4. Дар мисоли маълумоти нодуруст, ҷудо кардани онҳое, ки онро таҳия ва/ё сохтаанд, паём чӣ гуна намуд дорад ва иттилооти ғалатро шунавандагон чӣ гуна метавонанд маънидод кунанд, назари танқидона кардан.
5. Фаҳмонидан, ки чаро бобати ин масъала бодиққат мулоҳиза кардан муҳим аст.

## Формати модул

***Лексияи назариявӣ ва семинарии амалӣ:***

Слайдҳои ин модул[20] ҳамчун маводи ёрирасон барои як семинари мукаммали интерактивӣ омода шудаанд.

Аммо, барои мақсадҳои ин барномаи таълимӣ матни дар боло овардашуда ҳамчун як лексияи назариявӣ пешниҳод карда мешавад. Машқи амалӣ дар слайдҳо барои супориши амалӣ 90 дақиқа интихоб карда шудаанд. Омӯзгорон бояд слайдҳоро бо истифодаи саволҳо барои муҳокима ва супоришҳо кор карда бароянд.

Супориши 1: Ба расми 4 дар поён нигоҳ кунед, ки дар он "7 намуди иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодуруст шарҳ дода мешаванд". Дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурди иштирокчиён аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки барои ин категорияҳо мисолҳо оваред.

20 Slides available to download at: https://en.unesco.org/sites/default/files/fake_news_syllabus_-_model_course_1_-_slide_deck.pdf




Расми 4: Ҳафт категорияҳои "бесарусомонии иттилоотӣ" - firstdraftnews.org

Супориши 2: Диаграммаи Веннро аз худ кунед (Расми 1), ки фарқияти байни маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ва маълумоти нокифояро шарҳ медиҳад. Оё шумо бо ин розӣ ҳастед? Чӣ намерасад? Оё чизе ҳаст, ки шумо бо он баҳс намоед?

## Алоқаи нақша бо натиҷаҳои омӯзиш

### *А. Назария*

| Нақшаи модул | Шумораи соатҳо | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| Тақдим ва муҳокима дар синф: мубодилаи донишҳо оид ба маълумоти нодуруст ва ахбори бардурӯғи ахир | 90 дақиқа | 1 |

### *B. Амалия*

| Нақшаи модул | Шумораи соатҳо | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| Супориши 1: Ба расми 4 нигаред, ки намудҳои иттилооти нодуруст ва маълумоти бардурӯғро шарҳ медиҳанд, дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд намунаҳоеро пайдо кунед, ки ба ин категорияҳо шоминанд. | 45 дақиқа | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| Супориши 2: Ба расми 1 нигаред, ки фарқи байни маълумоти бардурӯғ, нодуруст ва маълумоти нокифояро шарҳ медиҳад. Оё шумо бо ин розӣ ҳастед? Чӣ намерасад? Оё шумо бо он чизе баҳс мекунед? | 45 дақиқа | 3 |

## *Вазифаи пешниҳодшуда*

Барои видеои тавзеҳотӣ раскадровка намоед[21], ки онро оператори шабакаи иҷтимоӣ дар болои навигариҳои хабарҳо ҷойгир карда тавонад, то корбарони ӯ донанд, ки дар вақти истифодабарии иттилоот дар сомона ба чӣ бояд таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Иштирокчиён метавонанд намунаҳои иттилооти ғалат ва маълумоти бардурӯғро, ки дар давоми ин модул дучор омадаанд, бо мақсади тавсиф кардани хатарҳо бо роҳи "лайк кардан", мубодилаи иттилоот ва шарҳу эзоҳҳое, ки хонанда муайян накардааст, дуруст ё не, дохил кунанд. Воситаи осони барои раскадровка карданро, дар инҷо пайдо кардан мумкин аст: http://www.storyboardthat.com/

## *Маводҳо*

Слайдҳо: https://en.unesco.org/sites/default/files/fake_news_syllabus_-_model_course_1_-_slide_deck.pdf

21 Note: Storyboarding is the creative planning process used in advertising, film, documentary-making and journalism that presents a frame-by-frame pictorial representation of the flow of text, video or audio content

## Адабиёт


Berger, G. 2017. Fake news and the future of professional and ethical journalism. Presentation at conference organized by the Joint Extremism/Digital Europe Working Group Conference of the European Parliament on 6 September 2017 https:// en.unesco.org /sites/default/files/fake_news_berger.pdf

Busby, M. I. Khan & E. Watling (2017) *Types of Misinformation During the UK Election*, First Draft News, Available at https://firstdraftnews.com/misinfo-types-uk-election/

Guy, H. (2017) *Why we need to understand misinformation through visuals*, First Draft News, Available at https://firstdraftnews.com/understanding-visual-misinfo/

Karlova, N.A. and Fisher, K.E. (2012) "Plz RT": A Social Diffusion Model of Misinformation and Disinformation for Understanding Human Information Behaviour. Proceedings of the ISIC2012 (Tokyo). Available at https://www.hastac.org/sites/default/files/documents/karlova_12_isic_misdismodel.pdf

Silverman, C. (2017) *This is How your Hyperpartisan Political News Get Made*, BuzzFeed News, Available at https://www.buzzfeed.com/craigsilverman/how-the-hyperpartisan-sausage-is-made?

Wardle, C. & H. Derakhshan (2017) *Information Disorder: Towards an Interdisciplinary Framework for Research and Policy-Making. Council of Europe.* Available at https://firstdraftnews.com/resource/coe-report/

Wardle, C. & H. Derakhshan (2017) *One year on, we're still not recognizing the complexity of information disorder online*, First Draft News, Available at https://firstdraftnews.org/coe_infodisorder/

Zuckerman, E. (2017) *Stop Saying Fake News, It's Not Helping*, My Heart's in Accra, Available at http://www.ethanzuckerman.com/blog/2017/01/30/stop-saying-fake-news-its-not-helping /

# ТАҒЙИРОТИ ИНДУСТРИЯИ АХБОРОТӢ: ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ, ПЛАТФОРМАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ПАҲНКУНИИ ИТТИЛООТИ БАРДУРӮҒ ВА ҒАЛАТ

*Ҷули Посетти*



# МОДУЛИ 3

Маводи омӯзишии модули мазкур ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба СИР дар пешгирии маълумоти бардурӯғ ва ғалат нигаронида шудааст. Инҷо истифодаи малакаҳои тафаккури интиқодӣ барои муайян кардани навигариҳои сохта дохил мешавад. Вай инчунин муҳимияти ширкаткунандагонро таъкид менамояд, ки СИР-ро дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мебаранд. Вай ба онҳо барои дидани он, ки чӣ гуна СИР метавонад ҳуқуқҳои инсонӣ ва ҳуқуқҳои дигаронро тақвият диҳад; ва муҳимияти пешгирӣ ва паҳн нашудани дурӯғҳо кӯмак медиҳад.[4]

Омӯзиш дар синфхонаҳое гузаронида мешавад, ки бо компютерҳо ва Интернет муҷаҳҳаз шудааст. Иштирокчиён дар вақти машқҳои амалӣ метавонанд барномаҳоро дар дастгоҳҳои мобилии худ истифода баранд. Интернет барои дастрасӣ ба манбаъҳои Интернет берун аз муассисаи таълимӣ зарур аст, шабакаи дохилии муассисаи таълимӣ (агар ин модул дар сатҳи таҳсилоти олӣ сурат гирад) барои дастрасӣ ба китобхона ва дигар марказҳои иттилоотии захиравии дар қаламрави муассисаи таълимӣ ҷойдошта истифода мешавад.

## *Маълумоти умумӣ*

Таҳлили маълумоти нодуруст дар шакли навигариҳо, ки аз интихоботи ИМА, Фаронса, Кения ва Олмон, ки солҳои 2016 ва 2017 баргузор гардидаанд, танҳо нӯги сарчашмаи шумораи зиёди мушкилоти иттилоотӣ барои ҷомеа мебошад, гарчанде ки он бо оқибатҳои эҳтимолии боз ҳам бузург имконпазир аст. Аз тарафи дигар, фикр кунед, ки истифодабарандагони шабакаҳои телевизионӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар саросари ҷаҳон воқеаи мӯъҷизаро, ки соли 2017 дар Мексика рух додааст, вақте наҷотдиҳандагон кӯшиши наҷот додани як хонандаи мактаб, Фрида Софияро, ки пас аз заминҷунбӣ дар харобаҳо монда буд, мушоҳида доштанд ва танҳо ба хотири он, ки бифаҳманд, ки ӯ фавтидааст.[5] Аммо ин воқеа ҳақиқат набуд ва шояд, ки фиреби барқасдона низ набуд. Бо вуҷуди ин, журналистика бояд чӣ аз хатогиҳо вачӣ аз қаллобӣ худдорӣ кунад. На ҳама дурӯғҳо ба маънои “хабари бардурӯғ” ба маънои иттилооти ғалат, аммо барои қобилияти шинохтани ҷомеа мушкилот доранд.

3 Forexamplesof“journalese”consider:FluentinJournalesebyPhilipB. Corbett. March17,2015 https://afterdeadline.blogs.nytimes.com/2015/03/2017/fluent-in-journalese/;My‘shamefulsecret’:I’velearnttoloveclichédjournalesebyRobHutton.05Sep2013.https://www.telegraph.co.uk/culture/10288967/My-shameful-secret-Ive-learnt-to-love-cliched-journalese.html[both accessed22/04/2018].

4 TheintegrationofMILinjournalismeducationisstudiedbyforexampleVanderLinde,F.2010. Thenecessityofamedialiteracymodulewithinjournalismormediastudiescurricula.GlobalMediaJournal,AfricanEdition.Vol4,no.2http://globalmedia.journals.ac.za/pub/article/view/7

5 Campoy,A.(2017).*AschoolgirltrappedinMexico’searthquakerubblewontheworld’shearts–exceptshedidnotexist*.Quartz.Availableat: https://qz.com/1084105/a-schoolgirl-trapped-in-mexicos-earthquake-rubble-won-the-worlds-hearts-except-she-didnt-exist/[accessed03/04/2018].

Истифодабарандагони ахбор ба иттилооти муосири ВАО ва умуман саводнокии иттилоотӣ, инчунин дараҷаи фаҳмиши фалсафӣ ниёз доранд. Масалан, онҳо бояд донанд, ки хабари ҳақиқӣ пурра аз ҳақиқат иборат нест (ин ҳамон чизест, ки танҳо дар муоширати байни одамон ва воқеият бо мурури замон тахминан ифода мешавад). Бо вуҷуди ин, иштирокчиён ва алалхусус донишҷӯёни факултаи журналистика бояд дарк кунанд, ки чизи асосӣ ин аст, ки журналистика ҳеҷ гоҳ дурӯғро набояд пойдор кард. Ҳолатҳои мушоҳидаи наҳангҳо ва акулаҳо дар ҳавзҳо ё дар ҳавлаҳои пас аз тӯфон ва дигар оқибатҳои аҷиби офатҳои табиӣ, ки тавассути васоити ахбори омма равшан карда шудаанд, моро ба саволе водор мекунанд: *ОЁ ИН РОСТ АСТ*? Навигариҳое, ки ба муносибати қаблан эҳтиромона ба фактҳои эътимоднок ноил шуда наметавонад, метавонад натиҷаи бепарвоӣ дар бораи рӯйдодҳо ва интишори номувофиқ бошанд, аммо онҳо метавонанд дидаву дониста бардурӯғ ва тақаллубӣ бошанд. СИР барои фаҳмидани фарқият ва чӣ гуна ин парвандаҳо бо хабарҳои касбӣ ва ахлоқӣ мувофиқат мекунад, лозим аст.

Ин роҳи дароз аст. Сатҳи баландшавии нутқи нафрат, ксенофобия ва ҳамла ба гурезагон ё одамони динҳои дигар, миллатҳо ва рангҳои дигари пӯст дар асоси стереотипҳои бо омори ихтироъшуда, риторикии популистӣ ва гузоришҳои расонаҳои дурӯғ, ки ба стандартҳои журналистика ҷавобгӯ нестанд, ба омехтаи заҳролуд илова карда мешаванд, ки бояд СИР бояд ба онҳо муқобилат кунад. Дере нагузашта ин вазъ боз ҳам мушкилтар хоҳад шуд, зеро барномаҳои компютерие, ки зеҳни сунъӣ (AI) доранд, барои эҷод кардани симулятсияи мардум дар видео ва/ё паёмҳои аудио, ки дар онҳо ягон ҳиссаи ҳақиқат нест, истифода мешаванд.[6]

Ба донишҷӯён ва таҷрибаомӯзони журналистика лозим аст, ки дар бораи ҳар чизе, ки мешунаванд ва мебинанд, аз гуфтугӯи содда то хабарҳои васеъ паҳншуда дар омехтаи васоити ахбори анъанавӣ ва рақамӣ қобилияти интиқодона андешаронӣ карданро аз худ кунанд.

Илова ба намудҳои маълумоти нодуруст ва иттилооти бардурӯғе, ки аз ҷониби Вардл ва Дерахшан (2017)[7] муайян шудааст, як созмони ғайритиҷоратӣ дар Брюссел, Ассотсиатсияи Аврупо оид ба манфиатҳои тамошогарон дар доираи заминаи барномаи саводнокии расонаии худ дар соҳаи масъулияти шаҳрвандӣ, инфографикаро бо номи "Тарафи дигари ахбороти қалбакӣ: Даҳ шакли хабарҳои бардурӯғ" дастраси ҳамагон кардааст, ки доир ба имрӯзҳо корбарон бо чӣ гуна хабарҳо рӯ ба рӯ мешаванд, хулосагузорӣ менамояд.[8]Ин манбаи арзишмандест барои донишҷӯёни факултаҳои рӯзноманигорӣ ва таҷрибаомӯзон мебошад.

Асари илмии навкардаи доктор Питер А. Фасионе «Андешаронии интиқодӣ: Ин чист ва барои чӣ он аҳамият дорад»[9] барои донишҷӯён як такягоҳи хуб аст ва онҳоро бо «равандҳои мулоҳиза, қабули қарор ва тафаккури муассири инфиродӣ ва гурӯҳӣ" шинос мекунад. Алалхусус ин дар замони "пост-ростӣ", "хабари қалбакӣ" ва "далелҳои алтернативӣ" боз ҳам дурусттар аст. Дар ин равиш, тафаккури интиқодӣ инҳоро дар бар мегирад:

6 Edmund,C.(2017).*ThisAIcancreateavideoofBarackObamasayinganything*.[online]WorldEconomicForum.Availableat:https://www.weforum.org/agenda/2017/07/obama-speech-simulation-washington-university?

7 SeeModuleTwo

8 EAVI.(2018).EAVI.eu.[online]Availableat:https://eavi.eu/beyond-fake-news-10-types-misleading-info

9 Facione,P.(2010,updated).Ibid.*CriticalThinking.*

ɒ Кунҷковии аз ҳад зиёд нисбати масоили гуногун

ɒ Хавотирӣ кардан барои огоҳманд шудан ва боқӣ мондан

ɒДиққат кардан ба қобилияти истифодаи тафаккури интиқодӣ

ɒ Боварӣ ба ҷараёни тафтишоти асоснокшуда

ɒ Боварӣ ба қобилияти мулоҳиза кардан

ɒ Фарогирии доираи назар нисбати  ҷаҳонбинии ихтилофӣ

ɒ Дарки ақидаҳои одамони дигар

ɒ Адолат дар баҳси баҳогузорӣ

ɒ Эътироф ва муқовимати содиқона ба таассуб, ғалатфаҳмӣ, стереотипҳо ё майлҳои худпарастонаи худ

ɒ Оқилӣ дар боздоштан, қабул ё тағйир додани қарорҳо

ɒ Омодагӣ барои аз нав дида баромадани нуқтаи назар, агар инъикоси возеҳ тағйироти кафолатдодашударо пешниҳод намояд

Тибқи таҳқиқотҳои мухталиф дар бисёр қисматҳои ҷаҳон, ҳавасмандии ҷавонон ба дастгоҳҳои мобилӣ[10] маънои онро дорад, ки онҳо аксари хабарҳои худро тавассути ин дастгоҳҳо бо ёрии барномаҳои гуфтугӯӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва вебсайтҳои анъанавии васоити ахбори омма қабул мекунанд.[11] [12] [13] Дар аксари аз онҳо, чизе кам ишора мекунанд ё тамоман нишон намедиҳад, ки журналистикаи мӯҳтарам ва гузоришдиҳии ҳаводор чист, дар дар бобати иттилооти бардурӯғ ку тамоман сухан намеравад.

Мушкилии дигар дар он аст, ки чӣ гуна платформаҳо хабарҳоро таҳия месозанд. Фредерик Филлук мегӯяд, ки барои Facebook, платформаи бешубҳа бузургтарини иҷтимоӣ, "... журналистика аз рӯзи аввал дарди сарест. Ҳоло ба мушкилоти ҳалнашаванда бо хабарҳои қалбакӣ ва муносибатҳои заифи ҷамъиятӣ ғарқ шуда, аён аст, ки Facebook оҳиста-оҳиста аз ахборот даст мекашад", таъкид мекунад Фредерик Филлукс.[14] Ин чӣ гуна сурат мегирад, ба ҳар ҳоло мебинем. Агар роҳи нафаси баъзе воситаҳои ахбори омма баста шавад, онҳо аз мағлуб шудан эмин намемонданд, аудиторияи онҳо аз кор мемонад, зеро Facebook роҳбалад барои корбароне мебошад, ки аз платформаи васоити ахбори иҷтимоӣ вобастаанд, то аз ҳамаи рӯйдодҳо бохабар бошанд.[15] Аммо баъзе ҷонибдорони СИР умедворанд, ки чунин тағйирот метавонад истифодабарандагони ҷавони навигариҳоро ҳавасманд кунад, то доираи  ҷустуҷӯи воқеаҳои ҷаҳони атрофи худро васеъ гардонанд ва ба пуррагӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ бо иттилооти ифлосшудаи онҳо такя накунанд ва бидуни саъю кӯшиши зиёд иттилоотро тавассути дастгоҳи ҳамеша дар алоқа будаи худ пайдо кунанд. Ҳамзамон, тахминҳо мавҷуданд, ки Facebook ҳатто метавонад худ бо сохторҳои мавҷудаи ВАО рақобат карда, ба интишори иттилоот оғоз кунад. [16]

10 *Children'suseofmobilephones*.(2015).[ebook]Tokyo:MobileSocietyResearchInstitute,NTTDotcomo. Availableat: https://www.gsma.com/publicpolicy/wp- content/uploads/2012/03/GSMA_Childrens_use_of_mobile_phones_2014.pdf

11 *DigitalNewsReport(2017).*ReutersInstitutefortheStudyofJournalism's(RISJ,Oxford)https://reutersinstitute.politics.ox.ac.uk/sites/default/files/Digital%20News%20Report%202017%20web_0.pdf

12 Shearer,E.&Gottfried,J.(2017).*NewsUseAcrossSocialMediaPlatforms*.[ebook]WashingtonDC:PewResearchCentre.Availableat:http://www.journalism.org_/2017/09/07/news-use-across-social-media-platforms-2017/

13 *Youth,Internet,andTechnologyinLebanon:ASnapshot*(2017)SocialMediaExchange.Availableathttps://smex.org /youth-internet-and-technology-in-lebanon-a-snapshot/

14 Filloux, F.(2018).*TheMondayNote*,14January,2018. Availableat: https://mondaynote.com/facebook-is-done-with-quality-journalism-deal-with-it-afc2475f1f84

Бо СИР, иштироккунандагон метавонанд дарк намоянд, ки ҳатто навигариҳои ҳақиқӣ ҳамеша дар чаҳорчӯбаи васеътари қитъаҳое сохта мешаванд, ки маънои воқеъиятро дар бар мегиранд ва пиндоштҳо, идеологияҳо ва ҳувиятро васеътар дар бар мегиранд. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти шинохтани фарқияти кӯшиши мухталифи рӯзноманигорон оид ба сабт ва тафсири воқеияти баён аз як тараф ва аз ҷониби дигар, намунаҳои қаллобӣ, ки формати навигариро истифода мебаранд ва дар баробари ин стандартҳои касбии тафтишотиро вайрон месозанд.

СИР инчунин метавонад як воситаи мубориза бо стереотипҳо ва густариши иртиботи фарҳангӣ бо бисёрзабонӣ, ҳамчун омили муҳим барои расидан ба ин ҳадаф баромад кунад. Сохторҳои гуногун дар талошҳои СИР саҳм гузоштанд ва манбаъҳои хубро дар вебсайти[17] ЮНЕСКО ёфтан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, корҳои зиёде бояд тавассути барномаи таълимӣ ва дар амал карда шаванд, то паҳншавии иттилооти бардурӯғ ва маълумоти ғалат кам карда шавад.[18]

Барои ноил шудан ба натиҷаҳо дар ин модул, шумо метавонед дар ҳама ҷо аз видеоҳо истифода баред, ки иштирокчиёнро бо истифодаи клипҳои кӯтоҳ[19] бо субтитрҳо дар шакли омӯзиши СИР бо унсурҳои фароғатӣ барои фарқ кардани паёмҳои бардурӯғ ҷалб кунад, донишҷӯёнро барои пайдо кардани мисолҳои маводи дурӯғи худ ташвиқ кунад ва ба онҳо таълим диҳед, ки ҳар як каме маълумотро ҳамчун ҳақиқат, аз ҷумла дар шакли ахборот пешкаш шударо чун зари холис қабул накунанд.

Дастурдиҳандагон ҳамчунин бояд ба иштирокчиён кӯмак кунанд, ки майли худро дар ҷустуҷӯи иттилооти бештар дар Google тағйир диҳанд, бо ташаббуси ҷустуҷӯҳои боз ҳам амиқ дар Интернет, аз ҷумла хусусиятҳои васеътари ҷустуҷӯ, бо истифода аз тафтиши байнисоҳавии сарчашмаҳои гуногуни иттилоот ва дарки арзиши китобхонаҳо ва китобдорҳо дар баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ оид ба дарёфт ва баҳодиҳии иттилоот баррасӣ кунанд. [20] Китобхонаҳои электронӣ дастрасиро ба ҳаволаҳои илмӣ ва дигарҳо, ки донишҷӯёни факултаи журналистика ва рӯзноманигорони таҷрибаомӯз метавонанд барои амиқгардонии донишҳои худ, инкишоф ва таҷрибаомӯзӣ нисбати баҳогузории танқидӣ ва тафтиши иттилоот истифода баранд, хеле осон кардаанд. Дигар захираҳо инчунин раванди таълим/омӯзишро такмил медиҳанд, ки ба иштирокчиён дар мубориза бар зидди хабарҳои бардурӯғ, пешгирии таъсири манфии онҳо ва фош кардани онҳо дар кори журналистӣ кӯмак мекунад.[21].

15 SeeModuleThree

16 IsFacebook'sCampbellBrownaForcetoBeReckonedWith?OrIsSheFakeNews?https://www.nytimes.com/2018/04/21/technology/facebook-campbell-brown-news.html

17 See http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/media-development/media-literacy/mil-as-composite-concept/[accessed22/04/2018].].

18 Abu-Fadil,M.(2007).*MediaLiteracy:AToolt oCombatStereotypesandPromoteInterculturalUnderstanding.* Availableat:http://unesdoc.unesco.org/images/0016/001611/161157e.pdf[accessed01/04/2018].

19 Hereisanexampleofvideousedpowerfullytodemonstratethevalueofnewsmedialiteracyinthecontextof USschoolshootingsfromViceMedia:Hoaxerssayvictimsofmassshootingsare'crisisactors',ViceSelectonFacebook.https://www.facebook.com/vicenews/videos/842904982564160/[accessed01/04/2018].

20 *15resourcesforteachingmedialiteracy*.ASCD.Availableathttp://inservice.ascd.org/15-resources-for-teaching-media-literacy/.[accessed03/04/2018].

Ҷалб кардани аҳолӣ ба корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, ки маълумоти нодуруст ва бардурӯғро мегиранд ва мубодила мекунанд, усули умедбахш барои рӯзноманигорон ва донишҷӯёни факултаи журналистика мебошад, ки усули дарёфт, пайгирӣ ва ба таври самаранок дуруст кардани маводи тарғиботӣ ва иттилоотиро барои худ ва дар ҷомеаҳои худ таълим медиҳад. Ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки супоришҳоро дар ин нақшаи ин модул баррасӣ кунанд.

Суханони Руб Эл Ҳелу, омӯзгори калон дар соҳаи ВАО ва муҳаққиқи Донишгоҳи Нотр-Дам дар Лубнон барои аҳамияти ин модулро ба назар гирифтан маъно доранд: "Мусаллаҳ кардани одамон бо малакаҳои зарурӣ барои рамзкушоии паёмҳои мухталиф як муборизаи доимист, ки ба он ҳамроҳ шудан аз ҳама омӯзгорони ВАО ва рӯзноманигорон хоҳиш карда мешавад. " Саводнокии расонаӣ ба одамон кӯмак мерасонад, ки байни эътимод ба манбаъҳои навигариҳо ва шубҳаи ногузир нисбати онҳо тавозун пайдо кунанд."

## Мақсадҳои модул

Модули мазкур ҳадафҳои зерин дорад:

- Аҳамияти ба даст овардани саводнокии зарурӣ[22] ва малакаҳои дар назар дошташуда[23] оид ба дарки журналистика (ва намудҳои гуногуни журналистика) ва ҳамзамон малакаҳои шинохтани журналистикаи таҳрифшуда ва инчунин хабарҳои қалбакиро дар ҳама намуди васоити ахбори омма таъкид менамояд.

- Ба иштирокчиён малака додан зарур аст, ки онҳо истифодаи ахборотро дар ВАО-ҳои гуногун муайян кунанд ва малакаҳоеро дарк намоянд, ки чӣ тавр ба осонӣ маълумоти нодуруст ба вуҷуд оварда мешавад.

- Ба иштирокчиён таълим додани инкишофи нобоварии (скептисизм) солим нисбати тамоми иттилооте, ки онҳо истифода мебаранд ва чӣ гуна андозагирии эътимоднокии гузоришҳо, хабарҳо, наворҳо, аксҳо, маводҳои видео ва аудио, инфографика ва омор дар заминаҳои дахлдор.

## Натиҷаҳои омӯзиш

Дар охири модули мазкур донишҷӯён метавонанд:

1. Фарқ кардани фактро аз афсона, инчунин қонунияти ҳикояҳо ва гузоришҳои эҳтимолии гуногун дар журналистикаи ҳақиқӣ.

2. Фаҳмидани он, ки чӣ гуна гузоришҳо интихоб карда мешаванд, кӣ маводи иттилоотиро нашр мекунад, кадом усулҳо барои эҷоди ҳодисоти зоҳиран намуди воқеӣ дошта истифода мешаванд, чӣ гуна забон истифода мешавад, чӣ таъкид карда мешавад, чӣ аз доираи назар дур мешавад, кӣ мегӯяд, чӣ гуна, шахсият то кадом андоза муҳим ва/ё эътимодбахш аст, рӯзномаи ӯ чӣ гуна метавонад бошад, таъсири он навигариҳо чӣ гуна буданд/ҳастанд/хоҳанд буд ва чӣ гуна дигарон худи ҳамон хабарҳоро назар мекунанд ва истифода мебаранд.

3. Гирифтани тасаввурот дар бораи сатҳҳои саводнокии иттилоотии худ ва аҳамияти он барои онҳо, ҳамчун одамон ва чи тавр он бо ҳавасмандиашон дар иттилоот ва иртибот таъсир мерасонад.

---

21 AnexampleisProjectLookSharp,amedialiteracyinitiativeofIthacaCollege,whichhasmedialiteracyguides,curriculumkitsanddownloadablehandouts.www.projectlooksharp.org.[accessed23/03/2018].

22 ForinformationregardingmediaandinformationliteraciesseeUNESCO’sNotionsofMILhttp://unesco.mil-for-teachers.unaoc.org/foreword/unifying-notions-of-media-and-information-literacy/[accessed22/4/2018].

23 Inadditiontocriticalthinkingskillsidentifiedby Facione(2010),participantsshouldbeencouragedtobesceptical;questioneverything;assumenothing;fact-checksources.

## *Формати модул*

Модул ба ду машғулият иборат аз 45 дақиқа тақсим карда шудааст. Дарси аввал назария, дуюмаш амалия мебошад.

Методология ба муҳокимаи аҳамияти СИР ва аҳамияти он дар давраи иттилооти бардурӯғ, маълумоти ғалат ва дигар таҳрифҳои далелҳо, ки фавран тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешаванд, асос ёфтааст. Маводҳои дарси мазкурро тавассути Интернет дастрас кардан мумкин аст ва барои иҷрои вазифаҳои илмию амалӣ захираҳои муфид мавҷуданд.

Сайтҳои муфид:

- UNESCOhttp://en.unesco.org/ ва сомонаи доир ба саводнокии расонаӣ https://en.unesco.org/themes/media-literacy
- Иттифоқи тамаддунҳои СММ https://www.unaoc.org/
- Нақшаи таълимӣ барои омӯзгорон доир ба саводнокии иттилоотӣ ва расонаӣ http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/media-and-information-literacy-curriculum-for-teachers/
- 5 қонуни СИР http://www.unesco.org/new/en/communication-and-information/media-development/media-literacy/five-laws-of-mil/
- Омӯзиши ақли солим https://www.commonsense.org/education/top-picks/media-news-and-information-literacy-resources-for-students
- Саводнокии расонаӣ дар соҳаи масъулияти шаҳрвандии Ассотсиатсияи Аврупоӣ оид ба мафиатҳои тамошобинон https://eavi.eu/beyond-fake-news-10-types-misleading-info/
- Лоиҳаи "Саводнокӣ дар соҳаи ахборотӣ" http://www.thenewsliteracyproject.org/, Маркази саводнокӣ дар соҳаи ахборотӣ дар донишгоҳи Стоуни-Брук http://www.centerfornewsliteracy.org/
- Ақле, ки ВАО-ро идора мекунад http://propaganda.mediaeducationlab.com/
- Маркази захираҳои рақамӣ (Маркази саводнокӣ дар соҳаи ахборотӣ) http://drc.centerfornewsliteracy.org/
- Маркази саводнокии иттилоотӣ ва расонаӣ дар донишгоҳи Род Айленд https://centermil.org/resources/, ҳамчун якчанд мисол

Дастурдиҳандагон ташвиқ карда мешаванд, ки захираҳои кишварҳо ва минтақаҳои худро бо забонҳои гуногун илова кунанд.

Идора бояд бо компютерҳои дорои дастрасӣ ба Интернет муҷаҳҳазонида бошад, ки ба омӯзгорон ва донишҷӯён имкони истифодаи вебсомонаҳои ташкилотҳои марбут ба васоити ахбори омма ва саводнокии иттилоотӣ, дар баробари таҳқиқоти мавзӯӣ дар соҳаи ВАО дошта бошанд.

## Алоқамандии нақша бо натиҷаҳои омӯзиш

***А. Назария***

Дастурдиҳанда (инструктор) маводҳо ва таҳқиқоти мавзӯиро оид ба СИР ва муносибати он ба иттилооти бардурӯғ ва маълумоти ғалат, ки ҳамчун ахборот пешкаш мешаванд, пешниҳод менамояд.

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| Маънидод ва муҳокима кардани СИР, дар асоси фикрронии интиқодӣ | 45 дақиқа | 1+3 |
| Баррасӣ ва муҳокима кардани мисолҳои интихобшудае, ки дар сатҳи маҳаллӣ дар форматҳои гуногуни васоити ахбори омма бамаврид ҳастанд | 45 дақиқа | 1+2 |

***В. Амалия:***

Супоришҳое, ки ба маводҳо ва воситаҳои омӯзишӣ тааллуқ доранд.

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| Супоришҳои амалӣ | 90 дақиқа | 1+3 |
| **Супориши 1:** *Эътирофи журналистика*<br>Мақолаеро дар сафҳаи аввалини матбуоти маҳаллӣ пайдо кунед. Ҳар як донишҷӯ бояд ҳамон мақоларо, ки дар се васоити ахбори омма пайдо шудааст, баррасӣ намояд ва омӯзад.<br><br>Муҳокима гузаронед ва дар он аз донишҷӯён хоҳиш кунед, ки техникаи фикрронии танқидиро истифода баранд. Ҳамчунин онҳо бояд сюжети асосиро дар якҷоягӣ бо эҷод, интихоб ва пешниҳоди хабарҳо таҳлил намоянд. Дар рафти таҳлили мақола ба ҷойдории конвенсияи хабарҳо (кӣ, чӣ, дар куҷо, кай, чӣ гунна, чаро) таваҷҷӯҳ намоед, истинодҳои мустақимро истифода баред, ба сарчашмаҳои боэътимод ва бонуфуз, тасвирҳои фаръӣ, истилоҳҳои стереотипӣ, ки ба забони махсуси журналистика хос, бо аломатҳои дигари «навигарӣ», такянамоед. | 45 дақиқа | |
| **Супориши 2:** *Пешкаши иттилооти бардурӯғ дар шакли ахборот*<br><br>Ба иштирокчиён намунаҳои хабарҳои қалбакиро нишон диҳед ва муҳокима кунед, ки чӣ «Чкор мекунад" ва "чӣ худро фош кардааст". Пас, бигзор донишҷӯён мақолаи дар супориши қаблӣ хондаашонро, қалбакӣ сохта, онро таҳия кунанд, ки ба зудӣ интишор хоҳад шуд ва дар назари аввал мисли хабари воқеӣ хоҳад буд. (Донишҷӯён метавонанд мавзӯи худро ҳамчун як роҳи эҷоди маълумоти нодуруст интихоб кунанд).<br><br>Дар ниҳоят, донишҷӯёни гурӯҳҳо бояд муайян кунанд, ки мақола чӣ тавр боэътимод шуд. Дар ин ҷо шумо методи арзёбиро истифода бурда метавонед ва инчунин нишонаҳои хабарҳоро, ки ба таври инфиродӣ истифода шудаанд муайян карда метавонед.<br><br>Иштирокчиёнро аз нав гурӯҳбандӣ кунед ва ба онҳо имкон диҳед, ки тавассути тақдимҳои кӯтоҳ дар назди тамоми гурӯҳ мубодилаи афкор кунанд. | 45 дақиқа | 1+3 |

## *Вазифаи пешниҳодшуда*

Ҳар як иштирокчӣ бояд лентаи навигариҳои худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ дида барояд, ки дар онҳо мақолаи илмӣ ё тиббӣ пайдо кунад (масалан, парҳезии қатъӣ, хуруҷи беморӣ, таъсири гармшавии глобалӣ ба ҷомеа, самаранокии мошинҳои электрикӣ бар зидди мошинҳои сӯзишворӣ). Онҳо таҳқиқоти худ, ғаразнокии дарк (агар фаъол бошанд) ва аксуламали эҳсосии худро ба мақола/нуқтаи назар оид ба масъалаҳои марбут ба СИР, ба монанди ҷустуҷӯ, арзёбӣ, амнияти рақамӣ, ҳуқуқҳо ва худшиносӣ дар баробари принсипҳои асосии ахлоқии ахбор арзёбӣ мекунанд.

Сипас онҳо бояд маълумоти таҳқиқотии худро дар бораи: кӣ мақоларо таҳия кардааст; чӣ тавр ин гузоришдиҳанда ё шахс фаҳмидааст, ки чӣ интишор шудааст ва оё паҳн кардани ин мақола барояш фоидаовар аст; дубора нишондодҳо, омор ва инфографикаро санҷад. Агар имкон бошад, донишҷӯён инчунин метавонанд аз китобхонаи донишгоҳӣ / китобхонаи электронии худ барои тафтиши маълумот истифода баранд. Онҳо хулосаҳои худро дар 1,500 калима дар шакли танқиди васоити ахбори омма муфассал тавсиф намуда, тарафҳои қавӣ, заифиҳо, нуқсонҳо ва хатоҳои баъзе маводи иттилоотиро таҳлил мекунанд.

## *Маводҳо*

Дар зер мақолаҳои слайдҳо, тасвирҳо ва видеоҳо оварда шудаанд. Тренерҳо ташвиқ карда мешаванд, ки слайдҳои шахсии худро эҷод кунанд ва дар онҳо аксҳо ва видеоҳои марбут ба кишварҳо ва контекстҳои худро илова кунанд.

## *Адабиёт*


Abu-Fadil,M.&Grizzle,A.*(2016).OpportunitiesforMediaandInformationLiteracyintheMiddleEastandNorthAfrica.*Availableat:https://milunesco.unaoc.org/wp-content/uploads/MIL-Mena-2016-english.pdf [accessed05/01/2018].

*Alexiconforthedigitalage.*(2017).TheUnescoCourier,[online](July-September2017).Availableat: https://en.unesco.org/courier/2017-july-september/lexicon-digital-age[accessed06/04/2018].

Facione,P.(2010).*CriticalThinking:WhatItIsandWhyItCounts.*[online]InsightAssessment. Available at: https://www.insightassessment.com/ [accessed05/01/2018].

Gray,J.,Bounegru,L.&Venturini,T.(2017).*Whatdoesfakenewstellusaboutlifeinthedigitalage?Notwhatyoumightexpect.* NiemanLab.[online]Availableat:http://www.niemanlab.org/2017/04/

what-does-fake-news-tell-us-about-life-in-the-digital-age-not-what-you-might-expect/[accessed06/04/2018].

Stephens,B.(2017).*TheDyingArtofDisagreement*.TheNewYorkTimes.[online]Availableat: https://www.nytimes.com/2017/09/24/opinion/dying-art-of-disagreement.html[accessed06/04/2018].

## Адабиёти иловагӣ

Lytvynenko,J.(2018).*Here'sHowACanadianImamGotCaughtUpInFakeNewsAboutHouston*.BuzzFeed.[online]Availableat:https://www.buzzfeed.com/janelytvynenko/toronto-imam-caught-up-in-fake-news?bftw&utm_term=.ha3w9B5rr#.acEgmYE66[accessed06/04/2018].

MulrooneyEldred,S.(2017).*Inaneraoffakenews,studentsmustactlikejournalists:schools rarelyrequirenewsliteracy,butit'smoreimportantthan ever.* ScienceNews.[online]Availableat:https://www.sciencenewsforstudents.org/article/era-fake-news-students-must-act-journalists[accessed06/04/2018].

Rusbridger,A.,Neilsen,R.andSkjeseth,H.(2017).*Weaskedpeoplefromalloverthewordhowjournalistsshouldcoverpowerfulpeoplewholie.Hereiswhattheysaid.*ReutersInstitutefortheStudyofJournalism,OxfordUniversity.https://reutersinstitute.politics.ox.ac.uk/risj-review/we-asked-people-all-over-world-how-journalists-should-cover-powerful-people-who-lie[accessed12/06/2018]

Vesey-Byrne,J.(2017).*Bikinidesignerexposeswhyyoushouldn'ttrusteverythingyouseeonInstagram*.TheIndependent.[online]Availableat:https://www.indy100.com/article/bikini-designer-instagram-before-after-karina-irby-7934006?amp[accessed06/04/2018].

# САНҶИШИ ДАЛЕЛҲО

*Алексиос Мансарлис*




# МОДУЛИ 5

## *Баёни мухтасар*

*Аз сиёсатмадорон то маркетерҳо, аз гурӯҳҳои ҳимоя то брендҳо, ҳар касе, ки дигаронро бовар кунондани аст, барои таҳриф кардан, муболиға кардан ё иштибоҳ кардани далелҳо ҳавасманд аст. Ин модул ба омӯзиши иштирокчиён дар методологияи муайян кардани дархостҳо бо қобилияти тафтиш кардани далелҳо ва арзёбии танқидии далелҳо мутобиқи меъёрҳо ва стандартҳои ахлоқӣ нигаронида шудааст.*

## *Тафсифи умумӣ*

***Таърих ва семантикаи тафтиши далелҳо ҳамчун як шакли журналистикаи ҳисоботдиҳӣ***

Даниел Патрик Мойнихан, сенатори иёлати Ню-Йорк ва сафир дар Ҳиндустон ва Созмони Милали Муттаҳид (1927-2003) хуб гуфтааст: "Ҳар кас ҳақ дорад, ки фикри худро дошта бошад, аммо на ба далелҳои шахсии худ".[1]

Истилоҳи "тафтиши далелҳо" метавонад дар журналистика ду чизи гуногунро дошта бошад. Одатан, тафтишкунандагони далелҳоро барои ислоҳ ва тафтиши изҳороти воқеии рӯзноманигорон дар мақолаҳояшон редаксияҳои ахборотӣ киро мекарданд. Ин жанри тафтиши далелҳо ягонагии гузориш, санҷиши дубораи далелҳо ва рақамҳо ва ҳамчун марҳилаи умумии назорати сифати маводи иттилоотии мухталифи ВАО пеш аз нашр хизмат мекунад. Оғози ин амал дар рӯзноманигории муосир, ҳадди ақкал дар Ғарб, ба маҷаллаҳои калони ҳафтаинаи амрикоӣ, ба монанди TIME дар солҳои 1920 мувофиқат мекунад.[2]

Таназзули иқтисодии бисёр ташкилотҳои иттилоотӣ дар саросари ҷаҳон аз ибтидои асри 21[3] маънои онро дошт, ки шӯъбаҳои тафтиши далелҳо ихтисор шуданд, бо шӯъбаҳои таҳрироти санъативу техникӣ санъат муттаҳид карда шуданд ё пурра барҳам дода шуданд. Имрӯзҳо асосан маҷаллаҳои оқилонаи ҳафтаина ба мисли TheNewYorker дар Иёлоти Муттаҳида ё *DerSpiegel* дар Олмон то ҳол тафтишгарони махсуси муҳаррирро истифода мебаранд.[4]

Намуди санҷиши далелҳо, ки ба он модул равона шудааст, қабл аз интишори он сурат намегирад, аммо пас аз изҳорот аҳамияти ҷамъиятӣ пайдо мекунад. Ин шакли санҷиши далелҳо ба он равона шудааст, ки сиёсатмадорон ва дигар шахсиятҳои ҷамъиятӣ барои бурдани масъулият барои дурустии изҳороти онҳо ҷалб карда шаванд. Тафтишкунандаи далелҳо дар ин самт кӯшиш мекунанд сарчашмаҳои аввалия ва эътимодбахшро пайдо кунанд, ки изҳороти ба ҷомеа додашударо тасдиқ ё рад кунанд.

Тафтиши воқеии фактҳо асосан ба таблиғоти сиёсӣ, сухангӯии пешазинтихоботӣ ва манифестҳои ҳизбӣ тамаркуз карда мешавад (вале на танҳо). Лоиҳаҳои ибтидоӣ, ки ба ин шакли тафтиши далелҳои сиёсӣ нигаронида шудаанд, Factcheck.org, лоиҳаи Маркази сиёсати ҷамъиятии Анненберг дар назди

Донишгоҳи Пенсилвания, ки соли 2003 оғоз шудааст ва Channel4FactCheck, ки соли 2005 оғоз ёфтааст, тааллуқ доранд.

Тафтиши далелҳо аҳамияти худро афзудааст ва даҳсолаи охир дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст.

1 Moynihan,D.&Weisman,S.(2010).*DanielPatrickMoynihan*.NewYork:PublicAffairs.

2 Scriber,B.(2016).*Whodecideswhat'strueinpolitics?Ahistoryoftheriseofpoliticalfact-checking*.[online]Poynter. Availableat:https://www.poynter.org/news/who-decides-whats-true-politics-history-rise-political-fact-checking[accessed28/03/2018].

3 SeeModuleThree

4 Bloyd-Peshkin,S. & Sivek,S. (2017).*Magazinesfindthere'slittletimetofact-checkonline*.[online]Columbia JournalismReview.Availableat: https://www.cjr.org/b-roll/magazine-fact-checking-online.php[accessed28/03/2018].

Барои рушди ин амалияи журналистӣ ду нукта махсусан муҳим буданд. Таҳрики мавҷи аввал Ҷоизаи Пулитсер буд, барои кушодани мавзӯи миллӣ соли 2009, ки ба PolitiFact, як лоиҳаи тафтиши далелҳо, ки як сол қабл аз ҷониби рӯзномаи *StPetersburgTimes* (ҳоло *TampaBayTimes*) дар Флорида оғоз шуда буд, бахшида шудааст. Нававарии PolitiFact ин арзёбии даъвоҳо нисбати "ченаки воқеӣ" буданд, ки як қатор сохтор ва возеҳиятро ба тафтишоти фактҳо илова карданд. (Танқид, рейтингҳо субъективнокиро ба ин раванд ворид мекунанд). Ин муносибати сохторӣ ба шунавандагон аниқ нишон дод, ки тафтиши далелҳои сиёсӣ аз чӣ иборат аст ва нақши як воситаи журналистиро равшанӣ андохт, ки барои масъулиятнокии шахсони ҷамъиятӣ барои суханҳояшон дар ҷараён муайян шудааст ва бо ин даҳҳо лоиҳаҳоро дар саросари ҷаҳон илҳом мебахшад.[5]

Мавҷи дуввуми лоиҳаҳои тафтиши далелҳо пас аз як ҷаҳиши глобалӣ дар ба ном «ахбори қалбакӣ» ба вуҷуд омаданд. Ҳоло ин истилоҳ қабул ва нодуруст истифода бурда мешавад, он мақолаҳои комилан сенсационистиро тавсиф мекунад, ки бо истифода аз алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба манфиати онҳо ба шунавандагони зиёд мерасанд. Тавре ки дар соли 2016 маълум шуд, инфрасохтори иттилооти онлайн, хусусан маълумоти нодуруст ва маълумоти бардурӯғро интиқол мекард ва шумораи бештари гурӯҳҳо қарор доданд, ки диққати худро ба тафтиши далелҳо равона кунанд.

Ин мавҷи дуввум бештар ба тафтиши далелҳои даъвоҳои оммавӣ, ба монанди фош кардани ин гапҳои бофтаи маъмул нигаронида шуда буд. Фошкунӣ ҳамчун як сегменти санҷиши далелҳо хизмат мекунад ва маҷмӯи муайяни малакаҳои монандро талаб мекунад (алахусус дар мавриди маводи иттилоотии таҳиянамудаи корбар, ки ҳамчун маводҳои корбар маъруф аст, ба диаграммаи пайдоиши Венн дар зер нигаред). Ин модул ба тафтиши далелҳои дар поён зикршуда тамаркуз хоҳад кард, аммо дар модули оянда тафтиши маводи рақамӣ ва манбаъҳои иттилоот баррасӣ карда мешавад.[6]

---

5 Mantzarlis,A.(2017).*Initsfirstdecade,PolitiFacthelpeddefinepoliticalfact-checkingfarbeyondWashington, D.C.*[online]Poynter.Availableat:https://www.poynter.org/news/its-first-decade-politifact-helped-define-political-fact-checking-far-beyond-washington-dc[accessed28/03/2018].

6 SeeModuleSix




Расми 5: Фарқият байни тафтиши далелҳо ва санҷиши эътимоднокӣ

### *Мисолҳои ташкилотҳое, ки бо тафтиши далелҳо дар тамоми ҷаҳон машғул ҳастанд*

Тибқи лабораторияи Duke Reporter, дар моҳи декабри соли 2017[7] 137 лоиҳаи дарёфт кардани далелҳо дар 51 кишвар фаъол буданд.

Бо вуҷуди он ки Иёлоти Муттаҳида бозори бузургтарини тафтиши далелҳо мебошад, баъзе аз корҳои назаррас ва пешрафта дар ин соҳа дар дигар кишварҳо анҷом дода мешаванд. Дастурдиҳандагон метавонанд бо лоиҳаҳо аз қабили AfricaCheck (Африқои Ҷанубӣ, Сенегал, Нигерия ва Кения), Chequeado (Аргентина), LesDécodeurs (Фаронса), Faktisk (Норвегия) ва FullFact (Британиёи Кабир) шиносоӣ пайдо кунанд.

Барои дастурдиҳандагоне, ки ба кишвар ё манотиқҳои мушаххас таваҷҷӯҳ зоҳир кардан мехоҳанд, манбаъҳои зерин дастрас мебошанд:

- **Бразилия**: Мақолаи Кейт Стейкер-Гинсберг "Ривоҷи тафтиши далелҳо дар Бразилия" барои Poynter, дар сомонаи: https://www.poynter.org/news/fact-checking-booms-brazil

- **Аврупо**: Маърӯзаи Лукас Грейвс ва Федерика Керубини "Рушди шумораи сомонаҳои тафтиши далелҳо дар Аврупо" барои Институти Рейтерс дар Донишгоҳи Оксфорд, дар сомонаи http://reutersinstitute.politics.ox.ac.uk/our-research/rise-fact-checking-sites-europe#overlay-context=

7 Stencel,M.(2017).*Fact-checkingboomsasnumbersgrowby20percent*.[online]DukeReportersLab.Availableat:https://reporterslab.org/big-year-fact-checking-not-new-u-s-fact-checkers/[accessed28/03/2018].

- **Ҷопон**: Мақолаи Масато Кажимото "Эътилофи нав оид ба тафтиши далелҳо дар Ҷопон" барои Poynter, дар сомонаи https://www.poynter.org/news/new-fact-checking-coalition-launching-japan

- **Кореяи Ҷанубӣ**: Мақолаи Буёнг Лим, "Сабаби пайдо шудани тафтиши далелҳо дар Кореяи Ҷанубӣ дар чист? Сиёсати шиддатнок ва коҳиш ёфтани тафтишоти журналистӣ" барои Poynter, дар сомонаи http://www.poynter.org/2017/whats-behind-south-koreas-fact-checking-boom-tense-politics-and-the-decline-of-investigative-journalism/463655/

- **Амрикои Лотинӣ**: Мақолаи Иван Эхта "Набудани дастрасӣ ба иттилоот боиси афзоиши тафтиши далелҳо дар Амрикои Лотинӣ мерасонад" барои Poynter аст, дастрас дар сомонаи https://www.poynter.org/news/lack-access-information-driving-latin-americas-fact-checking-boom

- **Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**: Китоби Лукас Грейвс, "Қарор баровардан, ки чӣ ҳақиқат аст: Афзоиши тафтиши далелҳои сиёсӣ дар журналистикаи Амрико" ё тафсири он аз ҷониби Брэд Скрипсер дар Пойнтер дар ин ҷо дастрас аст: https://www.poynter.org/news/who-decides-whats-true-politics-history-rise-political-fact-checking

***Методология ва этикаи тафтиши далелҳо***

Тафтиши далелҳо математикаи олӣ нест. Ин як таҳлили дақиқ мебошад, ки тавассути як саволи асосӣ асос ёфтааст: "Мо инро аз куҷо медонем?" Дар айни замон, тафтиши далелҳо санҷиши имлоӣ нест. Ҳеҷ як дастур дар шакли луғат бо тамоми далелҳо вуҷуд надорад, ва барномаи оддие вуҷуд надорад, ки ҳуҷҷатҳоро тафтиш кунад ва ҳама чизеро, ки нодуруст ҳамчун далел оварда шудааст, қайд кунад.

Умуман, тафтиши фактҳо аз се марҳила иборат аст.

1. **Ҷустуҷӯи изҳорот бо қобилияти санҷидани далелҳо** бо роҳи бодиққат омӯхтани сабтҳои қонунгузорӣ, васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоии гуногун. Ин раванд муайян кардани он, ки кадом изҳоротҳои асосии ҷамъиятӣ а) метавонанд барои далелҳо тафтиш карда шаванд ва (б) барои далелҳо бояд тафтиш карда шаванд.

2. **Ҷустуҷӯи далелҳо** тавассути ҷустуҷӯи далели беҳтарини аризаи баррасишуда.

3. **Ислоҳи сабт** тавассути арзёбии изҳорот бо далелҳо, одатан аз рӯи стандартҳои эътимоднокӣ.

Ташкилотҳои боэътимоде, ки бо санҷиши далелҳо фаъолият мебаранд, равандҳои худро дар методологияи ҷамъиятӣ шарҳ медиҳанд. Дастурдиҳандагон метавонанд донишҷӯёнро бо як ё якчанд захираҳои зерин шинос кунанд:

1. Саҳифаи AfricaCheck *“Мо чӣ гуна кор мекунем”* (дар сомонаи дастрас аст: https://africacheck.org/about-us/how-we-work/), ҳамчунин инфографика дар қисмати "Маводҳо"

2. Chequeado*“Metodo”*(ба забони испанӣ дар сомонаи :http://chequeado.com/metodo/) дастрас аст

3. Pagella Politica *“Metodologia”* ва *“Comefunzioniamo”* (ба забони итолиёгӣ дастрас аст: https://pagellapolitica.it/progetto/index)

4. PolitiFact *“Принсипҳои PolitiFact”* (дар сомонаи: http://www.politifact.com/truth-o-meter/article/2013/nov/01/principles-politifact-punditfact-and-truth-o-meter/)

Шабакаи Байналмилалии Тафтиши Далелҳо (ISMP)[8] инчунин як қатор принсипҳоеро таҳия кардааст, ки ба онҳо тафтишгарони бовиҷдон диққатро дар ҳаёти рӯзмарраи худ равона мекунанд.

Ташкилотҳое, ки бо тафтиши далелҳо машғуланд, маҷмӯи принсипҳои ISMP-ро барои табдил ёфтан ба ташкилотҳои боэътимод бо ҳуқуқи имзо истифода мебаранд. Ин баҳодиҳии берунаро талаб мекунад, ки татбиқи самараноки ин стандартҳоро муайян мекунад. Дастурдиҳандагон метавонанд хоҳиши бо маҷмӯи принсипҳо шинос шуданро пайдо кунанд ва нисбати ташкилотҳои тафтишкунандаи далелҳо баҳоҳо дарёфт кунанд[9] ва муҳокима кунанд, ки оё донишҷӯён муайян мекунанд, ки ин баҳоҳо бо эҳтимолияти бештар эътимодро ба тафтишкунандагони далелҳо таъмин мекунанд ё не.

Ин принсипҳо бо мақсади он таҳия шудаанд, ки хонандагон фарқияти байни далелҳои хуб ва бадро ҷудо карда тавонанд. Масалан, маълумоти бардурӯғ дар намуди тафтиши далелҳо гузошта мешавад, дастурдиҳандагон метавонанд дар ин ду мақолаҳо мубодилаи мисолҳо кунанд:

- *Ин санҷишгарони қалбакии далелҳои дурӯғро дар бораи геносид ва сензура дар Туркия паҳн мегардонанд* (Poynter) https://www.poynter.org/news/these-fake-fact-checkers-are-peddling-lies-about-genocide-and-censorship-turkey

- *Дар давраи баъди ҳақиқат тафтиши бениҳоят рости далелҳо дар Шветсия ногузир буд.* (TheGuardian) https://www.theguardian.com/media/2017/jan/19/in-the-post-truth-era-swedens-far-right-fake-fact-checker-was-inevitable

8 Theauthor,AlexiosMantzarlis,leadstheInternationalFactCheckingNetwork

9 Availableathttps://www.poynter.org/international-fact-checking-network-fact-checkers-code-principles.[accessed:28/03/2018].

*Пеши роҳи далелҳо чӣ меистад*

Пеш аз омӯхтани ҷанбаҳои амалии санҷиши далелҳо, донишҷӯён бояд дар бораи маҳдудиятҳои худ ва маҳдудиятҳои онҳо биомӯзанд.

Баъзе тафсиркунандагон изҳор доштанд, ки мо ба давраи "пост-ҳақиқат" ё "пост-факт" ворид шудаем. Ин истилоҳҳо дар сарлавҳаҳои саросари ҷаҳон дар соли 2016 пайдо шуданд ва мувофиқан аз ҷониби Луғати Англисии Оксфорд ва Ҷамъияти забони олмонӣ ҳамчун "Каломи сол" интихоб карда шуданд. Ҷонибдорони пост-ҳақиқат исрор карданд, ки сиёсат ва васоити ахбори омма ба ду лагери мухолиф тақсим шуда, чунон қабилавӣ шудаанд, ки шаҳрвандон ҳама гуна далелҳоеро, ки бо онҳо ихтилоф доранд, комилан рад мекунанд.

Ин тамоман ба шумораи афзояндаи таҳқиқот мувофиқат намекунад, ки дар ҳолати ислоҳ шудан, алахусус тавассути тамос бо муассисаҳои боэътимод, мардум (ба ҳисоби миёна) маълумоти бештаре мегиранд. Дастурдиҳандагон метавонанд бо донишҷӯёни худ таҳқиқоти зеринро бихонанд ва муҳокима кунанд:

- Swire,B., Berinsky,A.J., Lewandowsky, S.&Ecker, U.K.H.(2017). Коркарди иттилооти бардурӯғи сиёсӣ: *дарки феномени Трамп* (1марти с. 2017). Дастрас дар сомонаи http://rsos.royalsocietypublishing.org/content/4/3/160802 [ба санаи 28/03/2018].
- Nyhan, B. &Zeitzoff,T.(2018). *Мубориза бо гузашта: Дарки назорат, иштибоҳҳои таърихӣ ва маълумоти ислоҳкунанда дар низои Исроил ва Фаластин.* Дастрас дар: http://onlinelibrary.wiley.com/doi/10.1111/pops.12449/abstract. [ба санаи 28/03/2018].
- Wood, T.&Porter, E.(2016). *Таъсири оташи диданашавандаи баргандаанда: ӯҳдадории суботноки воқеӣ ба муносибатҳои омма* (5 августи с. 2016). Дастрас дар: https://ssrn.com/abstract=2819073. [ба санаи 28/03/2018].

Ҳамзамон, фарз кардан ғайривоқеӣ ва бемаънист, ки далелҳо хусусияти бебаҳо дар ҷаҳон ҳастанд ва одамон махлуқоти оқилона мебошанд, ки нивобаста аз эътиқодҳои қаблӣ ва афзалиятҳои шахсӣ далелҳои навро комилан муттаҳид мекунанд. Ҳар кадоми мо таҳрифҳои маърифатӣ ва дигар доранд - монеаҳои аслан равонӣ, ки дар роҳи азхуд кардани иттилооти воқеиии нав ба даст меоранд. Таъкид кардан бениҳоят муҳим аст, ки ин бо одамони дигар рӯй намедиҳад, он барои ҳамаи мо рух медиҳад.

Дастурдиҳандагон бояд баъзе аз ин таҳрифҳоро дар синф муҳокима кунанд.

**Хатои тасдиқкунӣ** [Аз Энсиклопедияи Бритониёгӣ - https://www.britannica.com/topic/confirmation-bias [ба санаи 28/03/2018]: тамоюли коркарди иттилоот бо роҳи ҷустуҷӯ ё тафсири маълумоте, ки хилофи эътиқоди мавҷуда нест. Ин гуна ғараз ҳангоми тасмимгирӣ тасодуфӣ нест ва аксар вақт ба сарфи назар кардани маълумоти ихтилофнок оварда мерасонад. Эътимоди мавҷуда метавонад интизориҳои касеро дар вазъияти муайян ва тахминҳо дар бораи натиҷаи мушаххас дар бар гирад. Хусусан одамон, агар ин масъала хеле муҳим ё худхоҳона бошад, иттилоотро барои ҳимояи эътиқоди худ коркард мекунанд.

**Мулоҳизаи асоснок** [Аз маҷаллаи Discover - http://blogs.discovermagazine.com/intersection/2011/05/05/what-is-motived-reasoning-how-does-it-work-dan-kahan-answers/#.WfHrl4ZrzBI [ба санаи 28/03/2018]. Фаҳмиши асоснок ба тамоюли нафаҳмидаву надонистаи одамон барои мутобиқ кардани коркарди иттилоот ба хулосаҳое, ки барои як мақсад ё ҳадафи мушаххас мувофиқанд, ишора мекунад. Як мисоли классикиро дида мебароем. Дар солҳои 1950-ум, равоншиносон аз иштирокчиёни таҳқиқи таҷрибавӣ, донишҷӯёни ду коллеҷи Лигаи Плуш (Плющ) хоҳиш карданд, ки филмро тамошо кунанд, ки дар он як қатор ҳуштакҳои баҳсноки доварон ҳангоми бозии футбол байни дастаҳои мактабҳои дахлдор нишон дода шуда буданд. Донишҷӯён аз ҳар як мактаб, бо эҳтимоли зиёд, ҳуштакҳои доваронро вақте ба манфиати мактаби онҳо ва на ба манфиати рақибон буданд, одилона меҳисобиданд. Муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки ҳиссаи эҳсосоте, ки донишҷӯён ҳис карданд, вақте вафодории худро нисбати муассисаҳои таълимии худ тасдиқ карданд, маҳз он чизе, ки дар навор дида буданд, ба вуҷуд овард.

**Эвристикаи дастрасӣ** [Аз луғати равоншиносии нашриёти Донишгоҳи Оксфорд – http://www.oxfordreference.com/view/10.1093/acref/9780199534067.001.0001/acref-9780199534067-e-830 [ба санаи 28.03.2018]. Тавассути эвристикаи когнитивӣ басомад ё эҳтимолияти ҳодиса аз шумораи намунаҳои ин ҳодиса бармеояд, ки зуд ба хотир меоянд. Ин одамонро маҷбур мекунад, ки изҳороти бардурӯғро ҳамчун ҳақиқат қабул кунанд, танҳо бо сабаби он, ки онҳо ба осонӣ метавонанд онро бекор кунанд. Дар як озмоише, ки Лиза Фасио дар Донишгоҳи Вандербилт анҷом додааст, маълум шуд, ки одамоне, ки аз онҳо такрор кардани изҳороти "сарӣ - як домани шотландӣ аст" шаш маротиба хоҳиш карданд, ба ин дурӯғи гӯшношунид назар ба онҳое, ки онро як маротиба такрор кардаанд, бештар эътиқод пайдо карданд. Худи журналистика метавонад ба як вектори дурӯғ табдил ёбад, ва ба он боварӣ ҳосил мекунанд, агар онро ба таври ғайританқидӣ тафсир диҳанд. Инъикоси назарияҳое дар ВАО, ки ба воқеият дар атрофи макони зодгоҳи Барак Обама иртибот надоранд, масалан, метавонанд дар паҳн кардани эътиқод дар бораи президенти собиқи ИМА нисбати он, ки ӯ дар асл дар Ҳавайӣ таваллуд нашудааст, нақш бозанд.

Бояд қайд кард, ки худи тафтиши далелҳо воситаи нокомил мебошад. Чизе метавонад 100% дуруст бошад, аммо як мундариҷаи муҳимро фаромӯш намояд.[10] Далелҳо дар доираи фарогирии васеи чорабиниҳо, ки метавонанд ба ҳамон як далелҳои асосӣ аҳамияти гуногун бахшанд, мунтазам сохта ва фармоиш дода мешаванд. Илова бар ин, ҳақиқат бештар аз маҷмӯи далелҳо аст. Тафтиши далелҳо - он на ин ки василаи боздоштани тафсирҳои алтернативӣ аст, балки кафолати як қатор далелҳое мебошад, ки метавонанд ба равшаниандозии рӯйдодҳо ва пешгӯиҳои инфиродӣ таъсир расонанд, то баҳси оқилонаро ба вуҷуд оваранд.

## *Мақсадҳои модул*

- Пайдо кардани шиносоии беҳтар бо амалияи пешқадами ояндадори тафтиши далелҳо дар миқёси ҷаҳонӣ.
- Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи таҳрифҳои когнитивӣ, ки метавонанд садди роҳи дарки воқеӣ гарданд.
- Такмил додани маҳоратҳои таҳлили интиқодӣ.

10 Seeexample Yanofsky,D.(2013). *ThechartTimCookdoesn'twantyoutosee*.Availableathttps://qz.com/122921/the-chart-tim-cook-doesnt-want-you-to-see/.[accessed28/03/2018].

## Натиҷаҳои омӯзиш

1. Фаҳмиши пайдоиши тафтиши далелҳоро ҳамчун як шакли алоҳидаи журналистика, инчунин этика ва методологияи амалия.

2. Фаҳмидани масъалаҳое, ки ҳангоми арзёбии сифати далелҳо ба вуҷуд меоянд.

3. Қобилияти такмил додани фарқ кардани изҳорот бо қобилияти санҷиши далелҳо аз нуқтаи назар ва гипербола.

4. Намунаи асосии консептуалии таҳрифҳои маърифатӣ, ки дар роҳи дарки воқеӣ метавонанд пайдо шаванд.

## Формати модул

Курси назариявии ин дарс инҳоро дарбар мегирад:

1. Таърих ва семантика

2. Методология ва ахлоқ

3. Дар роҳи далелҳо чӣ истода истодааст.

Курси амалӣ ба ду вазифа тақсим шудааст

1. Ҷустуҷӯи маълумот бо имконияти тафтиш кардани далелҳо

2. Ҷустуҷӯи далелҳо

Вазифа баислоҳи сабт нигаронида шудааст.

### Алоқаи нақша бо натиҷаҳои омӯзиш

*А. Назария*

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| 1.Таърих ва семантика | 20 дақиқа | 1 |
| 2. Методология ва ахлоқ | 20 дақиқа | 1 |
| 3. Дар роҳи далелҳо чӣ истодааст | 20 дақиқа | 4 |

***B. Амалия***

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| **Супориши 1:** Ҷустуҷӯи маълумот бо имконияти тафтиши далелҳо | 30 дақиқа | 3 |
| **Супориши 2:** Ҷустуҷӯи далелҳо | 1 соат | 2 |

## i) Ҷустуҷӯи маълумот бо имконияти тафтиш

Тафтиши далелҳо ба изҳороте равона карда мешавад, ки ҳадди ақкал як далел ё шахсеро дар бар мегиранд, ки дурустии онҳо ба таври объективӣ боэътибор дониста шавад. Тафтиши далелҳо дурустии фикру ақидаҳо, гипербола, ҳаҷвия ва шӯхиро баҳо намедиҳанд.

**Супориши 1:** Супориши 1: Аз донишҷӯён хоҳиш кунед, ки иқтибосҳоро аз суханҳои чаҳор шахсияти шинохта хонанд ва бо як ранг (САБЗ) изҳороти воқеиро, ки барои далелҳо тасдиқ карда мешаванд, ранги дигар (СУРХ) барои андешаҳое, ки барои далелҳо тасдиқ карда намешаванд ва бо ранги сеюм (НОРАНҶӢ), фикрҳоеро, ки дар мобайнашон дурӯғ доранд, махсус қайд намоянд. Баъд аз он, ки донишҷӯён иқтибосҳоро бо шарҳҳои худ месупоранд, аз назди ҳар як донишҷӯ гузашта, изҳоротро бо имкони санҷиши далелҳо муҳокима намоед.

### ИШОРАДИҲАНДА

Сурх – изҳороте, ки далелҳояш санҷида намешавандНоранҷӣ – изҳороте, ки дар мобайнашон дурӯғ дорандСабз – изҳороте, ки далелҳояшон қобили санҷиш ҳастанд

***Мишел Бачелет, собиқ президенти Чили***

First DraftNews.(n.d.). *UsingYouTubeDataViewertochecktheuploadtimeofavideo* -. Availableat https://firstdraftnews.com:443/resource/using-youtube-data-viewer-to-check-the-upload-time-of-a-video/.[accessed13/11/2017].

Toler,A.(2017). *AdvancedGuideonVerifyingVideoContent*.Availableathttps://www.bellingcat.com/resources/how-tos/2017/06/30/advanced-guide-verifying-video-content/.[accessed13/11/2017].


## Таҳлили метамаълумот


Honan,M.(2012). *HowTrustinginViceLedtoJohnMcAfee'sDownfall*.Availableat https://www.wired.com/2012/12/how-vice-got-john-mcafee-caught/.[accessed03/04/2018].

Storyful.(2014). *Verifyingimages:whyseeingisnotalwaysbelieving*.Availableathttps://storyful.com/blog/2014/01/23/verifying-images-why-seeing-is-not-always-believing/.[accessed13/11/2017].

Wen,T.(2017). *Thehiddensignsthatcanrevealafakephoto*.Availableathttp://www.bbc.com/future/story/20170629-the-hidden-signs-that-can-reveal-if-a-photo-is-fake.[accessed12/11/2017].

## Таҳлили маводи иттилоотӣ

Ess,H.van.(2017).*Insidethetrenchesofaninformationwar.*.Medium.Availableathttps://medium.com/@henkvaness/how-to-date-a-mysterious-missile-launcher-78352ca8c3c3.[accessed03/04/2018].

Farid,H.(2012a).*ImageAuthenticationandForensics|Fourandsix Technologies-Blog - APointlessShadowAnalysis*.Availableathttp://www.fourandsix.com/blog/2012/9/4/a-pointless-shadow-analysis.html.[accessed03/04/2018].

Farid,H.(2012b).*ImageAuthenticationandForensics|Fourandsix Technologies-Blog - TheJFKZapruderFilm*.Availableathttp://www.fourandsix.com/blog/2012/9/11/the-jfk-zapruder-film.html.[accessed03/04/2018].

Farid,H.(n.d.-c).PhotoForensics:IntheShadows-Stillsearching-FotomuseumWinterthur.Availableat http://www.fotomuseum.ch/en/explore/still-searching/articles/26425_photo_forensics_in_the_shadows.[accessed03/04/2018].

FirstDraftNews.(2016).*Watch EliotHigginsdemonstrateadvanced verificationtechniquesat#FDLive*.Availableat https://firstdraftnews.com:443/watch-eliot-higgins-discuss-advanced-verification-and-geolocation-techniques-at-fdlive/.[accessed03/04/2018].

Higgins,E.(2015,July24).*SearchingtheEarth:Essentialgeolocationtoolsforverification*.Availableathttps://medium.com/1st-draft/searching-the-earth-essential-geolocation-tools-for-verification-89d960bb8fba.[accessed03/04/2018].

## Онлайн-захираҳо

*FirstDraftInteractive:GeolocationChallenge*.Availableathttps://firstdraftnews.com/resource/test-your-verification-skills-with-our-geolocation-challenge/.[accessed03/04/2018].

*FirstDraftInteractive:ObservationChallenge*.Availableathttps://firstdraftnews.com/resource/test-your-verification-skills-with-our-observation-challenge/.[accessed03/04/2018].

*FirstDraftOnlineVerificationCourse*.Availableathttps://firstdraftnews.org/learn/[accessed 03/04/2018].

# МУБОРИЗА БО ТАҲҚИР ДАР ИНТЕРНЕТ:ВАҚТЕ ОН БА ЖУРНАЛИСТОН ВА САРЧАШМАҲОИ ОНҲО РАВОНА ШУДААСТ

*Ҷули Посетти*



# МОДУЛИ 7

## *Баёни мухтасар*

Дар асри шабакаҳои иҷтимоӣ мушкилоти иттилооти бардурӯғ ва маълумоти ғалат[1], ки журналистикаи эътимоднок ва иттилооти саҳеҳро беобрӯ мегардонад, шиддат ёфтааст. Ба оқибатҳои он қасдан ҳадаф гирифтан ба журналистон ва дигараширон дар Интернет ва манбаъҳои онҳо мебошанд, ки дар тафтиш ё паҳн кардани маълумот ва тавзеҳот ҳавасманданд. Хатарҳои ба ин вобаста минбаъд эътимоднокии журналистикаро дар баробари бехатарии журналистон ва манбаъҳои онҳо коҳиш дода метавонанд.

Дар баъзе ҳолатҳо, рӯзноманигорон ба "астротерфинг"[2] ва "троллинг"[3], кӯшишҳои қасдан "гумроҳ кардан, фиреб додан, ба иштибоҳ расонидан ё таҳдид кардани рӯзноманигорон"[4] бо паҳн кардани иттилооте, ки ба иштибоҳ ва ба ҷои дигар ҷалб кардани диққати онҳо ё манбаъҳои эҳтимолии онҳо мавриди ҳадаф қарор гирифтанд. Ё ин ки метавонистанд хабарнигоронро ба манфиати худ истифода бурда, барои паҳн кардани маълумоти носаҳеҳ, ки тафсири бардурӯғи фактҳоро тақаллуб мекунанд ё эътимоднокии журналистонро (ва агентиҳои иттилоотие, ки дар он ҷо кор мекунанд) суст мекунанд, агар ин маълумот ҳамчун бардурӯғ ошкор шуда бошад, маҷбур созанд. Дар дигар ҳолатҳо, онҳо бо таҳдидҳои рақамӣ барои ифшо кардани манбаъҳояшон дучор мешаванд, махфияти ҳаёти шахсиашонро вайрон мекунанд ва онҳоро зери хатар мегузоранд ё додаҳои нашрнашудаи онҳоро ба даст меоранд.

Таъсири давлатҳое, ки "гурӯҳҳои рақамии нафратангезонро" барои пахш кардани тафсирҳои танқидӣ ва бекор кардани озодии баён сафарбар мекунанд, низ вуҷуд доранд.[5] Ғайр аз ин, дар Интернет мушкилоти ҷиддии таъқиб ва зӯроварӣ вуҷуд дорад (баъзан бо аломати шубҳаноки "троллинг"[6]), ки онро ба таври номутаносиб занон аз сар мегузаронанд, ва аксар вақт он табиати занбезорӣ дорад. Инро рӯзноманигорон, манбаъҳо ва шореҳони онҳо мебинанд, ки ба ҷараёни шадиди таҳқир дар Интернет, маълумоти бардурӯғ дар бораи рафтори онҳо, таҳрифи маълумот дар бораи шахсияти онҳо ё таҳдиди зарарасонӣ ба хотири таҳқир ва шикастани эътибори онҳо, бадном кардан, диққати онҳоро парешон кардан ва ниҳоят фишороварӣ ба паёми онҳо гирифтор мешаванд.[7] Бо вуҷуди ин, дар бисёр ҷойҳо таҳқир дар ҷаҳони воқеӣ ба хотири ҷилавгирӣ аз паёми интиқодӣ бо хатарҳое, ки ҳоло бо таҳрик ва тарсу ҳарос дар Интернет шиддат мегиранд, идома медиҳад.

---

1 Fordefinitions,see:Wardle,C.&Derakhshan,H.(2017).*InformationDisorder:TowardanInterdisciplinaryFrameworkforResearchandPolicymaking*(Councilof Europe).https://rm.coe.int/information-disorder-toward-an-interdisciplinary-framework-for-researc/168076277c[accessed30/03/2018].

2 ‘Astroturfing’isatermderivedfromabrandoffakegrassusedtocarpetoutdoorsurfacestocreatetheimpressionitisnaturalgrasscover.Inthecontextofdisinformation,itinvolvesspreadingfakeinformation,targetingaudiencesandjournalistswithanintentiontoredirectormisleadthem, particularlyintheformof‘evidence’offauxpopularsupportforaperson,ideaorpolicy.SeealsoTechnopediadefinition: https://www.techopedia.com/definition/13920/astroturfing [accessed20/03/2018].

3 Coco,G.(2012).*WhyDoesNobodyKnowWhatTrollingMeans?Aquickreferenceguideforthemedia*atVice.com.https://www.vice.com/en_au/article/ppqk78/what-trolling-means-definition-UK-newspapers[accessed30/03/2018].

4 Posetti,J.(2013).*The‘Twitterisation’ofinvestigativejournalism*inS.Tanner&N.Richardson(Eds.),JournalismResearchandInvestigationinaDigital World (pp. 88-100):OxfordUniversityPress, Melbourne.http://ro.uow.edu.au/cgi/viewcontent.cgi?article=2765&context=lhapapers[accessed30/03/2018].

5 RileyM,Etter,LandPradhan,B(2018)*AGlobalGuideToState-SponsoredTrolling*,Bloomberg:https://www.bloomberg.com/features/2018-government-sponsored-cyber-militia-cookbook/[accessed 21/07/2018].

6 Note:‘Trolling’initsinternet-relatedapplicationreferstoactsthatrangefromgentleteasing,trickingandgoadingtodeliberatedeception.However,itisincreasinglydeployedasatermtocoverallactsofonlineabuse.Thisispotentiallyproblematicasitconflatesawiderangeofactivitiesandpotentiallyunderplaystheseriousnessofonlineharassment.

7 See for example: https://www.independent.co.uk/news/world/americas/twitter-maggie-haberman-new-york-times-quits-social-media-jack-dorsey-a8459121.html

Журналистон метавонанд қурбонии бевоситаи маъракаҳои гумроҳкунандаи иттилоотӣ шаванд, вале ҳамчунин муқобилати қатъӣ низ медиҳанд. Ғайр аз тақвияти муҳофизати рақамӣ, бисёриҳо ин ҳамлаҳоро фаъолона фош мекунанд ва ҳамлакоронро ошкор месозанд. Бо иштирок дар ташаббусҳои саводнокии иттилоотӣ ва инчунин дар созмонҳои ғайриҳукуматии ин соҳа, хадамоти иттилоотӣ дар маърифати ҷомеа дар бораи он, ки чаро журналистикаро қадр ва ҳимоя бояд кард, нақши муҳим мебозад.

## *Тавсифи умумӣ*

### Кӯшишҳои ҳалли мушкилот

#### *i) Эътироф ва эътино кардан ба «троллинг» ва «астротерфинг»[8]*

Ин падида ихтироъ кардани персонажҳо ва рӯйдодҳоро бо мақсади ҳила кардани рӯзноманигорон ва тамошобинон, инчунин маъракаҳои ташкилшуда дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба тақлид ба аксуламали органикии мардум равона карда шудааст, дар бар мегирад. Фарқ кардан байни навигариҳои фаврӣ ва далелҳои воқеӣ аз маводи иттилоотии қалбакии дорои саҳвҳои зиёде, ки қасдан эътимодро нисбати журналистон ва дигар шореҳон дар Интернет мешиканад ва ё кори онҳоро тавассути фиреб кардани онҳо ва ба паҳн кардани маълумоти бардурӯғ водор месозад, осон нест.

Намунаҳои ин намуди рафтор:

- Гуфтаҳои бофтаи қурбониёни офатҳои табиӣ ва азияткашидагони ҳамлаи террористӣ (ба мисоли таркиш дар Манчестер[9] нигаред) бо мақсади фиреб додани одамон дар паҳн кардани маводи иттилоотӣ, ки эътибори эътимод ва/ё боварии мардумро паст мекунад, аз ҷумла журналистоне, ки дар ин раванди интишори иттилоот иштирок карда метавонанд.

- "Интишори маводи иттилоотӣ ҳамчун як ҳодисаи ҷолибе, ки аз ҷониби шахсони бардурӯғ эҷод шуда, ба таваҷҷӯҳи ҳамагон гузошта шудааст, масалан" Лесбиян аз Димишқ ".[10] Соли 2011, расонаҳои ҷаҳонӣ аз бoздошти як блогер, ки гӯё лесбияни суриягӣ аст, исрор меварзиданд, муаллифаш тавре маълум шуд, як донишҷӯи амрикоӣ дар хориҷа буд. Рӯзноманигор Ҷесс Ҳилл ба ин ҳодиса барои барномаи PM аз Корпоратсияи телевизионии Австралия вобаста карда шуда буд. Ӯ изҳор дошт, ки арзишҳо ва усулҳои тафтишоти анъанавӣ дар барномаи вай монеъи афзоиши дурӯғ шуданд. "Мо боздошти ӯро дар васоити ахбори омма бо як далели оддӣ инъикос накардем - мо касеро пайдо накардем, ки воқеан бо ӯ вохӯрда бошад. На хешовандон ва на дӯстон. Мо ду рӯз дар ҷустуҷӯи мардум будем ва аз шиносони суриягии худ хоҳиш кардем, ки моро бо одамоне, ки бо ӯ муошират карда метавонистанд, рӯ ба рӯ кунанд, аммо ҳар як калид ба ноилоҷӣ оварда расонид. Далели он, ки мо касе пайдо карда наметавонем, ки воқеан ӯро вохӯрдааст, моро ҳушдор дод, аз ин рӯ, мо инро дар ВАО инъикос накардем... Агентиҳои хабарие, ки ба фарогирии ин ҳикоя дар ВАО

8 For anexplanationof'astroturfing'usefulfor teaching purposes, the following linkisofvalue:https://youtu.be/Fmh4RdIwswE

9 Manchesterbombing example, https://www.theguardian.com/technology/2017/may/26/the-story-behind-the-fake-manchester-attack-victims[accessed30/03/2018].

10 Young,K.(2017).*HowtoHoaxYourself:TheCaseoftheGayGirlinDamascus*,November9th,2017,inTheNewYorker.https://www.newyorker.com/books/page-turner/how-to-hoax-yourself-gay-girl-in-damascus[accessed30/03/2018].

шитоб намуданд, вазифаи асосии худ - аз манбаъ дур шуданро иҷро накарданд. Онҳо навигариро дар асоси навиштаҳои блог гузориш доданд."[11]

Дигар омилҳои ҳавасмандкунанда хоҳиши ба сӯи дигар равона кардан ё дур кардани рӯзноманигорон аз тафтишот буда, ба самтҳои бенатиҷаи тафтишот мусоидат мекунанд, ки ба тайёр кардани паём халал мерасонанд ва дар ниҳояти кор барои муқаррарсозии ҳақиқат таъсири ғайриҳавасмандкунӣ (демотивирующий) мерасонанд.

Намунаҳои ин услуби гумроҳкунанда:

- Тасвири бемуваффақияти изҳорот дар бораи шумораи издиҳом дар маросими савганди Доналд Трамп дар моҳи январи соли 2017 ҳамчун "далелҳои алтернативӣ"[12]
- Таблиғи ҳарбии муосир, масалан, ҳаракати Толибон дар Твиттер дар бораи рӯзноманигорон дар Афғонистон бо маълумоти бардурӯғ ва ғалат дар бораи набардҳо нашр кардааст[13]
- Маҷмӯи маълумоти ба рӯзноманигорон дода шуда, ки иттилооти боэътимод ва арзишмандро пешкаш мекунанд, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, аммо маълумоти гумроҳкунанда доранд.

Вақтҳои охир, ташвиқоти компютерӣ[14] барои рӯзноманигороне, ки бо "астротерфинг" ва "троллинг"  машғуланд, хатарро зиёдтар кард. Он истифодаи ботҳоро барои паҳн кардани иттилооти мақсадноки бардурӯғ ва паёмҳои таблиғотие, ки ба ҳаракати органикӣ монанданд, дар назар дорад.[15] Ғайр аз он, технологияи ИИ барои ҳадди аксар эҷод кардани «бофтаи иттилооти рақамӣ»-и видео ва дигар шаклҳои маводи иттилоотӣ, ки ҳадафи беэътиборкунии мақсадҳои аз он ҷумла рӯзноманигорон ва алалхусус хабарнигорони занро доранд, истифода бурда мешавад.

Намунаҳои ин амалҳо:

- Сомонаи мустақили хабаргузории Rappler.com ва асосан дастаи занони он ҳадафи маъракаи таҳқироти фаъол дар Интернет гаштанд. "Дар Филиппин, троллҳои маблағгузорӣ шаванда, тафаккури ғалат, ҷаҳиши мантиқ, заҳролудкунии манбаъ – ин ҳама танҳо чанд ҳилаҳои таблиғотӣ ҳастанд, ки ба тағйир додани афкори ҷомеа дар масъалаҳои асосӣ кӯмак кардаанд."[17] (муҳокимаи батафсилро дар зер нигаред)

---

11 Posetti,J.(2013).opcit

12 NBC News (2017)Video: https://www.nbcnews.com/meet-the-press/video/conway-press-secretary-gave-alternative-facts-860142147643[accessed30/03/2018].

13 Cunningham,E(2011).*Inshift,Talibanembracenewmedia*,GlobalPost.https://www.pri.org/stories/2011-05-21/shift-taliban-embrace-new-media[accessed30/03/2018].

14 Woolley,S.&Howard,P.(2017).*ComputationalPropagandaWorldwide:ExecutiveSummary*,WorkingPaperNo.2017.11(OxfordUniversity).http://comprop.oii.ox.ac.uk/wp-content/uploads/sites/89/2017/06/Casestudies-ExecutiveSummary.pdf [accessed30/03/2018].

15 Note:Shallowreportsaboutbotcampaignsduringthe2017UKgeneralelectionhighlightthedifficultyofreportingontheseissues.C.f.Dias,N.(2017).*Reportingonanewageofdigitalastroturfing*,FirstDraftNews. https://firstdraftnews.com/digital-astroturfing/[accessed29/03/2018].

16 Thetermdeepfakeisaportmanteauof‘deeplearning’and‘fake’.ItinvolvesAItechnologyinthecreationoffraudulentcontent,sometimesofapornographicnature,thatisvirtuallyundetectable.Itisusedincyberattackstodiscreditpeople,includingjournalists.See:Cuthbertson,A(2018)*Whatis‘deepfake’porn?AIbringsface-swappingtodisturbingnewlevel*inNewsweekhttp://www.newsweek.com/what-deepfake-porn-ai-brings-face-swapping-disturbing-new-level-801328[accessed17/06/2018].

17 Ressa,M.(2016).*PropagandaWar:Weaponising the Internet*,Rappler.https://www.rappler.com/nation/148007-propaganda-war-weaponizing-internet[accessed30/03/2018].

- Оилаи сарватманде, ки барои ба даст овардани корхонаҳои калони давлатӣ ва сиёсатмадорони Африқои Ҷанубӣ айбдор мешавад, ки ширкати BellPottinger-ро барои таҳияи маъракаи мукаммали тарғиботӣ кироя кард. Паёмҳо тавассути империяи дезинформавӣ тавассути вебсайтҳо, васоити ахбори омма ва артиши муздноки кормандони Твиттер паҳн мешаванд, ки рӯзноманигорон, одамони корчаллон ва сиёсатмадоронро бо хабарҳо ва аксҳои таҳқиромез ва номатлуб дар Photoshop коркард мекунанд, то онҳоро таҳқир кунанд ва муқобили таҳқиқоти онҳо шаванд.[18] Муҳаррири машҳур Фериал Ҳаффаҷӣ дар ин муддат ҳадафи маъракаи таҳқир дар Интернет гардид, ки дар он симои ӯро барои эҷод кардани таассуроти бардурӯғи хислати ӯ коркард карда, ҳаштаги #presstitute (пресститутка)[19]-ро дар наздаш гузоштаанд.
- Воқеа бо рӯзноманигор Рана Айюб, ба муроҷиати панҷ гузоришгари махсуси СММ дар Ҳиндустон барои ҳимоя кардани рӯзноманигор, пас аз интишори оммавии маълумоти бардурӯғ, ки ба муқобили хабари танқидии ӯ нигаронида шудааст, оварда расонид. Рӯзноманигори мустақил объекти ҳилаи маълумоти бардурӯғ дар бораи шабакаҳои иҷтимоии ӯ, аз ҷумла видеоҳои "сохташудаи иттилооти рақамӣ" буд, ки бардурӯғ изҳор карданд, ки ӯ филмҳои порнографӣ таҳия кардааст, инчунин таҳдиди мустақими таҷовуз ба номус ва хатари марг[20] гашта буд.
- Ҳодиса бо рӯзноманигори Финляндия Ҷессика Аро дар боби ii) «Таҳдидҳои рақамии амният ва стратегияҳои дифоӣ» дар ин модул оварда шудааст.

Модулҳои дигар дар ин дастур усулҳои аниқи техникии санҷишро баррасӣ менамоянд, аммо муҳим аст, ки ба иштирокчиён имкон дода шавад, то ниятҳои бадхоҳонаи баъзе операторони Интернетро барои эҷод, паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва ғалат, ва таъсири барқасдона ба рӯзноманигорон бо истифодаи маълумоти бардурӯғ ва ғалат ҳамчун як қисми нақшаи таҳқирҳо, муайян кунанд.

### Масъалаҳои мубрами усулҳои техникии тафтиши иттилоот:

1. Оё дар зери ин репост ё тег нияти бад пинҳон шуда метавонад?

2. Онҳое, ки маводи иттилоотиро тавассути мубодилаи он нашр мекунанд, чӣ фоида мегиранд?

3. Агар ман ин маводро мубодила кунам, барои ман/эътибори касбии ман/хадамоти хабарӣ ё корфармо чӣ оқибате дошта метавонад?

4. Оё ман барои муайян кардани шахсияти ин одам/мансубияти ӯ ба ягон ташкилот/эътимоднокӣ/сабабҳо (масалан, оё онҳо мекӯшанд, ки маълумоти нодурустро паҳн кунанд ё аз фурӯши маводи иттилоотӣ бидуни асосҳои манфиатҳои ҷамъиятӣ фоида ба даст оваранд) ба қадри кофӣ кор кардам?

---

18 ExtensivedossierontheGupta’s‘fakenewsempire’availableathttps://www.timeslive.co.za/news/south-africa/2017-09-04-the-guptas-bell-pottinger-and-the-fake-news-propaganda-machine/.[accessed30/03/2018].

19 Haffajee,F.(2017).*FerialHaffajee:TheGuptafakenewsfactoryandme*.HuffPostSouthAfrica.[online]Availableat:https://www.huffingtonpost.co.za/2017/06/05/ferial-haffajee-the-gupta-fake-news-factory-and-me_a_22126282/ [accessed06/04/2018].

20 *UNexpertscallonIndiatoprotectjournalistRanaAyyubfromonlinehatecampaign*http://www.ohchr.org/EN/NewsEvents/Pages/DisplayNews.aspx?NewsID=23126&LangID=E;[accessed17/08/2018SeealsoAyyub,R.(2018).*InIndia,journalistsfaceslut-shamingandrapethreats*.https://www.nytimes.com/2018/05/22/opinion/india-journalists-slut-shaming-rape.html[accessed17/06/2018].

5. Оё ин одам аст ё робот?[21]

6. Агар шумо аз як хабардиҳандаи эҳтимолӣ "партофтаи маълумот" (сброс данных) гиред, оё пеш аз интишори тамоми маҷмӯи додаҳо шумо мундариҷаро мустақилона тафтиш мекунед ё не? Оё имкон дорад, ки ин додаҳо бо маълумоти бардурӯғ ва ғалат, ки қасдан гумроҳ ё бадном карданро дорад, таҳия карда шудаанд?

### *ii) Таҳдидҳо ба амнияти рақамӣ ва стратегияҳои дифоӣ*

Рӯзноманигорон, ҳомиёни ҳуқуқ ва блогерҳо/фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ ҳарчи бештар ба ҳамлаҳои киберӣ дучор меоянд ва маълумот ё манбаҳои онҳо аз ҷониби киберҷинояткорон, аз ҷумла тавассути фишинг, ҳамлаҳои нармафзорҳои зараррасон ва спуфинг, шикаста шуда метавонанд.[22]

### Намунаи ин амалия:

Рӯзноманигори таҳқиқотчӣ Ҷессика Аро, гирандаи ҷоизаи журналистӣ, ки дар канали давлатии Финляндия YLE кор мекунад, аз соли 2014 ҳадафи маъракаҳои муташаккилонаи «троллҳо» гашта буд. Ӯ ба таҳдиди амнияти рақамӣ дучор шуд, аз он ҷумла ба спуфинг ва доксинг[23], троллҳо маълумоти шахсии ӯро дастраси омма гардонида, дар бораи ӯ маълумоти бардурӯғ паҳн карданд, барномаҳои паёмнависӣ ва почтаи воридшавии ӯро бо паёмҳои хашмгин пур карданд. "*Онҳо бо телефон ба ман занг заданд ва ман шунидам, ки касе аз таппонча парронд. Баъдтар касе ба ман гӯё аз номи падари фавтидаам паём навишта, гуфт, ки вай аз паси ман поида истодааст*", мегӯяд ӯ.[24] Аро ба муҳаррироне, ки рӯзноманигорро аз таҳдид ҳимоят мекунанд, изҳори сипос кард ва журналистонро барои тафтиш ва фош кардани таблиғот ташвиқ кард.

Бинобар ин, барои рӯзноманигорон муҳим аст, ки аз таҳдидҳои зерин эҳтиёт бошанд:

*12 таҳдиди асосӣ ба амнияти рақамӣ*[25]

- *Назорати мақсаднок ва оммавӣ*
- *Нармафзорҳо ва дастгоҳҳои зараррасон бидуни огоҳии ҳадаф*
- *Ҳамлаҳои фишинг*[26]
- *Ҳамлаҳои қалбакии доменӣ*

21 Forexample,seehttps://botcheck.me

22 FromTechnopedia:Spoofingisafraudulentormaliciouspracticeinwhichcommunicationissentfromanunknownsourcedisguisedasasource knowntothereceiver.Emailspoofingisthemostcommonformofthispractice.Aspoofedemailmayalsocontainadditional threatslikeTrojansorotherviruses.Theseprogrammescancausesignificantcomputerdamagebytriggeringunexpectedactivities,remoteaccess, deletionoffilesandmorehttps://www.techopedia.com/definition/5398/spoofing[accessed29/03/2018].

23 FromTechnopedia:Doxingistheprocessofretrieving,hackingandpublishingotherpeople’sinformationsuchasnames,addresses,phonenumbersandcreditcarddetails.Doxingmaybetargetedtowardaspecificpersonoranorganisation.Therearemanyreasonsfordoxing,butoneofthemostpopulariscoercion.Doxingisaslangtermthatisderivedfromtheword“.doc”becausedocumentsareoftenretrievedandshared.Hackershavedevelopeddifferentwaystodox,butoneofthemostcommonmethodsisbyobtainingthevictim’semailandthenuncoveringthepasswordtoopen theiraccounttoobtainmorepersonalinformation. https://www.techopedia.com/definition/29025/doxing [accessed29/03/2018].

24 Aro,J.2016.*Thecyberspacewar:propagandaandtrollingaswarfaretools*.EuropeanView.SageJournals,June2016,Volume15,Issue1.http://journals.sagepub.com/doi/full/10.1007/s12290-016-0395-5[accessed20/07/2018].

25 Posetti,J.(2015).NewStudy:*Combattingtherisingthreatstojournalists’digitalsafety*(WAN-IFRA). https://blog.wan-ifra.org/2015/03/27/new-study-combatting-the-rising-threats-to-journalists-digital-safety [accessed30/03/2018].

26 King, G(2014)*Spearphishingattacksunderscorenecessityofdigitalvigilance*,CPJ. https://cpj.org/blog/2014/11/spear-phishing-attacks-underscore-necessity-of-dig.php[accessed29/03/2018].

- Ҳамлаҳои миёнарав[27]
- Ҳамлаҳои шакли «радкунии хидматрасонӣ» ва ҳамлаҳои тақсимшудаи шакли «радкунии хидматрасонӣ»[28]
- Таҳрифи намуди зоҳирии вебсайт
- Акаунтҳои шикасташудаи корбарон
- Таҳдид, таъқиб ва фош кардани маҷбурии шабакаҳои иҷтимоӣ
- Маъракаҳои бардурӯғкунанда ва PR-и сиёҳ
- Мусодираи корҳои журналистӣ ва
- Нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи маълумот

Стратегияҳои дифоъро нигаред дар: *Таъсиси амнияти рақамӣ барои журналистика.*[29]

Оқибатҳои истифодаи сарчашмаҳои махфӣ ва маълумотдиҳандагон, ки бо рӯзноманигорон ва дигар истеҳсолкунандагони ВАО кор мекунанд, нигаред дар: *Ҳимояи манбаъҳои журналистика дар асри технологияҳои рақамӣ.*[30]

## Эътироф ва назорати таъқиб ва зӯроварӣ дар Интернет

"Онҳо маро фоҳишаи ифлос, ҷӯгии лаънатӣ, зани яҳудӣ, фосиқаи мусулмонӣ, гадои юнонӣ, муҳоҷири нопок, девонаи аблаҳнамо, дурӯғгӯйи ҳузнангез, ғаразгӯи нафратангез номида буданд. Онҳо ба ман то ҳол мегӯянд, ки ба хона рав, худатро бикуш, ё онҳо худ маро тирборон мекунанд, забонамро мебуранд, ангуштонамро як ба як пора-пора мекунанд ва онҳо ба ман бо таҷовузи гурӯҳӣ ва таҷовузи ҷинсӣ таҳдид мекунанд."[31] Ин суханони рӯзноманигори маъруфи шведӣ Александра Паскалиду, ки соли 2016 қабл аз ҷаласаи Комиссияи Аврупо дар Брюссел дар бораи фикру андешаҳои худ дар Интернет изҳор намуда буд.

Афзоиши глобалии ин навъи таҳқир дар Интернет, ки ба рӯзноманигорони зан ва шарҳдиҳандагон нигаронида шудааст, СММ (аз ҷумла ЮНЕСКО[32]) ва дигар созмонҳоро водор кард, ки мушкилотро эътироф кунанд ва барои амал ва ҳалли онҳо даъват кунанд.

Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) ба тадқиқоте, ки таъсири байналмилалии таҳқири занони рӯзноманигор дар Интернетро нишон медиҳад, ки онҳо ба таври

---

27 TechnopediadefinitionofManintheMiddleAttack(MITM):"Aformofeavesdroppingwherecommunicationbetweentwousersismonitoredandmodifiedbyanunauthorisedparty.Generally,theattackeractivelyeavesdropsbyinterceptingapublickeymessageexchangeandretransmitsthemessagewhilereplacingtherequestedkeywithhisown".https://www.techopedia.com/definition/4018/man-in-the-middle-attack-mitm[accessed29/03/2018].

28 See definitions at Technopedia.https://www.techopedia.com/definition/24841/denial-of-service-attack-dosb.https://www.techopedia.com/definition/10261/distributed-denial-of-service-ddos[accessed29/03/2018].

29 Henrichsen,J.etal.(2015).*BuildingDigitalSafetyforJournalism*(UNESCO)Paris.http://unesdoc.unesco.org/images/0023/002323/232358e.pdf [accessed30/03/2018].

30 Posetti,J.(2017).*ProtectingJournalismSourcesintheDigitalAge*(UNESCO).Paris.http://unesdoc.unesco.org/images/0024/002480/248054E.pdf [accessed30/03/2018].

31 Posetti,J.(2016).*SwedishjournalistAlexandra Pascalidou DescribesOnline Threatsof SexualTortureandGraphic Abuse*inTheSydneyMorning Herald,24/11/2016. http://www.smh.com.au/lifestyle/news-and-views/swedish-broadcaster-alexandra-pascalidou-describes-online-threats-of-sexual-torture-and-graphic-abuse-20161124-gswuwv.html[accessed30/03/2018].

32 Posetti,J.(2017).*FightingBackAgainstProlificOnlineHarassment:MariaRessa*inL.Kilman(Ed)opcitSeealso:Resolution39ofUNESCO's39thGeneralConferencewhichnotes"thespecificthreatsfacedbywomenjournalistsincludingsexualharassmentandviolence,bothonlineandoffline."http://unesdoc.unesco.org/images/0026/002608/260889e.pdf[accessed29/03/2018].

номутаносиб ба ҳадафҳои "троллинги нафратангез" дучор шудаанд, маблағгузорӣ кард.[33]

Ин таҳқиқот пас аз як пажӯҳиши маркази таҳлилии Бритониёӣ Demos, ки садҳо ҳазор навиштаҷотро дар Твиттер таҳқиқ кардааст ва муайян кардааст, ки журналистика ягона категорияест, ки дар он ҷо занон нисбат ба мардон бештар ба ҳамла дучор мешаванд, "занони рӯзноманигор ва ровиёни ахбор ба таҳқир нисбати худ[34] тақрибан се маротиба зиёдтар аз ҳамтоёни мардонаи худ дучор мешаванд." Калимаҳои асосии таҳқиргарон ин «фоҳиша», «таҷовуз ба номус» ва «фосиқа» буданд.

Аломати ин таҳқир ба занони рӯзноманигор дар Интернет истифодаи тактикаҳои дезинформатсионӣ, дурӯғ дар бораи шахсияти онҳо ё кори онҳо ҳамчун воситаи паст кардани эътимод ба онҳо пароканда мешавад, воситаи таҳқир ва нияти зери по кардани тавзеҳот ва паёмҳои ҷамъиятии онҳо мебошад.

Илова кардани таҳдидҳои зӯроварӣ, аз ҷумла таҷовуз ба номус ва куштор ва таъсири "партов" (ҳамлаҳои оммавии органикӣ, муташаккил ё роботӣ нисбати шахсият дар Интернет) ин таъсирро боз ҳам бадтар карданд.

Табиати амиқи ин ҳамлаҳо, ки аксар вақт дар субҳ ва пеш аз хоб ба дастгоҳҳои шахсӣ дода мешуданд, таъсирро боз ҳам шадидтар карданд. "Рӯзҳое ҳастанд, ки ман аз зӯроварии даҳанакӣ бедор мешавам ва бо суханони ғазаболуди занбезор ва нажодпараст, ки дар гӯшҳоям садо медиҳанд, хоб мекунам. Ин ба монанди ҷанги доимӣ бо шиддатнокии амалиёти ҳарбӣ аст" мегӯяд Паскалид.

Дар Филиппин, роҳбар ва сардабири *Rappler* рӯзноманигор Мария Ресса[35] мисоли амалии мубориза алайҳи таъқиби фаъолона дар Интернет дар доираи маъракаи густурдаи иттилоотии бардурӯғ марбут ба давлат мебошад. Вай як мухбири собиқи CNN аст, вале мегӯяд, ки ягон таҷриба дар ин соҳа ӯро ба маъракаи густарда ва харобиовар бар зидди таҳқири гендерии онлайн, ки бар зидди вай дар соли 2016 оғоз ёфтааст, омода накардааст. "Онҳо маро зиштрӯй, саг, мор номиданд, таҳдид карданд, ки таҷовуз карда мекушанд" мегӯяд ӯ. Бо таҳдиди ҷазогирӣ Ресса ҳисоби вақтро гум кардааст. Ғайр аз ин, ӯ мавзӯи маъракаҳои ҳаштагӣ ба монанди #ArrestMariaRessa (Ҳабси Мария Ресса) ва # BringHerToTheSenate (Ӯро ба Сенат биоваред) гаштааст, ки ҳадафи ҷамъ кардани издиҳоми онлайн барои ҳамла, бадном кардани Ресса ва Rappler ва фурӯ нишонидани паёмҳои ӯ мебошад. "Зинаи хомӯшӣ оғоз ёфт. Ҳар касе, ки дар бораи куштори ғайрисудӣ танқид мекард ё савол медод, ба ҳамлаҳои бераҳмона гирифтор мешуд. Занҳо дар ҳолати бадтарин қарор гирифтанд. Ва мо фаҳмидем, ки система барои фишор овардан ва хомӯш кардани дигарандешон ва итоаткории журналистон ташкил шудааст. Мо омода набудем, ки саволҳои тезу тунд диҳем, ва албатта, нияти танқид карданро низ надоштем», мегӯяд Ресса.[36]

Стратегияи муқовимати Мария Ресса аз инҳо иборат аст:

- Эътироф кардани ҷиддияти мушкилӣ

33 OSCE(2016).*CounteringOnlineAbuseofFemaleJournalists*.http://www.osce.org/fom/220411?download=true[accessed30/03/2018].

34 Bartlett,J.etal.(2014)*MisogynyonTwitter*,Demos.https://www.demos.co.uk/files/MISOGYNY_ON_TWITTER.pdf[accessed30/03/2018].

35 MariaRessaischairofthejuryoftheUNESCO-GuillermoCanoWorldPressFreedomPrizehttps://en.unesco.org/prizes/guillermo-cano/jury.

36 Posetti,J.(2017).*FightingBackAgainstProlificOnlineHarassment:MariaRessa*inKilman,L.(Ed)AnAttackonOneisanAttackonAll(UNESCO).http://unesdoc.unesco.org/images/0025/002593/259399e.pdf [accessed30/03/2018].

- Эътироф кардани таъсироти равонӣ ва расонидани кӯмаки равонӣ ба кормандони зарардида

- Истифодаи таҳқиқоти журналистӣ ҳамчун силоҳ барои зарбаи ҷавобӣ[37]

- Муроҷиат ба шунавандагони бовафо, то онҳо барои пешгирӣ ва нигоҳдории ҳамла кӯмак расонанд

- Тақвияти чораҳои амниятӣ дар Интернет ва берун аз шабака (офлайн) ҳамчун ҷавоб ба таъқиб

- Муроҷиати ҷамъиятӣ ба платформаҳо (масалан, Facebook ва Twitter) барои андешидани тадбирҳои иловагӣ барои маҳдудсозӣ ва назорати мувофиқи таҳқиру таъқиб дар Интернет.

Барои мубориза бо таҳдиди афзояндаи таҳқир дар Интернет, инчунин эътироф кардани таҳқири ҳамешагии рӯзноманигорони оффлайн дар баробари маъракаҳои иттилоотии бардурӯғ муҳим аст. Масалан, як рӯзноманигори таҳқиқотчии австралиягӣ Венди Карлайл дар маҷлисе, ки соли 2011 дар Австралия тағирёбии иқлимро эътироф намекард, дар ҳоле, ки ӯ барои радиои ABC гузориш пешниҳод мекард, таҳқир, таъқиб ва фишороварӣ карданд. Таҳқирҳо ӯро маҷбур карданд, ки маҷлисро баҳри бехатарии худ тарк кунад.[38]

## *Мақсадҳои модул*

Ин модул: ба иштирокчиён дар бораи хатарҳои таҳқир дар Интернет дар шароити "бесарусомониҳои иттилоотӣ" нақл мекунад; ба ширкаткунандагон дар шинохтани таҳдидҳо кӯмак мекунад; ва малака ва воситаҳоро барои мубориза бо таҳқир дар Интернет таълим медиҳад. Мақсадҳо:

- Баланд бардоштани сатҳи огоҳии иштирокчиён дар бораи мушкиле, ба мисли киберҷинояткорон, ки рӯзноманигорон, манбаъҳои онҳо ва дигар сарчашмаҳои иттилоотро дар Интернет дар маъракаҳои иттилооти бардурӯғ/маъракаҳои марбут ба иттилооти бардурӯғ ҳадафи худ мегиранд;

- Ба иштирокчиён имконият фароҳам овардан дар бораи " астротерфинг" ва " троллинг", таҳдидҳо ба амнияти рақамӣ ва таҳқир дар Интернет маълумоте бештаре пайдо кунанд;

- Иштирокчиёнро бо дониш муҷаҳҳаз намудан, то ба мубориза бо "астротерфинг" ва "троллинг", таҳдидҳо ба амнияти рақамӣ ва таҳқир дар Интернет бо назардошти омилҳои гендерӣ омодагӣ бинанд.

---

37 ThiswasalsoatacticdeployedbyFerialHaffajeeinthe‘Guptaleaks’casestudyreferencedearlier.Sheusedinvestigativejournalismtechniquesa nddigitalsecurity‘detectives’tounmasksomeofthetrollswhohadbeentargetingherinaneffforttodiscreditherreportingof the scandal. See: https://www.news24.com/SouthAfrica/News/fake-news-peddlers-can-be-traced-hawks-20170123 [accessed16/06/2018].

38 Carlisle,W.(2011).*TheLordMoncktonRoadshow*,BackgroundBriefing,ABCRadioNational.http://www.abc.net.au/radionational/programs/backgroundbriefing/the-lord-monckton-roadshow/2923400[accessed30/03/2018].

## *Натиҷаҳои омӯзиш*

Дар охири ин модул иштирокчиён:

1. Дар бораи таъсири таҳқирҳо дар Интернет ба рӯзноманигорон, журналистика, паҳн кардани иттилоот ва озодии баён фаҳмиши амиқ мегиранд;

2. Дар бораи мушкилот, аз қабили киберҷинояткорон, ки рӯзноманигорон ва дигар манбаъҳои иттилоотро дар Интернет дар маъракаҳои иттилоотии ғалат/маъракаҳои иттилоотии бардурӯғ ҳадафи худ мегиранд, бештар дарк мекунанд;

3. Таҳдидҳои мушаххаси амниятро барои заноне, ки дар журналистика дар Интернет фаъолият мебаранд, мефаҳманд.

4. Онҳо киберҷинояткоронро дар Интернет, инчунин ҳолатҳои "астротерфинг", "троллинг", таҳдидҳо ба амнияти рақамӣ ва таҳқир дар Интернетро осонтар шинохта метавонанд;

5. Онҳо дар мубориза бо "астротерфинг", "троллинг", таҳдидҳо ба амнияти рақамӣ ва таҳқир дар Интернет бо назардошти омилҳои гендерӣ беҳтар муҷаҳҳаз карда мешаванд.

## *Формати модул*

Ин модул барои омӯзиш тариқи гуфтугӯи мустақим бо муаллим ё тавассути Интернет пешбинӣ шудааст. Он ба ду қисм тақсим мешавад: назария ва амалия.

### Алоқаи нақша бо натиҷаҳои омӯзиш

***А. Назари***

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| Лексияи интерактивӣ ва сессия дар шакли "Саволҳо ва ҷавобҳо" (90 дақиқа), ки метавонад дар шакли анъанавӣ ё тавассути вебинар пешниҳод карда шавад, иштироки фосилавиро дастгирӣ мекунад. Маводи лексияро аз назария ва мисолҳои боло гирифтан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, роҳбарони курсҳо инчунин ташвиқ карда мешаванд, ки дар давоми ин модул омӯзиши марбут ба сатҳи фарҳангӣ/маҳаллӣ гузаронанд. | 60-90 дақиқа | 1,2,3,4,5 |

### В. Амалия

| Нақшаи модул | Шумораи соат | Натиҷаҳои омӯзиш |
|---|---|---|
| Семинар/машӯулияти амалӣ (90 дақиқа) дар як синфхонаи анъанавӣ ё тавассути платформаҳои омӯзиши электронӣ ба монанди Moodle, Facebookgroups ё дигар хидматҳое, ки иштироки дурдастро тавассути Интернет дастгирӣ мекунанд, баргузор шуда метавонад. Семинар/машғулияти амалӣ метавонад бо формати зерин сурат гирад:<br>• Донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои кории 3-5 нафар дар ҳар як гурӯҳ тақсим кунед<br>• Ба ҳар як гурӯҳи корӣ як мисоли маводи иттилоотиро бо нияти бад тақсим кунед (пайдо кардани блогҳо ва каналҳои шабакаҳои иҷтимоӣ бо маводи иттилоотӣ, масалан, Мария Ресса, Ҷессика Аро ва Александра Паскалид, ҳодисаҳое, ки дар ин модул баррасӣ мешаванд), маъракаҳои нодурусти иттилоотӣ/маъракаҳои марбут ба иттилооти бардурӯғ/троллинг/астротерфинг/таҳқир дар Интернет.<br>• Ҳар як гурӯҳи корӣ бояд: маводро дар якҷоягӣ арзёбӣ кунад (одамон/гурӯҳи дар мавод нишон додашударо омӯзад); хатарҳо ва таҳдидҳоро муайян кунед (бо истинод ба омӯзиши дахлдори таъсир дар адабиёти тавсияшуда); нақшаи амалро барои вокуниш ба маводи пешниҳодшуда пешкаш намояд (ки метавонад эътирози стратегӣ дошта, тобеи корбарро ба платформа ё полис дар ҳолати зарурӣ таъин кунад, супоришро барои навиштани хабар дар бораи мушкилот пешкаш кунад) бо истифодаи 250 калима (бо истифода аз GoogleDocs ё ба ин монанд як барномаи таҳриркунии муштарак) хулосаи нақшаи амалии худро нависед ва ба муаллиматон пешниҳод кунед. | 90-120 дақиқа | 1,2,3,4,5 |

## Сохтори алтернативӣ

Барои омӯзиши амиқи масъалаҳо модулро дар шакли се дарси алоҳида зиёд кардан мумкин аст (ҳар як дарс тавре ки дар боло тавсиф шудааст аз ду қисм иборат аст):

- Шинохтан ва аксуламал кардан ба «троллинг» ва «астротерфинг»
- Моделсозии таҳдиди рақамӣ[39] ва стратегияҳои дифоӣ
- Дарёфткунӣ ва назорати таҳқир ва зӯроварӣ дар Интернет

39 Stray,J.(2014).*Securityforjournalists,PartTwo:ThreatModelling*.https://source.opennews.org/articles/security-journalists-part-two-threat-modeling/[accessed2/03/2018].

## Вазифаи пешниҳодшуда

Навиштани мақола иборат аз 1200 калима ё паёми аудиоии панҷ дақиқаӣ, паёми видеоии се дақиқаӣ ё инфографикии муфассали интерактивӣ дар асоси мусоҳиба бо як ё якчанд рӯзноманигор дар бораи таҷрибаи онҳо вобаста ба таҳқир дар Интернет (масалан, қурбонии маълумоти бардурӯғ шудааст/ё ба таҳдиди амнияти рақамӣ дар заминаи маъракаи густариши иттилоотӣ дучор омадааст ва/ё дар Интернет мавриди таъқиб ё таҳқир қарор гирифтааст) Иштирокчиён бояд ба як таҳқиқоти эътирофшуда дар маводи худ муроҷиат кунанд ва таъсири ин падидаҳоро ба журналистика/озодии баён ва ҳуқуқи ҷамъиятӣ ба иттилоот фаҳмонанд.

## Адабиёт


Aro,J.2016.*Thecyberspacewar:propagandaandtrollingaswarfaretools*.EuropeanView. SageJournals,June2016,Volume15,Issue1.http://journals.sagepub.com/doi/full/10.1007/s12290-016-0395-5[accessed20/07/2018].

Haffajee,F.(2017).*TheGuptaFakeNewsFactoryandMe*inTheHuffingtonPost.http://www.huffingtonpost.co.za/2017/06/05/ferial-haffajee-the-gupta-fake-news-factory-and-me_a_22126282/[accessed29/03/2018].

OSCE(2016).*CounteringOnlineAbuseofFemaleJournalists*.http://www.osce.org/fom/220411?download=true[accessed29/03/2018].

Posetti,J.(2017).*FightingBackAgainstProlificOnlineHarassment:MariaRessa*inL.Kilman(Ed)AnAttackonOneisanAttackonAll(UNESCO2017).http://unesdoc.unesco.org/images/0025/002593/259399e.pdf [accessed29/03/2018].

Posetti,J.(2016).*SwedishjournalistAlexandraPascalidouDescribesOnlineThreatsofSexualTortureandGraphicAbuse*inTheSydneyMorningHerald,24/11/2016.http://www.smh.com.au/lifestyle/news-and-views/swedish-broadcaster-alexandra-pascalidou-describes-online-threats-of-sexual-torture-and-graphic-abuse-20161124-gswuwv.html[accessed29/03/2018].

ReportersSansFrontieres(2018)*OnlineHarassmentofJournalists:Attackofthetrolls*ReportersWithout Borders:https://rsf.org/sites/default/files/rsf_report_on_online_harassment.pdf[accessed20/8/18].

RileyM,Etter,LandPradhan,B(2018)*AGlobalGuideToState-SponsoredTrolling*,Bloomberg:https://www.bloomberg.com/features/2018-government-sponsored-cyber-militia-cookbook/ [accessed21/07/2018].

Stray,J.(2014).*Securityforjournalists,PartTwo:ThreatModelling*.https://source.opennews.org/articles/security-journalists-part-two-threat-modeling/[accessed02/03/2018].

## Онлайн-захираҳо

**VIDEO**: *How to Tackle Trollsand Manage Online Harassment* – apaneldiscussionat the International Journalism Festival, Perugia, Italy (April 2017) with Julie Posetti (Fairfax Media), Hannah Storm (International News Safety Institute), Alexandra Pascalidou (Swedish journalist), Mary Hamilton (*The Guardian*), Blathnaid Healy (CNNi). Availableat: http://media.journalismfestival.com/programme/2017/managing-gendered-online-harrassment

# ҲАММУАЛЛИФОН

**Магда Абу Фадил** - директори Media Unlimited дар Лубнон.

**Фергус Белл** - коршиноси ҷамъоварии ахбори рақамӣ ва санҷиши мундариҷаи корбар аст. Муассиси Dig Deeper Media.

**Ҳосейн Дерахшан** - нависандаи эронӣ ва канадагӣ, муҳаққиқ дар маркази Шоренштейн дар мактаби Ҳарвард Кеннеди мебошад.

**Шерилин Ареретон** - рӯзноманигори африқои ҷанубӣ мебошад, ки дар Анҷумани ҷаҳонии рӯзномаҳо ваноширони хабарҳо (WAN-IFRA) Форуми Муҳаррирони Ҷаҳониро роҳбарӣ мекунад.

**Алексис Манзарлис** - Шабакаи байналмилалии ҷустуҷӯи далелҳо дар Донишкадаи Поинтерро роҳбарӣ мекунад.

**Алис Мэтюз** - рӯзноманигор оид ба масъалаҳои ҷории Ахбор ва Australian Broadcasting Corporation (ABC) дар Сидней мебошад.

**Ҷули Посетти -** Ҷули Позетти Роҳбари тадқиқоти ҷаҳонӣ дар Маркази байналмилалии рӯзноманигорӣ (ICFJ); Муҳаққиқи пешбари Маркази озодии ВАО-и Донишгоҳи Шеффилд (CFOM); Унвонҷӯи шарик оид ба омӯзиши Рӯзноманигории Институти  Рейтерс, Донишгоҳи Оксфорд

**Том Тревиннард** - роҳбари барномаҳо барои василаи тасдиқи сарчашмаи Meedan мебошад.

**Клэр Уардл** - директори иҷроияи лоиҳаи FirstDraft ва ходими илмӣ дар Маркази Шоренштейн оид ба ВАО, сиёсат ва сиёсати ҷамъиятии Ҳарвард Кеннеди мебошад**.**

# АКСҲО

**Саҳифаи унвон**: **ЮНЕСКО/Оскар Кастелланос**

**Модули 1**: Абхиҷит С Наир дар Unsplash

**Модули 2:** Кристоф Шолтс дар Flickr

**Модули 3**: Сэмюэл Зеллер дар Unsplash

**Модули 4**: Аарон Бурдон дар Unsplash

**Модули 5**: The Climate Reality Project дарUnsplash

**Модули 6**: Olloweb Solutions дар Unsplash

**Модули 7**: rawpixel дар Unsplash

**Саҳифаи охирин**: rawpixel дар Unsplash

# ОРОИШИ ГРАФИКИ

**Ҷ-би Клинтон** www.mrclinton.be

**Коршиносони берунии мустақил:** Профессор Илва Родни-Гумеде, шӯъбаи журналистика, филм ва телевизиони Донишгоҳи Йоханесбурги Африқои Ҷанубӣ; Басюни Ҳамада, профессор, кафедраи иртиботи омма, Коллеҷи илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ, Донишгоҳи Катарсӣ; Профессор Чейсон Харсин, Департаменти коммуникатсияи глобалӣ, Донишгоҳи амрикоии Париж.



Дастури мазкур як барномаи таълимии умумиҷаҳонӣ мебошад, ки барои қабул ва татбиқ кушода шудааст ва ба мушкилиҳои пайдоиши глобалии мушкилии иттилооти бардурӯғ, ки ба он ҷомеа дар маҷмӯъ ва алалхусус журналистика дучор мешаванд, вокуниш нишон медиҳад.

Ҳамчун як барномаи таълимии намунавӣ, ин нашрия барои омӯзгорон ва тренерони журналистика дар якҷоягӣ бо донишҷӯёни факултаи рӯзноманигорӣ бо чаҳорчӯба ва дарсҳое, ки ба онҳо дар ҳалли масъалаҳои марбут ба "хабарҳои қалбакӣ" кӯмак мерасонанд, пешниҳод шудааст. Мо инчунин умедворем, ки ин дастур барои рӯзноманигорони амалӣ муфид хоҳад буд.

Дастури мазкур саҳми устодони маъруфи байналмилалии журналистика, муҳаққиқон ва мутафаккирон дар такмили журналистика ва амалияи ҳалли мушкилоти марбут ба иттилооти бардурӯғ ва маълумоти нодурустро дар бар мегирад. Машғулиятҳо контекстуалӣ, назариявӣ мебошанд ва дар ҳолати санҷиши онлайни амалӣ мегузаранд. Якҷоя ҳамчун курс ва ё дар алоҳидагӣ истифода бурда шуда, онҳо метавонанд ба навсозии модулҳои мавҷудаи омӯзиш ё эҷод кардани пешниҳодҳои нав кӯмак кунанд.

Нашрияи мазкур як қисми Ташаббуси Глобалӣ оид ба баланд бардоштани таълими рӯзноманигорӣ мебошад, ки мавзӯи Барномаи байналмилалии ЮНЕСКО оид ба рушди коммуникатсия мебошад (IPDC). Ташаббус ба омӯзиш, амалия ва таҳқиқи журналистика аз нуқтаи назари глобалӣ, аз ҷумла мубодилаи таҷрибаҳои беҳтарини пешрафтаи ҷаҳонӣ равона шудааст.


UNESCO

Ташкилоти СММ
оид ба масоили маориф,
илм ва фарҳанг

IPDC **БАРНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА РУШДИ КОММУНИКАТСИЯ**

Бахши ЮНЕСКО "Иртибот ва Иттилоот" Майдони Фонтенуа 7, F-75352 Париж, 07 SP, Фаронса Маълумоти иловагиро дар ин сомона нигаред:ipdc.secretariat@unesco.org

9 789230 000998